# Бозор Собир



# БО ЧАМИДАН, БО ЧАШИДАН...



**Бозор Собир**

# БО ЧАМИДАН,
# БО ЧАШИДАН…

ДУШАНБЕ «АДИБ» 1987

**Худамро мебарам бар дӯши худ боз**

Агар устози шоир шоире буд,
Ки ӯро гашт дар устозӣ раҳбар,
Ман он шоир, ки устозе надорам,
Равон шуд шеъри ман аз шири модар.

Маро гӯянд агар шахси қаламкор,
Ба ёдам мерасад неши қаламхор,
Чу аз пушти шикор аз пушти ман рехт
Нахустин мисраам аз пои хуншор.

Нахустин байти ман дар дафтаре нест,
Нахустин байти ман дар подараҳҳост,
Ки ӯро пои урьёнам навишта,
Ба рӯи хок иншои кафи пост.

Заминҳои баланди лалмикорӣ
Барои ман алифбои ҳунар шуд.
Сари машқи хати ман дар заминҳо,
Хати хонои шудгори падар шуд...

Маро ин осмон шоир накардаст,
Гирифтам аз алафҳо бӯи ашъор.
Чу барге сабз шуд, ман ҳам шудам сабз,
Чу барге сӯхт, ман ҳам сӯхтам зор.

Маро аз пои кӯҳистон бипурсед,
Ки поям сангкӯбашро кашида,
Сару рӯям харошидаст гулхор,
Ба дӯшам ҷомаҳоямро дарида...

Барои ман, ки деҳқонам ба фитрат,
Каҳе ҳам мекунад бӯи бародар.
Ба дуньё омадам дар қаҳтсолӣ,
Ба рези пуштаҳо будам баробар.

Замин кандам, валекин зар наҷустам,
Биҷустам решаву тухми давоӣ,
Чу дидам гул ҷавон рафту хасе монд,
Гузаштам аз худову бехудоӣ.

Шунидам аз сари сахтам, ки дар хок,
Касеро ғайри сар сармояе нест.
Фалак парвои пайғамбар надорад,
Сарои осмониро пояе нест...

Қалам болои коғаз мекашам ман,
Ту ғӯӣ меравам раҳ лаб-лаби ҷар.
Ба худ гӯям, агар поят билағжад,
Худоро мон, бигир аз бутта беҳтар.

Маро аз хештан борест бар дӯш,
Набошам то ба мардум бори носоз.
Худам бори худам будам зи тифлӣ,
Худамро мебарам бар дӯши худ боз...

Қалам болои дафтар мекашам ман,
Шамиму маззаи пудина дар ёд.
Ба ғайр аз ғози мизони Ватан нест,
Хати ман дар ҳавои шеърӣ озод.

Ниҳодам ман пари коҳи Ватанро
Ба рӯи чашм, агар чашмам парида.

Ғами ӯро чу ғамҳои ятимӣ,
Ба нонаш хӯрда, бо обаш чашида.

Барои хоки ӯ дар ҷанги Гирмон,
Ман андар батни модар тир хӯрдам.
Маро бо тири Гирмон зод модар,
Намемирад Ватан, чун мап намурам.

**Фарзанди деҳқон**

Хаёли деҳа бӯи деҳа дорад
Барои ҳамчу ман фарзанди деҳқон.
Чу ёди кишту саҳро мекунам ман,
Хаёлам мешавад абри баҳорон.

Агарчи пинае дар дасти ман нест,
Нагӯям кори номушкил гирифтам,
Ки чоки пою дастони падарро
Чу мероси падар дар дил гирифтам.

Гар аз гулхору аз санги адирҳо
Кунун кам монда дар пои ман осор,
Даруни синаам ҷар мешавад сант,
Даруни синаам гул мекукад хор.

Замини шеъри ман гӯри сухан нест,
Давоми кӯҳу саҳрои диёр аст.
Забони модарии зиндаи ман
Забони барқу борони баҳор аст.

Лабамро чашмаҳо бикшода бар шеър,
Диламро гирьяҳои обшорон…
Хате не, ҷӯ ба ҷӯ то дафтари ман
Расида оби дарьёи Зарафшон...

Агар аз номи ман сатре бимонад,
Шумо, хонандагон, сатраш нахонед,
Ба ҳукми мисрае аз киштзорон
Ба назм оварда огардаш бидонед.

Давомӣ шир-шири барги алафҳост,
Ҳиҷою ҳарфи ман дар шеъри озод.
Ғазалҳои маро дар шабдаравҳо,
Ману шаббодаҳо кардем эҷод.

## Шоиру шеъре агар ҳаст...

*Дар сӯгвории Пабло Неруда*

Ман намедонам, ки дар савдои шеър
Шоири аз шоирӣ ношод кист,
Лек рӯзе бе ғазал, бе шеъри тар монад агар лабҳои ман,
Чун лабони чашмаҳои хушк парсин мезанад,
Ҳеҷ кас монанди мак ношод нест.

Шукри он вақте, ки аз банди ҷигар
Байтҳои тоза берун мешаванд...
Дар сади ҳар байт, ҳамчун дар сари гаҳворае,
Чун зани навзод шодам.
Дар сари ҳар байт, ҳамчун дар сари пайроҳае,
Гӯӣ маҳбӯси навозодам...

Шукри он шеъре, ки мисли кӯдаке
Бо азоби талх тавлидаш кунанд.
Рӯзи наврӯз аст ҳар рӯзе, ки халқе, миллале,
Дар ҷаҳон чун зодрӯзи шоире идаш кунанд...

Шоиру шеъре агар бошад,
Каси ғамхор ҳаст,
Каси бедору дили бедор ҳаст,
Гунаҳои тира аз шеър офтобӣ мешаванд,
Хушкиҳои синаҳо аз шеър обӣ мешаванд.

Шоиру шеъре агар ҳаст, ишқ ҳаст,
Раҳму армон ҳаст,
Яъне дар сари гаҳвораи тифлон ҳанӯз

Модарон шабзиндадорӣ мекунанд
Алла дар лаб, шир дар пистон ҳанӯз.

Мӯҳтарам халқе, ки ӯ Нерону Искандар надод,
Лек Колдерону Байрон дод ӯ.
Мӯҳтарам халқе, ки шоирпарвар аст,
Шоҳу пайғамбар кадорад, лек дорад шоире.

Шоире, к-аз синааш ҳар нуктаро
Меканад чун маъдане аз кон,
Балки ҳамчун порае аз ҷон,
Мисли маҳбусе, ки дар талвосаи ҷонканданаш
Меканад, девори маҳбасро ба дандон.

Халқ рӯзи тӯю вақти мотамаш
Дафтару девони ӯро мекушояд ҳамчу дастархони хеш.
Шеъри ӯро ташнаҳо чун об менӯшанду чун нони ҳалол
Гушнаҳо бо ҳам баробар бахшу қисмат мекунанд.

Шоиреро офаридан кори як садсолаест,
Сахт коре, бори як сайёраест.
Ҳамчу сарват шоире гум кардан осон асту лек,
Ҳамчу шӯҳрат шоире дарьёфтан бас мушкил аст.
Қитъае холист бе Фирдавсии тӯсӣ ҳанӯз,
Қитъае бечораи як шоири соҳибдил аст.

Гарчи шоирҳо дар олам дер пайдо мешаванд,
Гарчи нанги шоирӣ бар марг илқо мекунад,
Гарчи умри шоирон бисьёр нест,
Кӣ чу ман дар орзуи умри Ҳофизвор нест?

Кӣ намехоҳад, ки рӯзе не агар, як соате
Ҳамчу шоир зиндагонӣ карда,
Мирад шоире,

Шоҳкоре не агар, байте бимонад ёдбуд
Дар забони миллати худ.

Розиям бадбахт бошам, лек бошам шоире,
Розиям сарсахт башам, лек бошам шоире,
Розиям чун Саъди Салмон
Бо гуноҳи шоирӣ дар чоҳу зиндонам кунанд,
Чу Ҳилолӣ шеър дар лаб сангборонам кунанд.

Шоирӣ дар буду дар буньёди ман,
Кош бедармон шавад, дард аст агар,
Дарди ширин, дарди модарзоди ман.

Гар ҳато бошад, гаравгонаш сарам,
Дар баҳои сар намедонам хатои дигарам.
Розиям ман дар хатои шеър ранҷӯрам куранд,
Балки ҳамчун Рӯдакӣ кӯрам куранд

Розиям, мирам маро дар хок нагзоранду лек
Шеър дал дастам бимирам,
Шеър дал ҳалқам бимирам,
Шоири халқам бимирам.

**Муҷассамаи Айнӣ**

Халқ ҳамчун пайкареву пайкаре чул халқ хест,
Кӯҳи хоропайкаре дар ҳайкале бедор шуд.
Рӯи ӯ бар сӯи мову рӯи мо бар сӯи ӯст,
Халҳ дар тимсоли Айнӣ халқи минбардор шуд.

Ҳайкали ӯро ба хукми ҳайкали фарҳанг бин,
Нангро дар санг бину сангро дар нанг бин.
Ҳар кӣ ӯро дид агар, Фирдавсии нодида дид,
Бори Рустамро ҳанӯз аз Рахш ноафтида дид.

Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хома шуд,
Халқи моро дафтари Айнӣ шаҳодатнома шуд.
Сарзамини мо худ аз осори ӯ сар мешавад,
Ин замин бо ӯ ба дуньё баробар мешавад.

То ба Айнӣ гарчи дарьёи сухан шодоб буд,
То ба ӯ дар зиндагӣ пайроҳаи ноёб буд.
Мисли он рӯзе, ки онро метавон дар ёд дошт,
Дар лаби Вахшу Зарафшон мардуме беоб буд.

Ин ҳақиқат мекунад чашми мара ҳар бор тар,
Кас набуд дар Панҷрӯд аз Рӯдакӣ гумномтар.
Дар Фаранг аз аҳди Сомон гар асар мекофтанд,
Дар Бухоро тӯдае дуздона зар мекофтанд.

То ба Айнӣ шоирон танҳо ба танҳо хондаанд,
Ӯ суруди инқилоби халқро бо халҳ хонд.
То ба ӯ аз шоирон девону дафтар мондааст,
Ӯ ба мо девону дафтар, ҳам ватан, ҳам халқ монд.

Тоҷиконро аз замин чун донаҳо дарьёфт ӯ,
Чун китоби кӯҳна аз вайронаҳо дарьёфт ӯ.
Тоҷикистон гар на, ҳар як тоҷике осори ӯст,
Хотири бедори мардум хотири бедори ӯст.

Гарчи табъи Рӯдакӣ шеъри закӣ эҷод кард,
Офарин бар табъи Айнӣ, Рӯдакӣ эҷод кард.
Гар ба дунъё рафт Сино чун табиби иллате,
Кард ӯро ҳиммати Айнӣ табиби миллате.

Шукри ин марде, ки рӯи хораҳои кӯҳсор
Дар замин ҳамқомати давру замон истодааст,
Ҳамчу пири тоҷикон бо ҳайати пиронааш,
Дар мадори Тоҷикистони ҷавон истодааст.

Баъд аз ин бе зиндагонӣ зиндагонӣ мекунад,
Нашканад санги ҳаводис сангҳои ҳайкалаш.
Вақт агар вақте кунад аз рӯи ӯ қатъӣ назар,
Нешпоӣ мехӯрад дар санги пои ҳайкалаш.

## Антигона

*Илҳом аз муҷассамаи*
*«Модари Литва»*

Ман модарам,
Маломати дунъё кашидаам,
Ман модарам,
Ба кулфати дунъё гиристаам,
Ҳар чанд санг бастаам,
Ман зиндаам ҳанӯз
Ҳар чанд сангҳайкалам,
Ман нола мекунам.

Ман нола мекунам барои ҷигаргӯшаҳои хеш
Ман гирья мекунам барои шаҳидони навҷавон,
Ман рӯзи растохезие мехоҳам аз худо,
Ман рӯзи додпурсие мепурсам аз ҷаҳон.

Эй номуборакон!
То дар паи шиканҷаи олам нишастаед,
Ин хашми модаронаи ман кам намешавад,
Фарьёди модаронаи ман мерасад ба гӯш.

Шабҳо ман аз муҷассамаи мармарии хеш
Мехезаму ба қасди шумо мешавам равон,
Ку лаҳзае ба сояи ман рӯ ба рӯ шавед,
Эй ҳарзаҳои нохалаф,
Эй душманони ҷон!

Ку лаҳзае, ки аз сари роҳам гузар куед,

Эй ҳарзаҳо, ки панҷаи хунин кашидаед,
Аз кинаҳо насибаи хунин чашидаед.

Зоти шумо ҳама —
Сӯзандаҳи ҷон,
Созандаҳои маҳкамаҳоро ҳанӯз ҳам
Ман мешиносаму
Бар додгоҳи аҳли башар мекашам ҳанӯз.

Бо айби нанговару бераҳмии шумо
Дар синаҳо намонд ба ҷуз кинаҳои талх,
Дар обу хок ваҳшати хунхоҳиву аҷал,
Бар қасди ҷони одаму олам фурӯ нишаст...

То чанд инчунин,
Помоли марг мешавад омоли одамон,
Армони модарон?

То чанд зидагонии ноҷӯр мекунем?
Марговар аст роҳи мо дар рӯзгори мо,
Нохӯрда аст ҳиссаи мо дар диёри мо,
Ку баччаҳои ман...

Ку баччаҳои ман,
Эй сарварони чанг,
Эй ахтарони наҳс,
Мепурсам аз шмо?!

Бо он ки санг бастаам,
Ман боз зиндаам,
Аз ашки ман ҳанӯз
Тар мешавад замин,
Аз хашми ман ҳисори худо ларза мекусад.

## Забони модарӣ

Ҳарчӣ ӯ аз моли дуньё дошт, дод,
Хитаи Балху Бухоро дошт, дод,
Суннати волою девон дошт, дод,
Тахти Сомон дошт, дод.

Душмани донишгадояш «Дониш»-и Сино гирифт,
Душмани бесуннаташ девони Мавлоно гирифт.
Душмани санъатфурӯшаш санъати Беҳзод бурд,
Душмани бехонааш дар хонаи ӯ ҷо гирифт.

Дод ӯ аз даст гурзи Рустаму Сӯҳробро,
Барбарони нотавонеро тавоно казд ӯ.
Номи худро ҳамчу гӯри Рӯдакӣ аз ёд бурд,
Қотилони хешро машҳури дуньё кард ӯ.

Қомати кӯтоҳи манғит,
Аз манори каллаи аҳли Хуросон шуд баланд,
Пастии саҳрои Қипчоқ
Аз баландии Бадахшон шуд баланд.

Халқи тоҷик,
Халқи армон,
Об дар чашм,
Чун ятимон,
Дар лабаш хатм,
Чун асирон,
Аз ватан то бар кафан ҳар буду нобуде, ки буд,
Бар кафанталбу ватанталбандаҳо бахшиду дод,
Душмани дарвеши худро,

Шоҳу доро карду худ дарвеш шуд.

Дар миёни тангчашмоне, ки дар чашмонашон
Солҳои тангиро медид ӯ,
Гаҳ дар оташ,
Гоҳ дар об,
Таҳ ба таҳ бо сӯхтанҳои манори суғдиёнаш сӯхт, сӯхт,
Бо харабиҳои девору дари Афросиёбаш шуд хароб.

Лек лафзи модарияш,
Ҳамчу номи модараш,
Дар забону дар даҳонаш монд, монд.
Ҳар сухан бо шири модар,
Сахт шуд дар устухонаш монд, монд.

Худ ба худ дар гӯшаи хоки диёр
Аз ҷудоӣ, аз ғарибӣ,
Ӯ гиристу гирьяҳо бар обшорон ёд дод,
Лафзи куҳистоние бар боду борон ёд дод.
Рӯдҳоро Рӯдакидон кард ӯ,
Бодҳоро Анварихон кард ӯ.

Рӯзи ноободиаш тоҷик забон обод кард,
Дар забонаш давлати бедавлатӣ буньёд кард:
Давлате аз ҳарфи вазнин,
Давлате аз шеъри рангин,
Аз чунон шеъре, ки ҳар як мисрааш
Ҷӯяе аз хуни сарбозони ӯст,
Тораи нуре аз оташҳои зардуштони ӯст.

Гӯиё чун сайди маҷрӯҳ
Ӯ ҷароҳатҳои худро
Гаштаю баргашта лесид,
Бо забони худ даво кард.

Дар сарояш тоҷик аз бахти пагун
Гарчи бо габру мусулмон
Ҳамсаро буд,
Ҳамрасулу ҳамхудо буд,
Дар забон, аммо ҷудо буд.

Аз сари сад минбар афтоданд нозирҳои ӯ,
То наафтанд аз забони хештан.
Дар сари сад дор ҷон доданд шоирҳои ӯ,
То наафтад бар замин қадри сухан...

Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон,
Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст.
То забон дорад ватандор аст ӯ,
То забондор аст бисьёр аст ӯ.

**Тирамоҳ**

Мурғҳоро аз ҳаво дар тӯри боронҳо гирифта,
Ҷомаи гарми дарахтонро дарида,
Подаҳои бодҳояш сабзаву гулро чарида,
Тирамоҳи тира бар кӯям расида.

Селаи гунҷишки тар
Дар зери борон мезанад пар,
Ашки борон мечакад аз мижаи сабзи санавбар,
Ҳамчу аз мижгони духтар.

Қатраҳо аз шишаҳои хонаи ман метарованд,
Мерасад ин лаҳза чашми модари пирам ба хотир.
Ҳар қадар обе, ки ӯ дар зиндагонӣ хӯрда буд,
Зиндагӣ баргашта онро рехт аз чашмонаш охир.

Лонаҳои холиеро дида дар шохи дарахтон,
Кулбаҳои холии кӯи падарро мекунам ёд.
Мекунад он ҷо даҳони бози дарҳои шикаста
Ин замон фарьёдам аз дарҳаи бефарьёд...

Дар сари йн ёдбуди буду нобуд
Менишинам рӯ ба сӯи пуштаҳои хобу хоболуд.
Пуштаҳои зардро дар зери доман мекашад ҷуд,
Гӯӣ оташ мекунад дуд.

Асли ман, яъне ҷавониҳои нотакрори ман,
Ин замон дар пушти ин ҷуди сиёҳ аст,
Баъд аз ин дар пушти ин дуди сиёҳ аст,
Ман пур аз айбу гунаҳ,

Ӯ бегуноҳ аст...
Мурғҳоро аз ҳаво дар тӯри боронҳо гирифта,
Ҷомаи гарми дарахтонро дарида,
Сабзаву гулро чарида,
Хонаҳои холиро пур карда аз бод,
Синаҳои холиро пур карда аз ёд,
Тирамоҳи тира меояд,
Хира меояд.

Ин пагоҳӣ ман худамро
Ба парастуҳо ба он сӯи уфуқҳо мефиристам
Сӯ ба сӯ аз пушти гармо мефиристам,
То баҳорон, эй азизон!
То баҳорон нестам ман,
То баҳорон нестам.

## Тоҷикистон

Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Ҳар кучое рафтам аз оғӯши ту,
Даманамро ман такидам раҳ ба раҳ дар ҳар қадам,
Пои худро раҳ ба раҳ то сарҳадат
Бар замин афшонда рафтам,
Аз паям то кам нагардад заррае хоки камат.

Ҳар кучое об дидам,
Қатрае хӯрдам агар,
Ман гирифтам қатрае дар чашм,
То кунам оби туро як қатра бисьёр.

По ба ҳар хоке ниҳодам
Дар қатори раҳгузарҳо,
Гарди хокеро гирифтам дар сари мижгон.
Аз бароят ҳамчу савғо,
То кунам хоки туро як зарра бисьёр.

Ҳар кучое санг дидам,
Даст бурдам бар сараш,
Чун бар сари фарзанди хеш.
Гуфтам, ӯро аз Бадахшон кандаанд,
Тифли ширхори маро аз банди пистон кандаанд...

Ҳар кучо будам мусофир,
Роҳҳоро чун ғазалҳо,
Хат ба хат кардам ман аз ёд.
Роҳҳоро чун ғазалҳо бе ғалат кардам ман аз ёд,
То ки рӯзи бозгаштан

Беғалат оям ба сӯят...

Ҳар кучо будам, набудам,
Ман ҳамон фарзанди деҳқони туям,
Дар хаёли рези кӯҳсори ту ман ғам мехӯрам,
Аз барои сабзаю хори ту ман ғам мехӯрам.
Аз гулӯям нагзарад нони ту бе ғамҳои ту,
Бе ғами ту ман нахӯрдам об аз дарьёи ту.

Соати танҳоӣ сӯи кӯҳсорат меравам,
То сарамро бар сари санги ту монам як нафас,
То шавад рӯди равонат ҳамзабонам як нафас,
Гирьяҳои обшоронат маро гирьён кунад,
Абри борокат маро бо худ барад, борон кунад,
То ки дар танҳоиям танҳо намонам як нафас.

Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Мекунам шукри каму бисьёрӣ ту,
Мекунам шукрона аз озарму аз озари ту.
Аз ту ман сарват намехоҳам,
Ватан ҳастӣ, бас аст,
Бо хасу хорат баробар зиндагӣ кардан бас аст.

## Қисмати шоир

*Дар сӯгвории Лоҳутӣ*

Умре ҳама дар ҷону танаш шӯву шарар дошт,
Умре ҳама дар арсаи сарбозӣ ба сар бурд.
Сад бор гузашт аз таги шамшери шарирон,
Сад бор сияҳнома навиштанд амирон
Дар бастани ӯ бар қафасу кундаю зиндон.

Мероси тамаме, ки аз Эрон бигиифт ӯ,
Обилаи дасти падари коргараш буд,
Обилаи дастони падар дар ҷигараш буд,
Ин доғи дарун ҳамсафараш буд.

Аз хоки Хуросон,
То домани кӯҳҳои Зарафшону Бадахшон,
Дар рӯи заминҳо ба алом тухми сухан кишт,
То боми Ҷаҳон монд раҳораҳ асарашро,
Посираи ишқу алами пурсамарашро.

Дар синаи пуртобу табаш дар ҳама аҳвол
Аз ашки ятимону ғарибони диёраш
Як шаршараи дард
Резон буду резон,
Гирьён буду гирьён.
Дар синаи ӯ ашки сағирону асирон
Резону чакон рафт ба ҳар гӯшаи олам,
Чун хуни чакон дар қадами аскари маҷрӯҳ...
Ӯ зинда гузар кард басе баҳру бареро,
Гаҳ дар дами тӯфону гаҳе дар дами оташ,
Бо он ҳама андӯҳ, ки чун тӯшаи Эрон,

Ӯ ҳар қадаре хӯрд,
Шуд он қадар фаровон.

Ҳар ҷо ки қадам монд,
Дар ҳар қадаме дарду ғами тӯдаи уръён
Андӯҳу умеду ғазаби бардаю деҳқон,
Чун ҳамраҳи деринаи ӯ, аз паи ӯ гашт,
Гаҳ дар раҳи дуньёю гаҳе дар раҳи дилҳо...
Ӯ бар дили мо омаду роҳи сафараш низ,
Захми ҷигараш низ.

Ӯ бо ғаму хашму ғазабаш дар дили мо буд,
Бо байту сурудаш абадӣ дар дили мо монд.
Ӯро ғаму андӯҳи гарони ватанаш кушт,
То ӯ нарасиданд вале теғи амирон...
Чун шоири исьёнии оташсухани Шарқ,
Дар синаи мо зиндатар аз мурдаи ӯ нест.

Айём агарчанд басе тоҷу кулаҳро
Беқадр ба монанди кафи хоки сияҳ кард,
То ҳол баҳои сари Лоҳутӣ баланд аст,
Қозии амир аз сари хунаш нагузаштаст.

Ӯ дар дили мо монду вале баҳсу баён аст
Дар бастани ӯ байни вазирони диёраш.
Сад гӯру кафан мунтазири омадани ӯст,
Сад ҳалқаи доре сари ӯро нигарон аст.

**Бо чамидан, бо шамидан, бо чашидан...**

Боди Файзобод чун дар пушта гардон мешавад,
Косаҳои чашмҳоям чаппагардон мешавад.
Байни кӯрак монда меборад ағар кӯҳи Мазор
Хонаҳои чашмаҳоям мечакад беихтиёр.

Гӯиё ин лаҳзаҳо дар гардани Файзоваам
Дар таги лабгӯшаи як боми беандоваам.
Ёд дорам ин иморат хонақоҳи кӯҳна буд,
Дина ман даҳсолаву ин хона чумчуқхона буд.

Ин замон дар говгуми ёди ман бари дигар
Сурагардонии кампири Назокатро нигар,
Кӯрхатҳо мекунад моли ба саҳро мондаро,
Гӯӣ мечинад хаёлан донаи афтондаро.

Ман чу деҳқонзода бо он пуштаҳо ҳампайкарам,
Ман ба онҳо бастаи мӯи сафеди модарам,
Ширдӯшиҳои модар берун аз гӯшам нашуд,
Ҳум-ҳуми хобовараш умре фаромӯшам нашуд.

Ман Ватанро аз қафои пода таҳсис кардаам,
Рӯзу шаб бо панҷ ҳисси зотиам ҳис кардаам:
Бо забону чашму гӯшу бо димоғу дасту по,
Бо чамидан, бо чашидан, бо шамидан, бо садо.

Дар шикофи мӯр по мондам агар, мӯрам газид,
Гӯштам талх аст гуфтам, лек занбӯрам газид.
Аз заминҳо ман каҳу дон мекашидам пеш аз ин,
Хори дастамро ба дандон мекашидам пеш аз ин.

Ман Ватанро соф бе шарҳу баён фаҳмидаам,
Аз паи молу шамолаш раҳравон фаҳмидаам.
Ман ба ӯ вобастаам ҳам бо қадам, ҳам бо қалам,
Подароҳашро агар гум мекунам, гум мешавам.

Гӯрҳои латтабандиаш назаргоҳи мананд,
Гӯрҳои латтабандии қаламроҳи мананд.
Ғайр аз он як мушти калтути сари хоки падар
Андар ин дуьё наметарсам ман аз мушти дигар...

## Деҳқон

Маро шӯридаанд аз лои деҳқон,
Ба ҷое мерасам аз ҷои деҳқон.
Зи нон серам, вале серӣ надорам
Ман аз гандумии симои деҳқон.

Қаламчӯбам агар ҳампои ӯ шуд,
Қаламроҳам қадампартои ӯ шуд.
Ҳамоно бар дили ман мехалад хор,
Агар хоре халад бар пои деҳқон.

Яке аз қибла абри жола хезад,
Ба ташвиш аз дили маз нола хезад.
Ҳамоно жола резад бар сари ман,
Чу резад жола дар саҳрои деҳқон.

Ҳама асрори ӯ сири замин аст,
Каланди дасти ӯ тири замин аст.
Гиреҳи ҳар кулӯхеро кушояд
Каландаш ҳамчу нохунҳои деҳқон.

Ба каф ҳар обила чун пунбадона,
Ба мушти обила ояд ба хона.
Занад пундонаҳои обила неш
Ба дасти обилафарсои деҳқон.

Дар он даште намеронад кас испор,
Дар он ҷо обзахми санг бисьёр,
Дар он ишкуфаҳои шӯра кам нест
Ба пеши дидаи Синои деҳқон.

Набандад то сари нофи замин санг,
Намонад дона дар нофи замин танг,
Мулоим мекунад нофи заминро
Сипори панҷаи гирои деҳқон.

Ба захмаш хок мемолад, даво не,
Ба доғаш об пурсад, мӯмиё не.
Ҳамон хоку ҳамон оби дари ӯст
Ҳама маъҷуну мӯмиёи деҳқон.

Касе дидӣ ту попархам ситода.
Чу деҳқон дар ҷаҳон маҳкам ситода?
Ба кашмокаш наметвонӣ кашидан
Заминро аз сӯтуни пои деҳқон.

Ҳама ҷӯяндаи ҷои баланданд,
Баландафтодагони бекаланданд.
Вале ӯ дар кафи саҳрои тахт аст,
Баландӣ нест дар дуньёи деҳқон.

На танҳо ҳар ду чашмаш мешавад кӯр,
Агар шери фалак бошад, шавад мӯр,
Чу аз болои мағзи нони гандум
Касе бигзашт аз болои деҳқон.

## Духтари деҳқон

То ки надҳад заррае ҳусни туро барбод бод,
То насӯзонад лабатро офтоби пахтазор,
Духтари деҳқон, биё бар сояҳои шеъри ман,
Сохтам ман аз бароят шеърҳои соядор.

Он ҳама чанге, ки биншастаст дар мижгони ту,
Он ҳама бори забону бори мижгони ман аст.
Бо ту гардам рӯ ба рӯ аз шарм мерезам арак,
Гӯиё дар пахтаи дастони ту ҷони ман аст.

Дар даҳ ангушти ту аз обича мебинам нигин,
Дидаатро сурма хоки киштзорон асту бас.
Ғӯзаҳо дар пешӣ ту чун гӯши пур аз пахтаанд,
Пахтаҳоро мекашӣ аз ғӯза чун аз гӯши кас.

Гарчи зери гарди меҳнат монда сар то пои ту,
Домани пурпахтаат аз гарди тӯҳмат тоза аст.
Оби ҷӯят гарчи поёноби лойолудаест,
Обрӯят ҳамчунон борони раҳмат тоза аст.

Гарди зулфатро, биё, афшон ту дар чашмони ман,
Чунки мехоҳам наафтад ҳеҷ дар чашми ту гард.
Содарӯю содаандом духтари деҳқони ман,
Содагиат як қалам шеъри маро ҳам сода кард.

Об гӯӣ, шеъри ман обу ҳаво гӯӣ, ҳавост,
Соя гӯӣ, соябону сояրӯю соягоҳ.
Гар харошӣ панҷаатро, шеъри ман ёбад харош,
Офтобат гар занад, худ шеъри ман гардад сиёҳ.

## Дарахти садда шуд дар пушта модар

Дарахти садда шуд дар пушта модар,
Валекин пила мересад ба мардум.
Дар атрофаш парешон ғози хасрав,
Ба мисли риштаи печида саргум.

Ду фарсанг аст дурии ману ӯ,
Вале дар хотири мон беҳудуд аст.
Миёни мо басе санги лаҳадҳо,
Миёни мо ғами буду набуд аст...

Дар он ҷо хирмани коҳи падар буд,
Дар он ҷо, ки хирман мезанад моҳ.
Аз он гумноми мо дар хирманаш монд
Ҳамон боде, ки мегардад пур аз коҳ.

Бар он талҳои хомӯши хаёлӣ,
Ки парвин банди гандум менамояд,
Ҳанӯзам гушнамарги модари ман
Хаёли нони мардум менамояд.

Дар он талҳои хомӯши хаёлӣ
Бародарҳои ман хобанду ман не,
Дар он талҳо чу дар паҳлӯи модар,
Бубинам, ҷумла метобанду ман не.

Ҳамон як тарҳи сездаҳсолаи ман
Ба ранги соя мегардад ба ҳар дар.
Ба лаб табхолаву хасмола дар даст,
Ба гардан риштаи тӯмори модар...

Миёни мо ду тан як риштаи ноф,
Замоне решае буд, решаи тар,
Ки андар нофгоҳи пайкари ман
Гиреҳе монда аз он ришта охир.

Ҳамон рӯзе, ки нофамро буриданд
Шудам якбора ман аз реша беҷо.
Яку якбора аз дуньёи модар
Ба мушти баста афтодам ба дуньё.

Ниҳодам бар замин по аз паи ӯ,
Ки бо ман оби чашмонаш равон буд,
Ба ҳар ҷое,
ки по мемонд модар,
Замини баччагии ман ҳамон буд...

Кунам шукронаи нонрезаи халк,
Ки модар чид аз ҳар хона чун мӯр,
Намак хӯрдам ман аз ҳар хона бисьёр,
Шудам аз тифлӣ бо халқе намакхӯр.

Сари соле, ки ӯ бар қомати ман
Ба дандон ҷомаворӣ пора мекард,
Саропои ман аз карбоси мардум
Либоси хоксорӣ пора мекард.

Ҳама он ҷомаҳои бенавоӣ
Чу ҷилди кӯдакӣ афтод аз тан,
Валекин меҳри модар дар лилам монд,
Чу дарбеҳи дили садпораи ман...

Дарахти садда шуд дар пушта модар,
Дарахте қиссаҳо мебофад аз бод.

Аз он маҳтоби болои адирҳо
Лаганди ширу дӯғ ояд маро ёд...

Маро дар хонаи чашмаш нишонид,
Валекин хонаам н-омад ба дидан,
Ки рӯи модарам рӯи намозист,
Наёбад қибларо дар хонаи ман...

Дарахти садда шуд дар пушта модар,
Ба тифлонаш баромад бар баландӣ.
Чу мардум кӯҳнапӯшаш дида буданд,
Дарахти модарам шуд латтабандӣ.

## Ватан

Ба рӯи хас равон шавад,
Нахи мизони хасрават,
Яке расад ба хотирам
Қалобаҳои модарам.

Ватан, ватан, ватан, ватан,
Манам ба ту тани ба тан,
Қасам агар, каси туам,
Хасам агар, хаси туам.

Ба дидаи паридаам
Ниҳодаам пари каҳат,
Кафи дуо кушодаам
Ба доси моҳи бегаҳат.

Вуҷуди туст аз ду тан —
Тани замину ҷисми ман,
Ману туем ҳамбадан,
Ватан, ватан, ватан, ватан.

Ду чашми чору хираам
Ба хоктепаҳои ту,
Ба ҷои ин, ба ҷои он
Бимурдаам барои ту.

Ба пуштаҳо ниҳода пушт
Азизу авлиёи ту,
Бувад ягона кӯчи ман
Мазорпуштаҳои ту.

Шахи хамохами туро
Ба пою сар павиштаам.
Ба хуни дил ҳамосае
Ба пою сар павиштаам.

Ҳазор мушти санги ту
Бувад ҳазор мушти ман.
Дар ин ҷаҳон ҳарори туст,
Қарори ҳафт пушти ман.

Маро, ки гул буридааст
Сиёҳхори роғи ту.
Табу вабо намекушад,
Агар накушт доғи ту.

## Хонаи мӯр

Рӯи ба рӯ диламро
Пур кардаам зи ҳар боб,
Чун ҷомадони кампир
Аз ҷомаи кафанбоб.

Беҳуда ман давидам
Дарьёву ҷӯ гирифта.
Гулмоҳиро дигарҳо
Аз оби рӯ гирифта.

Фанне, ки зиндагонист,
Сад фан бувад дар ин фан,
Яъне, ки хол-хол аст
Монанди сояравшан.

Гар ину он кушоданд
Гоҳе дари диламро.
Гоҳе наметавонанд —
Ин дар намешавад во.

Ман тугмаи садоям
Дар пушти ин дари танг,
Ҳар қадр мефишоранд,
Он қадр мезанам занг.

Аз содагии ман нест,
Шеъре, ки сода гуфтам.
Худро ба мактаби худ
Ман ёд дода гуфтам.

Даъвии он надорам
К-аз шоирӣ хӯрам нон,
Ё пул кунам қаламро
Дар обхези даврон.

Ҳар сатри дафтари ман,
Чун мӯр меравад роҳ,
Гаҳ дона мекашонад,
Гаҳ тӯда мекунад коҳ.

Ҳар кӯр метавонад,
Номи маро кунад кӯр.
Дар рӯи раҳ фитодаст
Имрӯз хонаи мӯр.

Рӯи ба рӯ диламро
Пур кардаам зи ҳар боб,
Чун ҷомадони кампир
Аз ҷомаи кафанбоб.

Бо панҷаи фушурда
Ман омадам ба дуньё.
Бо панҷаи фушурда
Ман меравам намурда.

## Ба устод Сотим Улуғзода

Ҳастии бузургон чист?
Чизе, ки нагардад нест.
Ҷоне ҳама дар меҳнат,
Ҷисме ҳама дар сабқат.

Ҳамчун маҳи шабхӯрда,
Кам гаштану хам гаштан,
Ҳамчун маҳи нав аз нав,
Зам гаштану зам гаштан.

Садпора шудан сад бор,
Чун об ба ҳар сӯе,
Боз омада пайвастан,
Чун об ба як ҷӯе.

Беҷо шудан аз ҷое,
Аммо на ба вайронӣ,
Девори Бухоро буд,
Исмоили Сомонӣ.

Шиштан масали хуршед,
Ҷастан масали хуршед,
Хуршед ҳамешинад,
Хуршед намешинад.

Як зарра ҷудо гаштан,
Дар ҳар қадаме аз худ,
Як зарра адо гаштан,
Бо ҳар аламе аз худ.

Бар хеш асо кардан,
Болои баландатро,
Лағжида наафтодан,
Дар шебии умр аз по.

## Дар оғӯши кӯҳистон

Кӯҳ гуфтам ман,
Бадахшон кӯҳ гуфт,
Қуллаҳои осмонбӯси Зарафшон кӯҳ гуфт...
Кард овози маро такрор кӯҳистони ман,
Ҳамзабон, ҳамдард, ҳамтақдиру ҳамармони ман.

Кӯҳ гуфтам,
Бо тане аз санғи мармар,
Бо саре аз санги хоро
Сад ҳазорон паҳлавон аз хоб хест,
Сад ҳазорон қаҳрамон аз хоб хест...

Кӯҳ гуфтам,
Норасо овози ман
Лаҳзае дар кӯҳҳо печиду аксандоз шуд,
Бонг шуд, фарьёд шуд,
Оламе бо ман ба як овоз ҳамовоз шуд.

Кӯҳҳо, ин қуллаҳои саркаши фарьёдрас
Эй басо овозҳои норасобарҷастаро,
Хандаҳою гирьяҳои осмонӣ кардаанд,
Доду фарьёди ҷаҳонӣ кардаанд.

Аз сари ии қуллаҳо як оҳи кӯтоҳе бас аст,
То яке бархезад аз ҳар санг оҳ,
Оҳи кӯтоҳат шавад овозҳо,
То туро бинанд аз дур,
Бишнаванд аз дур...

Тухми мо дар рӯи олам он қадар бисьёр нест,
Лек то кӯҳу камар барҷо бувад,
Халқи мо он қадр каммиқдор нест,
Бо хурӯше, балки бо як норасо фарьёд ҳам,
Медиҳад овоз кӯҳистону дар оғӯши он,
Мо фаровон мешавем,
Мо ҳазорон мешавем.

То даме бо кӯҳсоронем,
Танҳо нестем:
Оҳи мо, овози моро
Мекунад ҳар санг такрор,
Саршумори тоҷиконро
Мекунад ҳар санг бисьёр.

**Тирамоҳ**

Сайр дорад абри озар
Гоҳ ҷамъу гаҳ парешон,
Чун хаёли мӯсафедон...
Селаи гунҷишкҳоро
Мезанад бо тири борон.

Лонаҳо чун чашми гирьён, —
Чашми гирьёни дарахтон.
Аз алафҳо мечакад об,
Мисли ашк аз нӯги мижгон.

Баргҳоро меканад бод,
Ҳамчунон авроқи тақвим.
Баргҳоро бурда боде
Мекунад бо бод тақсим.

Чун сабатҳо монда дар боғ
Каппаҳои боғбонҳо.
Ҷӯяҳо монанди гӯранд,
Хӯсаҳо ҳамчун чалипо.

То миён барчида деҳқон
Гӯшаҳои доманашро.
Мекашад бо хор ҷорӯб
Резҳои хирманашро.

Мефарояд барфмонанд
Аз ҳаво як села кафтар.
Мекунад як тӯда гунҷишк

Дар сари хирман паропар.

Бош-боши подабонҳо
Дар адирҳо гашта хомӯш.
Подабонҳо мефароянд
Аз адирҳо кӯч бар дӯш...

Сайр дорад абри озар
Гоҳ ҷамъу гаҳ парешон,
Чун хаёли мӯсафедон.

Баъд аз ин як соли олам
Талху ширин мешавад кӯр.
Як пагоҳӣ мезанад барф,
Роҳҳоро мекунад гӯр.

## Мақола

Оқибат ин рустой растанӣ гардад,
Дар миёни подароҳҳо,
Хоксори растаниҳо.

Хӯрда буд дар тифлиаш ӯ хоки рустоpо,
Охир ӯро мехӯрад он хоки рустo,
Мехӯрад ӯрову мерӯёнад ӯро.

Гӯши ӯро бодҳояш мекашиданд,
То ки ӯ аз баччаҳои гапдаро бошад.
Гар равад бар бод ҳам, бодӣ набошад.

Омад ӯ аз бодҳо худро ҷудо карда,
Меравад бар бодҳо худро раҳо карда,
То надонад кас, ки ӯ худро куҷо карда,
То надонад худ, ки ӯ худ дар куҷо буда.

Ин замон ӯро кӣ дида,
Ӯ ҳамоне нест, ки буда.
Менависад номаҳо дар хоби шабҳояш,
Лек дар чашмони хобаш айнаки пирист,
Номаҳои хобиашро низ бе айнак намебинад.

Чашми пирӣ сахт олӯс аст,
Ҳамчу чашми офтоби моҳи обон.
Бар замин мебингарад каҷ
Офтоб аз гӯшаи рӯзи зимистон.

Барфи аввал
Як шабе деворҳоро мекунад як печ болотар,
Ту саҳар аз пушти деворат сари ҳамсояи худро намебинӣ.
Ин ҳамон ёдовари барфи сари пирист,
Аз паси барфи сари пирии худ ту сояи худро намебинӣ,

Меравад ӯ пеш аз ин барф,
Пеш аз ин барфе, ки ӯро мекунад
Дар он сӯи ӯ пинҳон...

Оқибат ин рустой растанӣ гардад,
На ҳайкали сангин, ки шинад бар мазори хеш.
То нагӯянд ӯ ба рӯи гӯри худ шишта
Дар сари пушта.

Ё чу он шоир, ки нақши равшанаш нест,
Мадфанаш ҳасту фанаш нест,
Ё фанаш ҷуз мадфанаш нест.
Ҳеҷ кас монанди ӯ савдо накарда,
Қабри муфте баҳри худ пайдо накарда,

Оқибат ин рустой растанӣ гардад,
Растании подароҳҳо,
Хоксори растаниҳо.

Мепаранд аз ҳар тараф сӯяш
Он замон гунҷишкҳои баччаҳои ӯ.
Мекунанд аз шонаҳои чӯбиаш ғавғо
Он замон гунҷишкҳои баччаҳои ӯ.

Бар сари зонуи чӯбиаш
Менишинанд он замон гунҷишкҳои баччаҳои ӯ.
Ӯ дарахти тоқа хоҳад шуд,
Бо қаду болои чӯбиаш

Ӯ асои дасти боди пушта хоҳад шуд,
Ӯ асои дасти боди пушта хоҳад шуд!

**Барои Аслиддин Осимӣ**

Умеди офият он гаҳ бувад, ки набзи туро
Чу нӯги ришта ба дасташ бигирад Осимӣ.
Ҳазор дарду касолат туро нахоҳад кушт,
Агар ки медиҳадат ваъда умри доимӣ.

Дилаш сафед бувад, хилъаташ сафеди сафед,
Нишаста гарди замон дар шақиқаҳош сафед.
Ба ҳар кучо, ки қадам бар ниҳад сафед аст он,
Замини тира намояд ба зери пош сафед.

Чӣ аз ниҳоду чӣ аз зоҳиру чӣ аз ботин
Бувад сафедии устод гӯӣ беохир.
Ба ҷои шеъри сафедам миоди тасвираш
Чакид аз қалами дасти банда қатраи шир.

Ба гӯши худ бишунидам, ба чашми худ дидам,
Ки ҳайаташ ҳама дору, гапу забон доруст.
Даме, ки каф ба кафат бар ниҳад, аё бемор,
Бидон, ки дар кафат он лаҳза ҳабби ҷондоруст.

Чу бинад ӯ ба танат узвҳои ноқисро,
Агар тавонад иваз мекунад ба аъзояш.
Зи сангҳои берунӣ агар ҳамегузарад,
Ба сангҳои дарунӣ ҳамехӯрад пояш.

Гирифта он қадар аз гурдаҳои мо санге,
Ки метавон ба ҳамаш оварем чун девор.
Дар ин миёна аз он низ зинае биниҳем
Баланд дар қадами ин табиби устокор.

## Ширбаҳо

Шоир ҳама гар мӯй шуд аз мӯйшикофӣ,
Мӯи ту гувоҳ ҳаст, ки ман дар сари мӯям.
Дар дори баланли қаду дар риштаи мӯят,
Чун шоири мӯи ту авезон зи гулӯям.

Дар ҷисми ту сад мавсиму иқлими табиист,
Ҳар узви туро хоса яке фаслу ҳавоест.
Як сӯ ҳама як фаслу дигар сӯ ҳама як фасл,
Дар абрӯ маҳи хӯшаву дар тан маҳи моҳист.

Рӯида ба як ҷониби ту лолаи лабҳот,
Дар як тарафат пахтаи рӯи ту шукуфта.
Пушти сари ту ҳамчу шаби қутбӣ сиёҳ ҳаст,
Хирман зада дар пеши сарат моҳи дуҳафта.

Дар зулфи ту аз рӯзи азал мавсими бод аст,
Дар чашми ту аз рӯзи азал мавсими об аст.
Мижгони дарозат ба замин соя фиканда,
Аз сурмаи тар рӯи ба рӯ хам зада хоб аст.

Ғайри ту дар ин шаҳр касе ширбадан нест,
Ғайри ту дар ин шаҳр ҳама ширфурӯшанд.
Аз худ ба хабар бош, ки ин ширфурӯшон
Дар шири гуворои танат об нарезанд.

Он ҳалқаи гӯшат, ки маро ҳалқа намуда,
Чун ҳалқаи сифр асту вале сифри тилоист.
Дар пеши чунин сифри тилоӣ ҳама сифр аст,
Дар пеши чунин ҳалқа ҳама ҳалқаи холист.

Шоир ҳама пеш аз ман агар дасттиҳӣ буд,
Бо ҳурмати дастат, ки тиҳӣ нест маро даст.
Бобои туро ҷилди китобам ҳақи нон аст,
Момои туро шеъри сафедам ҳақи шир аст.

## Асп

Дар гӯшаҳои хотираи саргузашти ман,
Балки дар он диёр, ки гум кардаам падар,
Аспе ҳанӯз медаваду медавад ҳанӯз,
Аспе, ки нест пас аз ин ҷуз оҳи даргузар.

Пояш сафед, синаю пешонааш сафед,
Гоҳе чу бод меравад ӯ аз баробарам,
Гоҳе ба гӯш мерасад аз роҳҳои дур
Дар хоку санг зарбаи сумбаш ҳашӯз ҳам.

Гоҳе ба хез мекунад аз рӯдҳо гузар,
Дар гарми рӯз ташнаву ёлаш пур аз ғубор,
Гоҳе ба шаст медавад дар даштҳои сабз,
Чашмаш ба сӯи сабзаю себаргаи баҳор.

Дар кӯдакӣ шунидаму аз ёди ман нарафт
Овози наълу шеҳаи ин аспи ошно.
Гӯё ки саргузашти ман фарьёд мекунад
Бо ин садои гарм аз афсонаҳо маро.

Бо ин садо шунидаам, мехонад инчунин
Дар гӯши ман таронаи худро диёри ман.
Гӯё ҳанӯз бар дари кошонаи падар
Истодааст тифлиам дар интизори ман.

Истодааст бар дари он хонае, ки дӯш
Гар ҷои ханда буду агар ҷои гирья буд,
Дар он ба шодмоние мо ханда кардаем,
Бигристаем бо ғами хурду бузурги худ...

Ёдат ба хайр, тифлии озоду бегунох,
Ёдат ба хайр, хонаи деринаи падар,
Марде ки рафт аз бари мо дар ҷавониаш,
Хоҳам, ки пир ояду боз ояд ӯ ба бар.

Он пуштаҳои хилвату пайроҳаҳои кӯр,
К-овози наъли тозии ӯро шунидаанд,
Бошад, ки як пагоҳ зи дурии дуриҳо
Боре маро зи ҳастии ӯ бохабар кунанд...

Аз рӯй-рӯи хотираи саргузашти ман,
Балки аз он диёр, ки гум кардаам падар,
Аспе ҳанӯз медаваду медавад ҳанӯз,
Асле, ки нест пас аз ин ҷуз оҳӣ даргузар.

Тай шуд ҳазорҳо раҳу ҷуз дар раҳи хаёл
Бори дигар надидамат, эй аспи бодпо,
Ту то куҷо давидию ку он савораат
Ӯро ту дар ҷавониаш афкандӣ дар куҷо?

## Ҳамхуни лолаҳо

Медамад аз лолаҳо ҳардам фишори хуни дашт,
Ин замон ҷорист дар аъзои саҳро лолахун.
Метапад аз бодҳо набзи баҳори беғубор,
Мечакад аз дастҳои лолачинҳо лолахун.

Галаҳои обшорон мезанад дар дара дум,
Аспҳои обшоронанд ёлафшону маст.
Тӯдаву тит бар мисоли моли сарҳуй аст ҷуд,
Барги гандум мечарад аз пуштаҳои дурдаст.

Медиҳанд аз пушти анбӯҳи дарахтон бе калом
Сӯҳбати поринаи худро сафедорон давом,
Сӯҳбате пур аз лапишҳову лапишҳо сӯҳбате,
Сӯҳбате пур аз тапишҳову тапишҳо сӯҳбате.

Аз таги шабкӯраки чатрат баро хушрӯи ман,
Ин замон мерезад аз рагҳои борон ишқу об.
Аз ҳазорон қатраҳояш чашмҳо во кардааст
Аз барои дидани гесӯи ту борони ноб.

Дар баёзи гарданат занҷири борони баҳор,
Гардани ёрон бигир ҳамчун камони рангае.
Чун паранда дар ҳаво бо боли абрӯят бипар,
Бас, ки ту машқи баландабрӯпаронӣ кардаӣ.

Аз таги шабкӯраки чатрат баро хушрӯи ман,
Ғунчаҳо сурхида ҳамчун ғунчаи нохуни ту.
Дар чаҳон ғайр аз камои ранга ҳамранги ту нест,
Нест дар дунъё чу лолистон касе ҳамхуни ту.

Аз ту ҷонон узр мепурсам, ки аз ишқи ту дӯш,
Хондаам ҳамчун хунукхӯр шоире шеъри хунук.
Ҳам сухан меларзид аз табларза, ҳам аъзои ман,
Ман суханро дар зимистон ҷома пӯшондам тунук.

Дӯш камтар менамуд тоҷи хурӯси офтоб,
Рӯзу шаб буд нобаробар дар арӯзи офтоб.
Дида инро сатрҳои нобаробар сохтам,
Сатрҳоро ҳамчу ҳезумпораҳо чидам ба ҳам.

Рӯзу шаброосмон акнун баробар карда аст,
Сатрҳоро ман баробар мекунам бо рӯзу шаб.
Киштавор аз пӯст берун мешавам дар васфи ту,
То шикофад пӯстҳоро лаззати шеъру адаб.

Ин замон чӯбу қаламчӯб аст дар нашъу намо,
Ин замон чӯбу қалам чӯб аст шабнамрезу нам,
Нам-нами ҳарфу ҳиҷо мерезад аз чӯби қалам,
Шабнами ҳарфу ҳиҷо мерезад аз чӯби қалам,

Аз таги шабкӯраки чатрат баро хушрӯи ман,
Дар қаламчӯби ману дар чӯб наврӯз омада.
Садқаи ҳусни гулӯсӯзи туву қурбони ту,
Дар гулӯям луқмаи шеъри гулӯсӯз омада.

**Бо доғҳо дар боғҳо**

Ҳар кучо ошиқи муштоқе буд,
Чуфт шуд, чуфт, агар тоқе буд,
Боз чамъияти гул чамъ омад,
Боз рӯзи сухани Боқӣ шуд.

Халқ бо Боқиву Боқӣ бо халқ,
Гӯиё ҳамтану ҳамчон буданд.
Халқ бо Боқиву Боқӣ бо халқ,
Сурату сирати яксон буданд.

Пирро ҳамчу чавон хандондан
Агар аз чумлаи мумтозии ӯст,
Ҳамчунон соиқа хандон мурдан
Сабақи охири устозии ӯст...

Эй дареғо, чи қадар кӯтоҳ аст
Умри ҳар шоире чун умри гул,
Ҳар киро сактаи ашъор накушт,
Мекушад оқибаташ сактаи дил.

Сари он пушта сафедӣ дорад,
Абри мӯи сари Турсунзода,
Аз уфуқ чашм намебардорам
Ҳамчунон аз дари Турсунзода.

Ҳанӯз Ансорӣ нарафтаст аз ёд,
Меравад дуди сигораш бар бод.
Ман хаёлан ҳама дам меафтам
Аз ҳамон тоқ, ки Маҳмуд афтод.

Бо шукӯҳе, ки Шукӯҳиро буд,
Нарм мерафт ба мисли соя,
То ки аз хоб нагардад нофор
Тифли гаҳворагии ҳамсоя.

Хабари рӯи ҷаҳон ҳар соат
Гирд гардад ба сарам чун гирдоб.
Лек аз он дам ки Ҳабибулло нест,
Ман надорам хабаре аз Кӯлоб,

Ҳанӯз аз ҷилди китобаш бар ман
Сӯраташ тозаву тар механдад.
Сураташ бехабар аст аз маргаш,
Сураташ, бин, чи қадар механдад...

Шоиронро, ки ҷадалҳо доранд,
То аҷал зинда расидан мушкил,
Ҳар киро сактаи ашъор накушт,
Мекушад оқибаташ сактаи дил.

**Сабук**

Кӯҳи вазнин сояҳо дорад сабук,
Шахси ман ҳамсояҳо дорад сабук,
З-осиёби умр шуд мӯям сафед,
Чунки гарде дар ҳаво дорад сабук.

Обҳоро дида аз болои пул
Ногаҳон шуд дидаам аз об пур.
Ман шиновар нестам, лек акси ман
Хушк дар дарьё шино дорад сабук.

Мӯсафедонро ба ҳар ҷо дастрас
Доиман гар сутаи чӯб асту бас,
Мӯсафеди умри ман дар панҷааш
З-устухони ман асо дорад сабук.

Ман агар коҳӣ кунам дар зиндагӣ,
Коҳсимоӣ кунам дар зиндагӣ,
Зиндагонӣ қаҳрабоӣ мекунад,
Коҳи симои маро дорад сабук.

Дар тани даҳсолагӣ рафтам фурӯ,
Кӯдакию деҳа омад рӯ ба рӯ.
Кӯдакӣ аз ғозҳои хасраве
Риштаҳо дар банди по дорад сабук.

Даври хирманҳо гузашту ҳойҳо,
Монд бо мо ёди хирманҷойҳо,
Сӯи хирманҷойҳо беихтиёр
Мӯри чашмам рафтуо дорад сабук.

Ҳамчу кампири Назокат як қадам
Дил накӯчид аз деҳи кӯчидаам.
Дасти ларзони сафедораш маро
Аз лаби чарҳо дуо дорад сабук.

Ман намемирам чу ишкамхор хор,
Мекашам ман гардани худро ба дор
Дар хасе чун тортанҳои диёр,
То хасеям дар ҳаво дорад сабук.

***

Ҳар саҳар аз хандаи хуршеди ховар
Ман таваллуд мешавам як бори дигар.
Синаро во мекунам чун субҳи содиқ,
Дидаро во мекунам чун ғунчаи тар.

Мекафанд оҳиста-оҳиста
Ахтарон ҳамчун ҳубобе.
Нур мерезад ба рӯи шонаи ман офтоб
Чун ба рӯи пуштаҳои офтобӣ.

Ҳар пагоҳӣ селаи паррандагон гӯё
Мепаранд аз лонаи чашмони ман.
Ҳар пагоҳӣ ман хаёлан дар миёни кафтаронам,
Ҳар пагоҳӣ мекунам худрову мурғонро тамошо,
Ҳамчу кӯдакҳои кафтарбоз
Ман хаёлан мекунам бо кафтарон парвоз.

Сӯзани тиллои хуршед
Мехалад бар ҷумла аъсобам,
Мекунад дарди асабҳои маро дармон
Сӯзани тиллоии хуршеди тобон.

Ман таваллуд мешавам хуррам,
Ман таваллуд мешавам бо қатраи шабнам,
Ман таваллуд мешавам бо субҳ,
Ман таваллуд мешавам бе қубҳ.

Пас аз худ меравам монанди дарьё
Мешавам ҳар лаҳзае камтар.

Мешавам ҳар лаҳзае нобуд,
Мешавам ҳар лаҳза нохуштар.

Мезанад бар фарқи ман дасте,
Мезанад бар рӯи ман масте,
Мекунандам бе пару бе бол,
Мекунандам дар замин помол,
Пас дигар ман нестам ман...

Ғояти шаб,
Маҳ ки бедор асту мардум хоб,
Мечакад бе ман раҳорах,
То уфуқҳо ашки маҳтоб.

Моҳи шабрав мекунад бар мурданам бовар,
Боди шабрав мезанад дар,
Бар дари ман мезанад сар, мезанад сар...
Ғояти шаб нестам ман,
Ман таваллуд мешавам рӯзи дигар.

## Сипос

*Ба устод Шарифҷон Ҳусейнзода*

Бо асои қоматат худро қапида
Чун шавӣ пайдо ту дар толори донишгоҳ,
Бингаранд аз ҳар тараф сӯи ту шогирдон
Чун ба сӯи соати девори донишгоҳ.

Хотират ҷамъ аст гӯё бениҳоят,
Дар таги поят замин бошад кифоят.
Беғалат по мегузорӣ зина-зина,
Вақтро дар зери поят мефишорӣ зина-зина.

Ҳеҷ хомӯшӣ васеътар аз хамӯшии ту нест,
Гуфтугӯе беҳтар аз гапҳои гӯшии ту нест.
Дар хаёлам, қатраи ҳарфат
Мечакад аз мӯи барфат.

То ҳанӯз овозаву овозат аз ёдам нарафта,
Дарсҳои он ҳама озодат аз ёдам нарафта,
Олами тиллоии афсонаҳо будӣ,
Қиблаву қутби ҷавониҳои мо будӣ.

Гар бипурсандам, чиҳо омӯхтам аз мактаби ту,
Ҷаста аз ҷоям ишорат мекунам ман бар лаби ту.
Ҳам забони модариро,
Ҳам ғазалҳои дариро.
Ҳам забони модариро аз Ҳусейнзода,
Ҳам ғазалҳои дариро аз Ҳусейнзода.

Эй сипоси мӯю абрӯи сафедат,
Эй сипоси шонаи хамгаштаат.
Эй сипоси умри пурфайзат, ки бар ман
Андаке аз нури имонат расида,
Андаке аз гарди домонат расида.

Эй сипоси чун ту пири мӯсафедон,
Хӯҷаи Хизри қаламдастон.

## Такрор

Дар он кӯе, ки мегардад
Ба рӯи кулбаҳояш абри боронӣ,
Дар он кӯе, ки мерӯяд
Гули борониаш аз шири боронҳо,
Ман андар сурате такрор мегардам,
Чу тифли боду борон мешавам пайдо.

Баҳоре дар канори сангҳои сарди хоболуд,
Пас аз ман кӯдаке монанди ман овоз хоҳад хонд.
Ва ӯ молида рӯ дар сабзаи шодоби кӯҳистон,
Чу ман дар кӯдакиҳо хандаи мастона хоҳад кард.

Сипас бо хандаи он тифли бепарво
Саломе мефиристонам ба манзилҳо.
Ба мурғон мешавам ҳамроҳ,
Ба анбӯҳи дарахтон мешавам ҳамсаф.
Ба шодӣ мезанам ман дар сари сарчашмаҳо зону
Ки гирам чашмаҳои сабзро дар каф.

Ҳамон рӯзе, ки чӯбак мезанад дар бомҳо борон
Ва борон аз гулӯи новадон чун шир мерезад
Ва боронро замин чун шир менӯшад,
Ҳамон рӯзе сари деворҳоро лола мепӯшад,
Ману ҷуфти парастуе
Ба сӯи ошьёни кӯҳна меоем.

Ман охир бо баҳору бо парастуҳо
Ба ёди кӯдакиҳо медароям аз дари он кулбаи сангин,
Ки ҷабри гушнагӣ омӯхт,

Аммо чашми серам дод.
Маро дар хору хас биншонд,
Аммо табъи шеърам дод.

Хаёлу хотирам дар кӯи танҳоӣ
Ба рӯи пуштаҳо оҳиста мелағжад,
Ба рӯи чашмаҳо оҳиста мерезад.
Ман аз нав мекашам хуршедро дар қуллахо оғӯш,
Худамро мешиносонам ба ҳар як куллаи хомуш.

Дигар сар медиҳам овоз дар кӯҳсор,
Дигар ман сангҳоро мекунам бедор.

**Баччаҳои деҳотӣ**

Нарм-нармак тарона мехонанд
Аз лаби бому аз сари девор.
Баччаҳо, баччаҳои деҳотӣ,
Соддаю хушзабону беозор.

Аз дарахтон шукуфта мерезад.
Бӯи пудина мекунад дами бод.
Медаванд аз миёни майсаю об
Баччаҳо побараҳнаю дилшод.

Аз паси кӯдакони беларво,
Чун ҳаросак ситода бо сари хам,
Мекунам орзу, ки бори дигар,
Кошки ман ба тифлӣ баргардам.

Боз ман бошаму ҳавои баҳор,
Резаборону турнаҳои қатор.
Гузаронам чу мисрае аз ёд
Турнаҳоро ба чашм аз кӯҳсор.

Дар лаби обу обшороне
Гаҳ нишинам дубайтаҳо шунавам,
Ханда дар лаб, дубайтаҳо дар лаб,
Гаҳ худам обу обшор шавам.

Барраҳои сафеди тифлии ман —
Рамаи абрҳои фасли баҳор,
Дар канорам чарида хоб кунанд
Дар бари пӯштаҳои сабзи Ҳисор...

Ҳар баҳоре ба сӯи кӯҳистон,
Кӯдакиро ба ҷустуҷӯ оям.
Кош бо баччагии худ боре
Дар раҳи деҳа рӯ ба рӯ оям.

Кош ӯро бубинаму пурсам,
Бе ман ӯ дар куҷост саргардон.
Баъди ӯ дар кашокаши тақдир
Мондаам пургуноҳу бесомон.

***

Метаровад шафақ аз шишаи субҳ,
Мебарад чашми маро чун дарьё.
Ба ҳаво мегузаранд аз назарам
Субҳдам селаи мурғони ҳаво,

Гӯӣ аз лонаи чашмони ман
Мепаранд ин ҳама мурғони баҳор.
Ман ба онҳо ба алам менигарам,
Ки баҳор омаду ман бехабарам.

Хоҳам имрӯз парафшон бошам,
Ҳамраҳи селаи мурғон бошам,
Ҳамраҳи боди баҳорон бошам,
Ман парешон бошам.

Бигурезам магар аз хеш,
Бигурезам магар аз бехешӣ,
Ки ман умре каси танҳо будам,
Ҳама ҷо будаму беҷо будам.

Чун ба мурғони ҳаво мебинам,
Дар уфуқҳо дари во мебинам.
Хоҳам аз шодӣ ҳама пар гардам,
Чун парасту ба ватан баргардам.

Дилам озурдаву чашмам пурнам,
Бинишинам ба лаби боми падар
Ва дар он гӯшаи сабз
Лонае аз гилу хошок кунам.

**Кӯдакиям ҳанӯз гирьён аст**

Баччаҳоям барои ханда маро
Гоҳ-гоҳе ба ноз мепурсанд,
Ки гаҳи кӯдакии хеш магар
Мегиристам барои ширу шакар.

Шукри тақдирашон, намедонанд
Дар чаҳон гирьяест дардовар,
Гирьяе баҳри ях буридаи нон,
Гирьяе, гирьяе барои падар,
Ки сари гарьяи сағирон аст,
Гиръяи гирьяҳои инсон аст...

Кӯдакӣ, кӯдакии дар ба дарам
Сахт буд, сахт маҳду бистари ӯ.
Гӯиё қаҳтиҳою чанги чаҳон
Дӯш танҳо гузашт аз сари ӯ.

Дар ҳама сангу хоку хори диёр
Доғу дарди ятимии ман ҳаст.
Дар ҳама бодҳои саргардон
Оҳи сарди ятимии ман ҳаст.

Дар сари кӯчаҳои Файзобод
Чашм бар роҳи кӯҳна шому саҳар,
Кӯдакиям ҳанӯз гирьён аст
Дар кафи ӯ хати сиёҳи падар.

***

То саҳар бедор будам,
Кӯдаки ҳамсоям бедор буд.
Мешунидам гирьяашро,
Мешунидам аллаҳои модарашро.

То саҳар аз ҷунбиши гаҳвораash
Нарм меҷунбид дили огоҳи ман.
То нагирьяд кӯдаки ҳамсоям,
Дар лабонам алла мешуд оҳи ман.

Шеър мегуфтам,
вале аз хомаам
Ноаён имшаб ба ҷои шеъри тар
Шир мерехт,
Ҳамчу аз пистони модар.

Партави маҳ метаровид
То саҳар аз осмонҳо,
Ҳамчу шир аз ширполо.

То саҳар бедор будам,
Кӯдаки ҳамсоям бедор буд
Дар мани бедорхоб.
Сила мекардам сарашро,
Бӯса чашмони тарашро.

Балки ин навзоди гирьён
Зодаи табъи ману маҳтоб буд.
Кӯдаки шеъри мани бетоб буд.

Мегирист ӯ дар дили гирьёни ман,
Дар дили гиръёни ман чун ҷонӣ ман.
То саҳар мерехт аз мижгони ман
Ашки ӯ бар дафтару девони ман.

Кӯдаки шеърам —
Ятими синаам,
То саҳар гӯё ятимии маро
Бо алам такрор мекард,
Доғи дерини маро хуншор мекард.

То саҳар имшаб нахуфтам,
Лек шеъре ҳам нагуфтам.
Аз дили тангам наомад
Бар забон шеъри тари ман.
Донаи ашки равон шуд
Нуқтаҳои дафтари ман...

То саҳар маҳтоб буд,
Чашми ман пуроб буд.

***

Боз дар ҳошияи уфқи ҷануб
Селаи мурғи ҳаворо дидам,
Ҳамчу байти ғазали наврӯзӣ
Турнаҳоро дидам.

Кӯдакиям, ки фаромӯш шуда буд,
Боз якбора ба ёдам омад.
Боз чун мисраи гумкардаи хеш
Раҳи кӯҳпора ба ёдам омад.

Гуфтам, имрӯз ба деҳ баргардам,
Ки сари солу гулу борон аст.
Дар миёни гулу хору хаси ӯ
Зиндагӣ кардани ман осон аст.

Чи шавад, об шавам бо обаш,
Чи шавад, хор шавам бо хораш.
Донаи обила месабзонад
Дили ман бе ҳаваси шудгораш.

Аз забонбозӣ забон гум кардам,
Аз қаламкорӣ шудам дилмонда.
Он чи бо ҳарфу ҳиҷо мехонам,
Хондаҳоест пур аз нохонда.

Шеваи оби равон мехоҳам,
Безабонии забондонии бод,
То ки бе ҳарфу ҳиҷо ҳарф занам,
Бе забон шеър бигӯям аз ёд.

Пушта бар пушта маро ҳамроҳаш
Бибарад боди ватан оҳкашон,
Дара бар дарра маро гирьёнад
Гирьяи шаршараҳои гирьён...

Боз дар ҳошияи уфқи ҷануб
Селаи мурғи ҳаворо дидам.
Селаи мурғи ҳаво бурд маро
Ба диёри ҳавасу ишқу алам.

**Барои Лоиқ**

Дидаам шеъри туро дар пештоқи хонаву айвони тоҷик,
Дидаам шеъри туро
дар сангҳои гӯри фарзандони тоҷик.
Марсиятҳои туро чун аз паси тобути худ,
Хонда-хонда рафтаам ман аз паси тобути Маҳмуд...

Бо ту гоҳе соқии базми сағирон будаам,
Бо ту гоҳе низ дар базми вазирон будаам.
Бо ту гаҳ сайри мазористону бӯстон кардаам,
Орзуи гарди поҳои азизон кардаам.

Дидаам,
Дар дидаат нам
Сабзаҳои хоки Турсунзодаро бӯ мекашидӣ,
Мармари болои қабрашро ба паҳлу мекашидӣ...

Дина борон буду медидам димоғат тира буд,
Чашми ту бар кӯҳсорон хира буд...
Рӯзи боронӣ барои ҷумла фарзандони деҳ,
Нест ҷуз ёдовари бому дари вайрони деҳ,
Деҳа дар ёдат кунун бисьёр дур афтода буд,
Зери борон дар паси кӯҳи булур афтода буд.

Дар хаёлат мечакид ин лаҳза боми модарат,
Мечакид ин лаҳза гӯё боми модар бар сарат,
Дар хаёлат ашки модар буд ӯ,
борон набуд,
Пеши чашмат ёду армон буд,
кӯҳистон набуд.

Модар, эй модар,
Биҳишти кӯдакиҳои писар,
Ҳамраҳи афсонаҳои кӯдакиҳои писар,
Дар паси талҳои барфолуда аст,
Бо намозу рӯза тафреҳ мекунад,
Ҷомаҳои кӯҳна дарбеҳ мекунад,
Ӯ намедонад, ки шоир зодааст.

**Сафаре ба дилҳо**

Ҳар гаҳе дар орзуи шеър бардорам қалам,
Дар хаёлам рӯи Турсунзода гардон мешавад.
Ҳам қаламро, ҳам маро хомӯш гирьён мекунад,
Ашки ман-ашки ятими шеър борон мешавад.

Ҳамчу номи шоирии Тоҷикистони азиз
Номи ӯро дӯш дар гаҳвора аз бар кардаем.
Бар лаби мо шеъри ӯ дар кӯдакӣ омад ҳанӯз,
Шеъри ӯро нӯши ҷон бо шири модар кардаем.

Хандаи тифлонаи ӯро ба ёд орам агар,
Хандаи тифлонаам аз тифлӣ меояд ба ёд.
Кӯдакию навҷавонӣ монда буд дар ӯ ҳанӯз,
Ошиқию ишқи модарзоди ӯ поянда бод.

Боғшаҳри мо, ки бӯи наварӯсон мекунад,
Бӯи ёрон, бӯи оғӯши азизон мекунад,
Гар чу боғе меваи шодобу ширин додааст —
Бӯсаҳои ошиқону шеъри Турсунзода аст.

Халқ бар шеъри тару бар гармии дидори ӯ,
Чур бар иқлими ватан бисьёр одат карда буд.
Ҳар куҷое буд Турсунзода Мирзо, халқ буд,
Ҳар куҷое халқ буд, Мирзои Турсунзода буд.

Гарчи умре пой берун дошт аз маъвои хеш,
Бо ҷаҳонгардӣ агарчи дар ҷаҳон машҳӯр буд,
Ҷои ӯро дар ватан холӣ намедидем мо,
Ӯ на чун дерина, чун оянда аз мо дур буд.

Боз ҳам ӯ рафт, ҷояш ин сафар озод монд,
Аз сафарҳои пасинаш ин сафар дар ёд монд.
Ин сафар наздик буд раҳ, то лаби Варзоб буд,
Лек чун Варзоб дар чашмони мардум об буд...

Ҳар гаҳе дар орзуи шеър бардорам қалам,
Дар хаёлам рӯи Турсунзода гардон мешавад,
Ҳам қаламро, ҳам маро хомӯш гирьён мекунад,
Ашки ман, ашки ятими шеър борон мешавад.

Он ки мепурсад маро, он шоири мумтоз ку?
То ҷавобашро бигардонам, маро овоз ку?
Ман намегӯям, ки ӯ аз дори дуньё рафтааст,
Ҷои ӯ дар дида бул,
Акнун ба дилҳо рафтааст.

***

Чашм бар ҳошияи сабзи уфуқ,
Ҳавасу хоҳиши пар мекардам,
Аз дари хотираҳои ширин
Сӯи дӯшина назар мекардам.

Дур аз ман буду пур аз ман буд
Осмони тарафи кӯҳистон.
Ман аз ӯ будаму ӯ аз ман буд,
Гоҳ чун боду гаҳе чун борон.

Тӯдаи абри равон ҷингиламӯ
Тӯдаи баччаю духтар мешуд,
Гӯӣ дар пушта дарав мекарданд,
Худ ба худ дидаи ман тар мешуд.

Ватани кӯдакии ман буданд
Боду борони баҳору мурғон,
Ватани кӯдакии ман бе ман
Монда дар ҳошияи кӯҳистон.

Ман ба ӯ менигарам, менигарам,
Хати мурғони ҳаворо хонда,
Ӯ каси гумшудае мекобад
Абрҳоро ба сараш афшонда.

**Кӯдакӣ кӯ?**

Ало, эй теппаҳои сабзи гандумзор,
Ало, эй чашмаҳо, — эй чашмҳои ҷовидон гирьён,
Сафедорони пур аз лонаи мурғол,
Сафедорони дастафшон,
Чаро бо ман намесозед?
Рафиқи кӯҳнаи худро намепурсед?

Ало, эй кӯчаҳои танги Файзобод,
Ало, эй кулбаи бобоии пурбод,
Хасу хори сари қӯрғони Собирбой,
Даме дар гуфтугӯ оед,
Ки охир кӯдакиамро куҷо кардед?

Ҳамон рӯзе, ки ҳамчун ашк аз рухсор,
Маро пайроҳае мебурд аз кӯҳсор
Бирафтам,
кӯдакиро бар шумо додам,
Ки бе ман ӯ намонад дар ватан танҳо,
Тани танҳо.

Бирафтам,
Кӯдакиро дастиёри каҳкашон мондам,
Бирафтам,
Кӯдакиро дар адирҳо подабон меондам,
Кафи пояш пур аз хор,
Дар лабаш табхол,
Дар панҷааш хасмол,

Ба худ гуфтам,

Агар ман боз баргардам,
Варо аз селаҳои кафтарон фарьёд хоҳам кард,
Чу кафтарҳои дастомӯз.

Гули боронӣ мечинам,
Гаҳе дар зери боронҳо.
Миёни ҳалқаи рангинкамон тифлона механдам,
Ба кӯҳҳо меравад овози ман
Кӯҳсор механдад,
Маро санги ҷавобак медиҳад овоз.

Надонистам, ки кӯи кӯдакӣ хотирпарешон аст,
Маро охир фаромӯш мекунад осон,
Намебинад маро бори дигар чун тифл кӯҳистон.
Надонистам, ки ӯ дар пушта мемонад,
Надонистам, ки ӯ аз подабониҳо намеояд.
Пас аз ин раммаи шаббодаҳоро шабчаро бурда,
Пас аз ин подаҳои абрҳоро мечаронад дар бари талҳо,
Пас аз ин подаҳои абрҳоро мебарад дарьё.

Ало, эй теппаҳои сабзи гандумзор,
Ало, эй кӯчаҳои танги Файзобод,
Чаро хомӯшу хомӯшед,
Куҷо шуд кӯдакиам?
Кӯдакиамро кучо кардед?

Ман акнун дар диёри кӯдакӣ чун мурғи кукуям,
Ба кӯи кӯдакӣ чун мурғи куку мекунам куку:
Ку? Ку? Ку?
Ку? Ку? Ку?
Ва аз хори сари кӯрғони Собир мечакад борон.
Чӣ дидам дар диёри кӯдакиям?
Хор мегирьяд...

**Сарбоз**

Асо дар чанг,
Бари рӯяш пур аз ожанг...
Чӣ рӯе,
Вақт рӯи санги хороро
Харошидаст чун шаҳбоз
Бо ханҷору бо минқор,
Кунад то сангро хуншор...

Тамоми шаҳр пурҳарф асту ӯ хомӯш,
Тамоми шаҳр пешопешу ӯ охир.
Ба ҷои нуқтаҳояш нуқта мемонад
Асои дасти ӯ дар шаҳри гапногир.

Даме мӯи сафедашро,
Парешон мекунад бо панҷаи ларзон,
Ту гӯӣ абри боронӣ
Парешон мешавад дар фарқи кӯҳистон.

Ман ӯро ин саҳар дидам,
Ба мисли кӯдаке дар кӯча пай мечид,
Ба духтурхонае лапгон
Паи ҷанги ҷаҳон мебурд,
Даруни синааш аз дардҳои бедаво,
Дарди замон мебурд.

Қадам мемонд,
Вале дар ҳар қадам якбора меистод,
Ту гӯӣ нақши пояшро,
Чу эҷоди ҳаёташ,

Гаштаю баргашта аз рӯи замин мехонд...

Равон буд аз паси ӯ ҳар қадам
Ин нақш,
Ин эҷод.

Асои раҳбараш аз роҳи шаҳр ӯро
Гумон кардам,
Ба роҳи безаволӣ раҳбарӣ мекард…
Дар ин раҳ буд ӯ якто,
Ба пои чӯбинаш мерафт пеш аз мо,
Ба нӯги мижа мебардоштам ман хоки
пояшро.

**Кафшер**

Мезанад, фаввора ахгар.
Чун думи истора ахгар,
Бар замин мерезад ахгар,
Бар замин мерезад ахтар.

То шавад пайванди оҳан оҳане,
Сахт чун пайванди дилҳо,
Мегудозад оҳану месӯзад оҳан банд- банд.
Ҳаргиз осон нест пайванд,
Андар ин фан
Оҳан обу обҳо пӯлоду оҳан мешаванд.

Пеши ин кафшери оҳан
Мекунам ман фикри кафшери сухан.
Нуқта то барҷо бимонад ҷовидон,
Ҷовидон аз шоирӣ монад нишон,
Ҳарфро бо ҳарф мебояд чунин бигдохт гарм,
Ҳарфро бо ҳарф мебояд чунин пайванд кард.

Чашм бар фӯлоди маҳкам,
Орзуи шеъри маҳкам мекунам.
Ончунон шеъре, ки ҳар як мисрааш
Пеши он мардум,
ки дарьёро ба саҳро мебарад,
Дар ҳисоби новаҳаи оҳанин гирад қарор.

Шеър лафзу ҷумлаю ҳарфу ҳиҷо бошад агар,
душвор нест.
Лек лафзу ҷумлаю ҳарфу ҳиҷо ашъор нест...

Мисраи барқе, ки иншо мекунад абри баҳор,
Дастаи симе, ки ҳамчун панҷаҳои офтаб
Рӯшноӣ мебарад бар ҳар диёр,
Мисраи мо дар радифи он намеояд ба кор.

Бояд акнун бо табу тоби дигар пардохт шеър,
Аз сухан ҳамвазни чӯян сохт шеър,
Дар радифи шоҳбайти роҳи оҳан сохт шеър.

Сатрҳо чун сими ноқил
Бояд ангезанда бошанд.
Нуқтаҳо чун барқи кафшер
Тезу бигдозанда бошанд,
Шоирон созанда бошанд...

Дар ҳавои санъати кафшергар,
Пеши ин буньёду эҷод
Шоирӣ дар шеваи оҳангаре омад ба ёд,
К-ӯ дар оҳан порае аз одамӣ ҷо мекунад.
Оби фӯлоде, ки он дар санг мемонад асар,
Ҷавҳари фӯлод не, оби дили оҳангар аст.

Шеър ҳам имрӯзу фардо
Аз миёни одаму оҳан нахезад, ҳайф, ҳайф,
Ҷомае чун пораи алмос,
Ҳарфе ҳамчу дос,
Бар касе ҳоҷат наафтад, ҳайф, ҳайф.

Мисраро мебояд акнун
Бо қадамҳои замон андоза дод,
Дар қиёси шаҳсутунҳои баланди барқӣ
Норак баст байт,
Дар шумори кӯраи арзизи Регар гуфт ҳарф…

Мезанад фаввора ахгар,
Чун думи истора ахгар,
Бар замин мерезад ахтар аз сари кафшергар.
Ҳамчу ахтар
Ӯ ба сӯи моҳу Кайвон
Гарчи сар боло накардаст,
Дар замин кайҳоннавард аст.
То бимонад ҷовидон пайванди ӯ,
Чун нишони дасти оҳанбанди ӯ,
Ӯ дили дарьёи худро,
Ишқу армонҳои худро
Ҷавҳари мазмуни ин фан мекунад,
Вақтро кафшер дар фӯлоду оҳан мекунад.

***

Мо кӯдакон будем...
Моро занони бекасу бечора зодаанд,
Мо хом зодаем,
Мо норасидаем.

Дар адли навҷавонии худ модарони мо,
Бе оби чашм хандаву шодӣ накардаанд.
Дар рӯзи навҷавонӣ ба пирӣ расидаанд,
Як дона ҷав ба донаи ашке харидаанд.

Дар тан либоси пораву пурпина дасту по,
Аз пуштаҳо кашида ба сар банди хору хас,
Аз киштазор хӯшаи афтода чидаанд.
Дар зиндагии хеш фаромӯш будаанд.

Бо жандаву ба пораи собуну нони ҷав
Буду набуди хонаи худро фурӯхтаанд.
Дар гушнагӣ кабоби ятимони хешро
Аз пораи дилу ҷигари хеш пухтаанд.

Он рӯзҳо, ки кулбаи зору низори мо
Ҳамчун мазор буду пур аз чашми чор буд,
Бар дӯши модарони мо
Бори миёншикани мову рӯзгор буд.

Мо хом зодаем,
Моро занони бе касу бечора зодаанд.
Бо хоки раҳ баробару бекора зодаад,
Дар кулбаҳои сард,

Бо гунаҳои зад.

Мо кӯдакон будем...
Дар кӯдакии хеш
Гар хӯрдаем,
Зағораи маҳтоб хӯрдаем,
Нони дитар зи хони шаби хоб
хӯрдаем.

Мо кӯдакон будем...
Дар кӯдакии хеш
Ҷуз донаҳои ашк
Доне надидаем.
Ҷуз хӯшаҳои ашки
ятимӣ начидаем,

Мо кӯдакон будем,
Он рӯзҳо,
ки деҳкадаи
дурдасти мо
Дур аз даҳони ҷанг,
Бо қаҳтӣ ҷанг дошт,
Мардони ланг дошт.

Он рӯзҳои наҳс
Нозу ниёзи мо
Аз мо ҷудо шуданд.
Афсонаҳои
тифлии дуру дарози мо,
Афсонаҳои
талхи ятимии мо шуданд...

Дар кулбаҳои тор,
Дар пуштаи мазор

Аз кӯдакӣ нишони
дилозор мондаем,
Ҳамчун мазор пуштаи бисьёр мондаем.

Дар гӯши ман ҳанӯз,
Дар ҳуши ман ҳанӯз,
Фарьёд мекунанд
Аз рӯзҳои тор,
Тифлони кӯҳсор

**Абрҳо**

Он ҳама абри парешоне,
ки чун хобу хаёл
Дар канори кӯҳсор,
Дар лаби оби равон биншастаанд,
Хоҳарони ҷонии кокулпарешони mананд.

Хоҳарони ҷониам аз саргузашти ман ҳанӯз
Гоҳ-гоҳ ин гуна пайдо мешаванд.
Кокулони хешро дар чашмаҳо тар мекунанд,
Курта мешӯянд дар болои саг,
Куртаҳои сону карбосу фаранг...

Абрҳо мушти паранд,
Абрҳо аз духтарон ёдоваранд.
Пораҳои абри озоди хаёлангезро
Дар заминҳо дида мегӯям, ки хоҳарҳои ман,
Пои пурхор,
Дасти хуншор,
Мондаанд аз шабдаравҳо
Ҷовидон дар пуштаҳои кӯҳсор.
Бо хаёли нони гандум,
Бо хаёли хирмани ҷав,
Мекунад оҳи ману оҳи дили худро дарав.

Ногаҳон хомӯш мехонад лаби хомӯши ман,
Байтҳои кӯҳнаро дар гӯши ман.
Шеваи дӯшина меояд ба ёд,
Байтҳои роғии дерина меояд ба ёд.

Байтҳое бӯи фарзандони деҳқон доштанд,
Чангу бӯи ғаллазорон доштанд.
Байтҳое гарди хоки пои ёрон доштанд,
Дарди ҳиҷрон доштанд,
Гирьяҳо аз ҷанги Гирмон доштанд.

Доғи аскарбачаҳои дури кӯҳистон буданд,
Лобаҳои духтарони ошиқи нолон буданд.
Байт не,
Ашки сари мижгон буданд.

Бо ҳавои доси хоҳарҳои пурармони ман,
Чун сарак дар пуштаҳо мерехтанд
Хӯшаҳои чорбайтиҳои деҳистони ман.
Байти армон,
Байти ҳиҷрон —
Оҳи дил мешуд парешон
Пеш-пеши боду борон.

Он қадар байте, ки аз лабҳои хоҳарҳои ман,
Сӯ ба сӯ шаббодаҳо бурданд дар лабҳои хеш,
Он қадар доғе, ки аз дилҳои хоҳарҳои ман
Сӯ ба сӯ чун тухми гандум дар заминҳо
рехтанд, —
Он ҳама дар пуштаҳо рӯянд агар,
Мезанам ман бӯса гирьён
Пуштаҳоро пой то сар,
Пуштаҳоро мекунам тар...

Хӯшаҳои талху ширин —
Чорбайтиҳои дерин.
Монда андар киштзорон,
Монда андар кӯҳсоран,

Байтҳои резаборон гаштаанд,
Гирьяҳои обшорон гаштаанд.

**Ба хотираи профессор Темур Собиров**

То маро роҳи хаёлаш бибарад аз паси ӯ,
Дина шаб сӯи ба сӯ аз паи ёдаш будам.
Чашм пуробу чу оташзада аз пушти сароб,
Ҳама шаб кӯи ба кӯ аз паи ёдаш будам.

То расад бӯи вай аз бод, гирифтам раҳи бод,
Бод бе бӯи вай омад ба ман аз Файзобод.
Гуфтам, эй бод, чӣ медонӣ ту аз додари ман,
Хок зад бар сари ман боду гузатш аз сари ман.

Боғ рафтам, ки ман ӯро зи дарахтон пурсам,
Пеши ҳар буттаву барге кунам аз ӯ зора.
Боғ нашнида маро барги хазон афшонид,
Кард пероҳани зардӯзии худ садпора.

Нигарон сӯи ҳаво аз қафаси маҷнунбед,
Ҳайф хӯрам, ки ғами хеш нахурдам барвақт.
Нигарон сӯи ҳаво аз қафаси маҷнунбед
Ҳайф хӯрдам, ки барои чӣ намурдам барвақт.

То ки дар ёди бародар нашавам обу адо,
То намонад дилам аз зиндагиву аз дуньё,
То набинам ба ҷаҳон доғи бародарро ҳеҷ,
То маро доғи бародар накушад бо тадриҷ...

Нигарон сӯи ҳаво бин, ки чи манзар дидам,
Абру аз абри гузар тӯдаи дафтар дидам,
Абру аз абри гузар болишу бистар дилам,
Маҳи бишкастае дар бистари додар дилам.

Менамуд боз яке манзараи даргузаре,
Ки манаш дидаму хоҳам, ки набинад дигаре,
Ашки ман ҳар қадар аз чашм ниҳонаш мекард,
Осмон пеши назар боз аёнаш мекард.

Тӯдаи абри равон буду дар он тӯдаи абр,
Товасангонӣ сафеду сияҳи гӯристон.
Тӯдаи абри равон буду дар он тӯдаи абр,
Тали пурхору хаси деҳкадаи Сӯфиён.

Гуфтам эй абр, аз он олами абрӣ чӣ хабар,
Ҷигарам сӯхт, маро гум шуда фарзанди падар.
Ӯ ки дар рӯи замин нест, магар он ҷо нест,
Паси талҳои булӯрии ҳаво ҷои кист?

Нашунидам, ки чӣ гуфту чӣ нагуфт абри равон
Лек хуноба чакид аз даҳани новардон,
Ҷӯй лабрез шуд аз хуни сафеди борон,
Рафт дар коми замин хуни раги чӯйборон...

Нигарон сӯи ҳаво будаму хобам бурдаст,
Шудам аз чак-чаки борони дарахтон бедор.
Нигарам, кӯҳ паси сар задааст аз рӯяш
Шаби гирьёни ғамомии маро чодарвор.

Дили ман обу вале аз шафақи алвонӣ
Ҳамчу табхола лаби гарми уфуқ гул баста.
Задам оҳе, ки шафақ нест, замин мебандад,
Саҳар аз доғи дили гумшудаҳо гулдаста.

**«Шаҳри Осӣ»**

*Дар ҳафриёти Суғд*

Чунон карда онро қазою қадар,
Ки аз чоки чоҳу танӯр,
Чу бо чашмҳои сияҳкӯр,
Нигаҳ мекунад кӯр-кӯрона сӯи фалак.

Ба ҳайкалчаҳои худоёну пайғамбарон
Фурӯ монда дар ҳар мағок,
Даҳанҳо пур аз хок...

Агар ҳаст шайтон,
Бар ин пушта бисьёр хандидааст,
Ки ба рӯи пайғамбарони биринҷӣ
Ғубори ғамангези хокистар аст,
Ба фарқи худоён паи ханҷар аст.

Агар буда Ҳурмӯз,
Бар ин хокдон сахт бигристааст,
Ба ҷои ҳама бевазанҳои садсолаҳо,
Ба ҷои ҳама навҳагарҳои вайронаҳо,
Ба ҷои ҳама ин пароканда деворҳо,
Ки бар ин харобот биншастаанд,
Чу мотамнишинон,
Чу пистонсияҳ модарон
Ба гӯри ҷигаргӯшаҳои ҷавон.

Дар оғӯши ҳар пуштаи кӯзпушт
Ниёгони бадбахт хобидаанд,

Ба сар хишти аркону девонашон
Ва дар синаҳо тири чочӣ камон.
Ба худ асри тиллоиро бурдаанд....
Валекин чунин бекафан мурдаанд...

Дар ин ҳар мағоке ки бо ҳалқи хушк
Аз абри гузар об дорад талаб,
Фурӯ рехта оби рӯи ҷаҳон
Ва хуни ҷигарҳои пиру ҷавон.

Фурӯ рафта дар ин даҳанҳои боз
Чу Суғду чу Кошониён, —
Чунин луқмаҳои калан,
Шаҳидони ҷанги худоёну пайғамбарон...

Ту, эй шаҳри бадбахт,
Ту, эй маҳди фарҳанги зеру забар,
Ба рағми қазою қадар,
Чу аз ҷангу исьён натарсидаӣ,
Чаро тарсӣ аз ин шикаст?

Ҳамин худ зи ному нишонат бас аст,
Ки дар буни ҳар бурҷи вайрони ту,
Чу ному нишоне аз исьёни ту,
Камон асту ханнҷар,
Кулаҳхӯду гурзу сипар.

**Душанбе**

Ту шаҳри санъату шаҳри сухандонӣ,
Ту фарҳанги забони Тоҷикистонӣ.
Туро ҳар нақш,
Чун нақши сухан барҷост,
Ва тарҳат,
Тарҳи ҳайкалҳои шоирҳост.

Агар як нимаи рӯи ту —
Рӯи Рӯдакии мармарин бошад,
Дигар як нимааш Айнии сангин аст,
Душанбе,
Сурату симои ту ин аст.

Наменозӣ ту ҳамчун Руми шӯҳратманд
Ба маснадҳои қайсарҳо,
Ба қабру қалъаю аркону минбарҳо,
Касе аркони заркории тоҷикро намебинад,
Намедонад касе,
Пайғамбаронаш дар куҷо хобанд...

Ту бо гаҳворахои кӯдакони хеш хурсандӣ,
Ба даври рафта не,
Бар давраи оянда пайвандӣ,
Ҷавоншаҳрӣ,
Бузургонат ҷавонанд,
Шоҳмардони ту тифлонанд.

Агарчи бомҳоят сар ба гардунҳо намесоянд,
Чу Эйфал гар манорат нест,

Сари кӯҳи баландат хонаи хуршеду маҳтоб аст,
Маҳу хуршед дар боми ту —
Дар Боми Ҷаҳон хоб аст.

Ҷаҳонгарде ба манзилҳо
Аз оғӯши ту рӯзи офтобӣ мебарад савғот,
Ҷаҳонгарде суруди инқилобӣ мебарад савғот.
Туро бо шеъри Турсунзода мардум мекунад аз бар,
Туро бо шеъри Турсунзода мардум мебарад дар ёд.

Душанбе — шаҳри ҳуснобод
Душанбе — шаҳри навбуньёд,
Ҳама анҷомат оғоз асту оғоз аст,
Раҳат тангу канорат,
Чун канори тоҷикон боз аст.

## Мадду ҷазр

Ҳамон соат, ки дарьё мешавад сероб,
Ҳамон соат, ки дарьё мешавад лабрез,
Ҳар он чизе, ки бо мавҷаш намесозад,
Ҳар он чизе, ки бо ӯ ҳасту бо ӯ нест,
Дар оғӯшаш варо аз хашм хоҳад кушт.

Даме дарьёст пуртуғьён,
Даме аз мавҷҳо дарьё
Ҳазорон панҷаю дасти расо дорад,
Ба соҳилҳои худ меафканад қурбониҳояшро,
Ки тангӣ мекунад бар куштаҳои хеш оғӯшаш
Гаронӣ мекунад ин куштаҳои хеш бар дӯшаш...

Гаҳе як пора колое,
Гаҳе ҳайкалчаи пайғамбареро мавҷ
берун мезанад бо хашм,
Ва гоҳе завраҷи вайронаеро мебарорад
аз таги гирдоб
Ба ҳар сӯ мекунад аз лошаҳо партоб...

Ва он вақте, ки дарьё мешавад ором,
Ва ӯ дар соҳили худ боз меғунҷад.
Ду паҳлӯяш пур аз қурбонии об аст.
Истиғрофи гирдоб аст...

Чӣ мегӯед?!
Мо ҳам мисли дарьёем,
Саропо дар такопӯем
Ва мо ҳам зиндаҳою мурдаҳои хешро дорем.

Басе инсони шайтонро
Дили раҳмони мо куштаст
Ва хоҳад кушт!..
Дар он дилҳо, ки мо дорем,
Дар он дилҳои дарьё лошаҳои ҳарза бисьёранд.

Дар онҳо пандҳои норасо мурда,
Дар онҳо фандҳо мурда,
Дар онҳо шӯҳрату шукронаҳои нораво мурда.

Чӣ мегӯед?
Мо ҳам мисли дарьёем,
Саропо дар такопӯем
Ва мо ҳам мадду ҷазри хешро дорем.
Ҳар он чизе, ки бо мо ҳасту бо мо нест,
Ҳар он чизе, ки дар мо ҳасту аз мо нест,
Аз ӯ худро мубарро мекунм охир...

Замони ҷазрамон моро бубинед:
Канори мо пур аз партоби даврон аст,
Канори мо пур аз ҳазьёни шайтон аст,
Чу дарьёе, ки аз қаъраш
Садафҳои тиҳиро мекунад берун...

Худашро об меполад ба ин ҷозиба дар дарьё,
Ба ин ҷозиба дилҳо тоза мегарданд,
Чун дарьё.

***

Шаб ба мисли мӯи афшон
Аз ҳавои бора мерехт.
Мӯи модар буд, ки имшаб
Бар сари гаҳвора мерехт.

Аз таги абри парешон,
Мебаромад моҳи шабгир,
Мебаровард аз гиребон
Осмон пистони пуршир.

Аз хами ҷар сулфа мекард
Буми кӯре ҳамчу одам,
Аз сари каҳдарза мехонд
Зила бо овози форам.

Имшаб аз нав тоза мешуд,
Дар дилам ғамҳои пешин,
Гуфтугӯ мекардам аз ёд,
Ман ба одамҳои пешин.

Бо касе мегуфтам аз сӯз
То ту бо хокӣ ҳамоғӯш,
Пуштаҳоро бо ту ҳамроҳ
Мекашам чун кӯч бар дӯш.

Аз касе мехӯрдам афсӯс
Бо хасе танҳо ба танҳо.
Мепарид аз мижаи шаб
Ахтаре чун ашки тилло.

Мегузашт аз подараҳҳо
Подае аз боди пурхок,
Мечарид аз ҳасрати ман,
Ҳасрате бо хору хошок.

Ман раҳорах мехамидам,
Имшаб аз хоки бародар.
Пуштаҳоро шир медод,
Осмон монанди модар.

**Шабеха**[1]

Ҳанӯз хоби саҳар нопарида аз дида,
Канори оинаи беғубор биншастам.
Ту гӯӣ, ин саҳар ойна буд чашмаи об,
Дар оби чашмаи оина рӯй мешустам.

Дар оби оинаи пок ман чӣ медидам?
Хушкида панчаи дасте чу барги зарди хазон.
Касе ба рӯи ман аз маҳбасе нигаҳ мекард,
Ки чорчӯбаи оина буд даричаи он.

Шикасти қабзаи чини миёни абрӯяш,
Хароши папҷаи қисмат намуд дар назарам,
Чунон ки дида будам ин хароши қисматро
Замоне дар кафи пои кафидаи падарам...

Танида дар лабу рӯяш ҳазору як ожанг,
Ба мисли риштаи шӯрида ғундаи пирӣ.
Ба ҷои чашми сиёҳаш нишаста буд хамӯш
Даруни лонаи чашмам парандаи пирӣ.

Ту гӯӣ, аз сари ӯ бӯи барф меомад,
Чу песабарфи сари пуштаҳо шақиқаи ӯ.
Ба пушти ҷӯи лаби ӯ набуд мӯи лабаш
Ба ғайри мушти хасу хори хушк дар лаби ҷӯ.

Ба, сӯи оина хам гаштаму ба ӯ гуфтам,

[1] Автопортрет

Аз ин даричаи обӣ сароб мебинӣ.
Баҳори рӯи ту ку?
Лолазори рӯи ту ку?
Баҳори рӯи худатро надидӣ худ серӣ.

Дамид гирди даҳонаш яке ба маззаи заҳр,
Гиёҳи печаки зарди табассуми афсӯс.
Миёни хандааш аз дила об сар дода,
Дар оби чашмаи оина ғарқ шуд маҳбус.

## Ҳасад мебарам

Ман ҳасад мебарам ба рӯи замин,
Бар талу пуштаҳои гандумзор,
Бар дарахтони боғу оби равон,
Бар баландии қуллаи кӯҳсор.

Мезанам ғел рӯи майсаи сабз,
Мекашам хоку сабзаро дар бар.
Шир-шири баргҳои ларзонро
Мекунам гӯш ман ба дидаи тар.

Дар сарам сад хаёл мегӯям,
Кош бошам замини ҳосилбахш,
Синаам таҳ ба таҳ шавад шудгор,
Ҳамчу хоки сиёҳи водии Вахш.

Ё чу кӯҳи тановари вазнин
Аз замин сар кашам ба авҷи ҳаво.
Барқ бар фарқи ман занад оташ
Абрҳоро ба мисли хирмани коҳ.

Моҳро арра карда нима кунад
Арраи пушти ман шаби маҳтоб.
То шавад суда қалби сангинам,
Мисли занҷир бишканад селоб.

Варна хоҳам, ки ҷангале бошам,
Ҷангали соярези пурасрор,
Ё чу ғоре, кабӯтарон кобанд
Синаамро ба панҷаю минқор.

Ошьёни парандагон бошад
Дили ман ҳар баҳору тобистон.
Аз дили пурхароши ман хезанд
Чӯҷаҳо ҳамчу оҳ рӯзи хазон...

Орзу мекунам, ки як нафасе
Ман шавам бо диёри худ ҳамранг,
Ҳамраҳи хоки ӯ шавам кафи хок,
Ҳамраҳи сангҳош резаи санг.

Хори ӯ гар нарӯяд аз дили ман,
Ман бирӯям чу хор бо хораш.
Чун забони Ватан кунам такрор
Сухани чашмаҳои бедораш.

Мон, ки обаш маро ба худ бибарад,
Боди саҳрои ӯ кунад бодам.
Мон, бигирьям ба ҷои шаршараҳо,
Ки ба борону барф ҳамзодам.

Бӯи ман гар наояд аз Ватанам,
Мон, ки бӯи Ватан кунад бари ман.
Гар сари ӯ ҳамеша бедард аст,
Мекунад дард баҳри ӯ сари ман.

## Саҳна

Саҳнае ҳаст рӯзу шаб гардон,
Саҳнае хандахезу ашковар.
Ҳар кӣ дар нақши хеш устод аст,
Ба ҳунарпешаҳои ӯ бинигар.

Гар яке ғайри рӯи аслии худ
Боз ҳам гуна-гуна рӯ дорад,
Дигаре бо тамоми берӯӣ,
Обшоре аз обрӯ дорад.

Кам намеояд аз думи товус
Гар яке бо ҳазор рангу қарор,
Дигаре тирарӯю бетоб аст,
Ҳамчу хоби сиёҳи ваҳшатбор.

Дигареро ҷабину рухсораш
Мисли шабҳои ширмаҳтобанд,
Лек дар кунҷи ғори синаи ӯ
Лошахору дарандаҳо хобанд.

Ба гиребону дасту доманӣ мо
Дасти ӯ гар намерасад зинҳор,
Дар дили тангӣ хештан моро
Мекушад ҳар дақиқае сад бор.

Боз дар ин миёна як нафар аст,
Мефурӯшад ҳиҷою нуктаи паст.
Афту андоми ӯ ҳама ба назар
Гӯиё як даҳони пурҳарф аст.

Ба даҳонаш туро набинад агар,
Ба даҳонаш агар туро нашунид,
Бо ду гӯшаш туро намешунавад,
Бо ду чашмаш наметавонад дид.

Байни ин издиҳоми бесомон,
Ман ду-се солхӯрда мебинам,
Тирадил, тираруӯй, тирамиҷоз,
Ки аз онҳо зиёда ғамгинам.

Дар таги тӯри чипҳои ҷабин,
Дар миёни калобаи ожанг,
Чашмашон анкабӯдро монад,
Анкабӯде, ки метанад найранг.

Абри мӯи сафеди онҳоро
Метавон гуфт абри беборон,
Ҳама дар дидаю дили онҳост
Хушкию қаҳтиҳои ними ҷаҳон...

Саҳнае ҳаст рӯзу шаб ғардон,
Бар фанаш бин, ба санъаташ бинигар,
Саҳнаи дигаре нахоҳӣ ту дид
Ин қадар хандахезу ашковар.

Саҳнаи зиндагӣ бувад агар ин
Тарсам аз пардаҳои поёнаш.
Ҳамчу санъатшинос дар аҷабам
Ман аз устоду коргардонаш.

## Роҳҳо

Роҳҳо, роҳҳои дуродур
Ҷодаи қисматанд сар то сар.
Нест чун дар сари гарони замин
Дар саре сарнавишти хонотар.

Ҳаст роҳе ки ёд медиҳадат
Шеваи роҳравӣ зи шебу фароз,
Ҳар қадам роҳи пандомӯз аст
Чун ғазалҳои Саъдии Шероз,

Роҳҳои дарози хобида ҳам
Дидаам зери пои раҳгузарон,
Рамзи он сатрҳо, ки гум карданд
Дар сафар шоирони саргардон...

Роҳҳо сахт заҳматомӯзанд,
Хоҳ ҳамвору хоҳ ноҳамвор,
Бар ман аз хоку сангашон пайдост,
Кандани ҷону шодии дидор.

Аз чунин ҷодаҳо ба кӯи мурод
Мерасӣ, бахт гар мададгор аст,
Варна дар роҳҳои пурмеҳнат
Рафтаю барнагашта бисьёр аст.

Ҳаст роҳе к-аз он ҷавонмардон
Ҷон ба каф бо азоб мегузоранд,
Камтар он аз таноби доре нест,
Метавонад ба зери пои ту канд.

Ҳаст роҳе ба теғ монанд аст,
Балки з-он нест теғи бурротар,
Лек чун зиндагонӣ сарбозист,
Бояд онро гузашт вақти сафар.

Ҳаст пайроҳае, ки дар кӯрӣ
Мисли толеи кӯрбахтон аст,
Бе сари пасту дидаи равшан
Магар онро гузаштан осон аст?..

Роҳҳо, роҳҳои дуродур
Ҷодаи қисматанд сар то сар,
Нест чун дар сари гарони замин
Дар саре сарнавишти хонотар.

**Хати сурх**

Аз ватан дур гарчи бисьёр аст
Зиндаю мурдаи ба ному нишон,
Лек осон набуду осон нест
Аз ватан дур мурдани мардон.

Аз ватан дур метавон ҷангид
Дар ҳама сангарони навъи башар,
Бигузашт аз даруни оташу об,
Хест аз байни дуду хокистар.

Метавон ҷумла дарди одамро
Бедаво диду дар тани худ дид,
Аз ҳама заҳру оби одамкуш
Аз ватан дур қатра-қатра чашид.

Метавон ҳамчу марди нофармон
Дар муёни ҳазор миллат буд,
Якка бар ҷон сарбадороне
Бандии сад ҳазор давлат буд.

Бар ҳама додгоҳи рӯи ҷаҳон
Ҷон ба каф лангу кӯр шуд ҳозир,
Ҳамчу як одами адолатҷӯ
Гардану дасту пой дар занҷир.

Нозам онро, ки як сари тоқаш
Шуд нишони ҳазор тиру камон,
Сабақу дарси ҷонфишонӣ гирифт
Рӯзи ҷонбозиаш замину замок.

Он ки худ дар дилаш ғаме дорад,
Нест ӯ бе ғами дигарҳо ҳам.
Душмани ҷони ҳар қабилаю халқ,
Душмани ҷони ӯст дар олам...

Аз ватан дур гарчи бисьёр аст,
Зиндаю мурдаи ба ному нишон,
Лек осон набуду осон нест
Аз ватан дур мурдани мардон...

Метавонам ба вақти додуситод,
Дар сафи бардаҳои балвоӣ
Кард то Ҳинду Чину Руму Фаранг,
Қитъа бар қитъа корпартоӣ.

Лек рӯзе маро барандозад
Тири ноҳақ аз арсаи пайкор,
То диламро ба сангҳо монам,
Мехазам синамол сӯи диёр.

Мехазам синамол сӯи Ватан
Бо сару дасту пои хунрезон,
Қитъа бар қитъа мекашам хати сурх
Аз паям то канори кӯҳистан.

**Бухоро**

Нигоҳи гарми ман аз фарқи кӯҳистон
Ба сӯят чун Зарафшон рӯзу шаб ҷорист.
Бухоро, бо ғаму афсӯс мебинам,
Ки ҷои бас азизонат
Дар оғӯши ту ҳамчун ҷои Сино ҷовидон холист.

Ту гӯё пеш аз ин дар рӯзгороне
Яке вулкон будӣ,
ё дар сари вулқони сӯзоне,
Ки охир дар саъири оташафшонӣ
Азизонат чу ахтарҳо,
Шуданд аз ҳам ҷудо, барчош дар олам,
Ба ҳар сӯе,
Ба ҳар кӯе...

Яке бо теғу бо пайкон
Паи Искандари мақдуниро бигрифту Юнон рафт.
Яке аз дасти Темурлангу Чингизхон,
Зулоли оби ту дар чашмаҳою хоки ту дар мушт
Сари худро гирифту Руму Эрон рафт.

Яке гар дар ғарибӣ бе нишон ғум шуд,
Ба мисли қатрае дар коми регистон,
Дигар бо давлати бе давлати тоҷик
Баробар дар миёни турку тозӣ
бахшу қисмат шуд,
Танаш сӯе, сараш сӯе,
Танаш чун қитъае яксар,
Сараш ҳамчун сари кишвар.

Дар ақсои ҷаҳон тухми бузургонат
Ба монанди зару симат парешон шуд,
Ба монанди зару симат ба беқадрӣ.
Агар роҳе чу роҳи Каҳкашонат буд,
Ба мисли риштае печида гӯё рафт
дар пои ҷаҳонгардон.
Агар шустанд аз байни ту боронҳо
Раҳеро чун раҳи мӯрон,
Раҳеро бодҳо рӯфтанд аз байни тую дуньё.

Ғарибиро чу фарзандони ту мардум намедонад,
Намедонад касе ҳамчун бухорой,
Чӣ сон талханду ширинанд ғамҳои ватандорӣ...
Ҷаҳонгардону сарбозони ту дар ҷумла гӯристони
олам бенишон хобанд.
Аз эшон дар таги хоки ту ғамҳои гарон хобанд.

Ба дасте рафт аз дастат
Зари сомонию «Қонун»-и синой.
Туро ҳар дузд ғорат кард,
Туро ҳар дӯст қисмат кард,
Ба мардум рангу рӯи зард монд
аз «асри тиллой».

Чи нозирҳои солори туро дарду ситам кушта,
Чи шоирҳои мумтози туро оҳу алам кушта,
Заминҳоят ҳама аз хоки минбарҳои вайронанд,
Шаҳидонат ҳама девону дафтарҳои
дар олам парешонанд.

Бухорои шариф, —
Гаҳвораи мардони нотакрор,
Диёри шоирону шеърҳои рафта бо ҳар боду

аз ҳар ёд,
Мазори нангу номи Аҳмади Дониш,
Мазори дардҳои Шоҳини бемор,
Оре, ҷовидон бемор,
Ба ёдат чашми ман тар мешавад ҳар бор.

Вале ҳар бор мебинам,
Ки ҳар вайронаатро рӯзи ободист,
Ту дар болои сад вайрона ободӣ,
Ту дар болои садҳо кундаю завлона озодӣ.

Агар дар зери деворе,
Зи турке наъли аспе мондаю аз тозие ҳамьён,
Кунун дар чанги таъриханд,
Агарчи нанги таъриханд...

Бухорои адабпарвар,
Нигоҳи гарми ман аз фарқи кӯҳистон
Ба сӯят чун Зарафшон рӯзу шаб ҷарист,
Ҳамехоҳам чу пайвандат,
Ду чашмам мисли рӯде тар кунад рӯи заминатро,
Нагардад то парешон пас аз ин хоки барӯмандат.

**Пас аз мо**

Пас аз мо одаме мехезад аз олам,
Ки дасташро ба рӯи шонаи хуршед хоҳад бурд,
Ба мо — аҷдодҳои содааш ҳам фахр хоҳад кард,
Ва ҳам афсӯс хоҳад хӯрд.

Ки мо ҳам чанд дар дуньё
Гаҳе пайғамбарӣ кардем,
Барои худ пайафкандем ҳайкалҳову минбарҳо
Ва дар ҳукми худое зиндагӣ кардем,

Ва гоҳе низ дуньёро сабақ додем,
Сареро то панаҳ кардем, сар додем,
Гаҳе дар пушти минбарҳо,
Гаҳе дар пушти сангарҳо...

Пас аз мо одаме мехезад аз олам,
Ки сар бар асмон соида,
по бар Каҳкашон мемонад он одам,

Ва ӯ бори замин —
Бори тавонфарсои ин сайёраи «шаккоки» деринро,
Ки ӯро то кунун аз осмонҳо сангборон мекунад шайтон
Ва ӯро зери пояш тирборон мекупад инсон,
Чу бори хеш мебардорад он одам,
Чу бори хеш бе миннат
Бе миннат.

Пас аз мо одаме мехезад аз олам,
Ки одам асрҳо дар зиндагии хеш ӯро орзу мекард.

Бурун шуд борҳо бо ин ҳаво аз расми яздонӣ,
Ибодатхонаро бишкаст,
Ба сӯи осмонҳо тир зад чун бар худовандӣ.
Гаҳе Шаддоду Қорун шуд,
Гаҳе Намруд.
Гаҳе Хайёму Сино шуд,
Гаҳе Маҳмуд,
Гаҳе бо худ,
Гаҳе бе худ.

Чи инсоне, ки хашму раҳми инсониш,
Гаҳе зода, гаҳе нозода гӯраш кард.
Гаҳе бинову гӯёеву гоҳе гунгу кӯраш кард,
Гаҳе бар хоку бар хокистараш биншонд.
Гаҳе аз ҳадди худ болотараш биншонд.

Чи инсоне, ки ӯ аз фитнаи инсони шайтоне,
Ба хуни хештан олула шуд бисьёр,
Басе лангид дар пеши «бузургонаш»,
Басе нолид дар гӯри шаҳидонаш.

Аё санги бузургӣ —
Сангҳайкалҳои арбобон,
Ки дар дуньё ба ҷои мурдаҳо рӯидаед аз хок,
Замоне аз шумо ҳам дар қазоватҳо
Нишони бенишонҳоро ҳамехоҳанд,
Гуноҳи бегуноҳонро ҳамепурсанд...

Пас аз мо одаме мехезад аз олам,
Замину осмонро мекунад тармим.
Уфуқҳои дигаргун мешавад пайдо,
Пас аз мо.

## Ман худамро кушта-кушта...

Гӯиё ман пеш аз ин ҳам,
Солҳои бешуморе зинда будам,
То кунун будам ҷавону пир,
То кунун вобастаи дуньёву дуньёгир.

Гарчи дар ҳукми дарахти наврасам ман,
Дидаам бас навбаҳоронро,
Дидаам бас баргрезонро,
Дидаам дар поям сад бор пайванд,
Монда андар пояи ман банди ҳар пайванд,
Монанди гиреҳбанд.

Бар ман аз наздик бинед,
То маро чун ман шиносед,
То маро чун ман биёбед аз хароботи Хуросон,
Ҳамчунон таърихи Кӯшон.

Вой бар ман, вой бар ман, вой бар ман...
Пеш аз ин будам,
Валекин ман кӣ будам?
Ё чӣ будам?
Бо шаҳидон ман шаҳид будам,
Бо асирон дар асорат,
Чун ки кардам хешро ғорат.

Ҳаст нақши ман дар он нақше, ки мерезад ғамангез
Аз манору бурҷи Систон.
Ҳаст доғи ман дар он сангон, ки хомӯшанду гирьён,
Дар мазори Рӯдакиву Оли Сомон.

Бомиёнро сохтам ман,
Бомиёнро сӯхтам ман.
Кофиён пардохтам ман,
Кофиёнро бохтам ман.
Тахти Доро дар раҳи ман буд,
Ганҷи Қорун дар кафи ман буд,
ман додам ба бодаш,
Коҳи бодовардаву хоки сияҳ кардам ҳисобаш.
Оташафшон низ ман будам, дар оташ низ ман,

Ҷабрфармо низ ман будам, ҷафокаш низ ман.
Номусулмон низ ман будам, мусулмон низ ман,
Балки шайтон низ ман будам
Ва яздон низ ман.

Дод аз ман, дод аз ман,
Аламон, фарьёд аз ман.
Буалиро аз Бухорои шариф ман карда берун,
Тирмизиро ман фикандам дӯш дар дарьёи Ҷайҳун.
Барҳадар хуни Низомулмулкро ман рехтам,
Балки хуни мулкро ман рехтам.

Гаҳ «Абисто»-ро кушодам,
Гӯӣ дуньёро кушодам.
Гаҳ гирифтам ҷилди «Қуръон»,
Гаҳ шудам ҳамроҳи шайтон.

Он қадар сарҳо шикастам,
Ки сарам аз санг гашта.
Балки кардам зиндагонӣ
Ман худамро кушта-кушта,

Вой бар ман, вой бар ман,
Эй худо, бахшоӣ бар ман!

## Теғи Сино

Ину оне ҳар куҷо даъвои Сино мекунад,
То ба боми шӯҳрати олам гузорад нардбон.
Лек Сино он қадар ин бомро бардоштаст,
Ину он кай метавонад нардбон монад бар он?

Аз азал доруи тоҷик решаи хор асту бас,
Лек то ҳафтод пушташ бӯи Сино мекунад.
Пеши ӯ аз зикри ноне зикри ҷони зинда беҳ,
Орзуи рӯҳи волою тавоно мекунад.

Дӯш мебоист тоҷик Бӯалӣ орад ба даст,
Чун нобудаш ғайри дарди бедаво накди дигар.
Интизори нӯшдору буд Сӯҳробш ҳанӯз
Дар сари дасти падар хуншор аз дасти падар.

Рум агар аз қарни Искандар фаромӯш кард зуд
Дар Хуросону Бадахшон зарби кораш монд, монд.
Гар Қутайба аз Бухоро бозпас баргашту рафт,
Дар Бухоро решҳои зулфиқораш монд, монд.

Қиссаи мурғи самандар пеши ман афсона нест,
Саргузашти мардуми печидафарьёди ман аст,
Он ки умре мурда-мурда зиндагӣ карду намурд,
Сӯхта носӯхтан эҷоди аҷдоди ман аст.

Соате Маҳмуд сӯи Руму Рай мебурд даст,
Ибни Сино то ба набзи Нӯҳи Сомон даст бурд.
Дар Хуросон заҳр арзон буду позаҳре набуд,
Дар илоҷи заҳри қотил заҳр мебоист хӯрд.

Бӯалӣ бедору халқи Бӯалӣ бедор не,
Бӯалӣ ободу мулки Бӯалӣ зеру забар.
Пеши ақли Бӯалӣ ақли замон кӯтоҳ буд,
Пеши дасти Бӯалӣ дасти замон кӯтоҳтар.

Бас ҳисоре шуд мазори асри нофармони ӯ,
Бас маноре сарнагун афтоду ӯ бар пой монд.
Чун миёнҷӣ дар миёни хайру шар истода буд,
Ҳамчунон дар байни таърихи ҷаҳон барҷой монд...

Дӯш мебоист тоҷик Бӯалӣ орад ба даст,
Чун набудаш ғайри дарди бедаво нақди дигар.
Гарчи ҳарфи дафтару девони ӯ машҳӯр буд,
Дар сари девону дафтар Рӯдакиаш кӯр буд.

Соате салчуқ ба сӯи Кофиён меронд асп,
Дар миёнаш тиру теғи ҷонситон меронд асп,
Халқи тоҷик теғи ҷонбахшои Синоро гирифт,
Теғи ҷонбахшои Сино рӯи дуньёро гирифт.

**Дареғо**

Эй бародар, эй бародар, эй бародар, эй бародар,...
Гарчи акнун дар таги борону барфи пуштаӣ,
Ман ба ёд оварда шабҳо пои лангатро ҳанӯз
Менависам аз бароят шеърҳои мумиёӣ...

Рӯзи маргат деҳкада монанди фарқи модарам
Буд сафед аз барф, аммо пеши чашми ман сиёҳ.
Дар қатори мӯсафедоне сар овардам фурӯ
Назди ҷисми лоғарат дар ҷонамози барфҳо.

Дар сари хокат яке аз шахси ту омад савол,
Дар ҷавоб аз номи мардум гуфт марде мухтасар.
Он қадарҳое, ки медонам, дар ин рӯи замин
Мисли ӯ як хоксоре н-омад аз модар ба сар.

Бо дареғоҳо агарчи бар ту гуфтам алвидоъ,
Боз моро мекунад фардо табиат рӯ ба рӯ.
То ба ту кӯчидани ман он қадар ҳам дур нест,
Мешавам дар Суфиён як рӯз ҳампаҳлӯи ту...

Эй бародар, эй бародар, эй бародар, эй бародар,...
Бар сари гӯрат гузорам як асое ёдбуд.
То фаромӯшам нагардад то абад лангиданат,
То бидонанд одамон, ин ҷӯб як пои ту буд.

## Соядасте барои Муҳаммадҷон Шукуров

Агарчӣ бар замини бетараф монӣ,
Намемонем аз мо як тараф монӣ.
Замини бетараф кай як тараф монда,
Замини бетараф кай монда бе бонӣ.

Чуноне аз замини бетараф он сӯ
Барои ҳар касе ҷои кафи по пест.
Ба шогирдонат аз ту он тараф пастист,
Ба шогирдонат аз ту он тараф ҷо нест.

Дар ин сӯ аз ту моро Аҳмади Дониш, —
Дар он сӯ аз ту моро Аҳмади порӣ.
Дар ин сӯ аз ту моро Ҳайрату Айнист,
Дар он сӯ аз ту моро ҳайрати холӣ.

Дар ин сӯ ҳар кӣ пур гардида аз ҳар кӣ,
Дар он сӯ ҳар кӣ гум гардида дар ҳар кӣ.
Дар ин сӯ хоксориҳои бехокест,
Дар он сӯ хоксориҳои пурхоке...

Замини бетараф ҳадди ду амлок аст,
Ки чандин посбонҳо дорад аз ҳар сӯ.
Ба мисли хонаи чашмаш ҳамепоаянд,
Чу мижгон рӯ ба рӯ истода мӯ бар мӯ.

Замини бетарафро дар замин дида,
Яқин кардам ҳудуди имтиёзамро.
Ту гӯӣ ҷонамози мӯсафедон буд,
Намондам пеш пои бенамозамро.

**Модар**

Оқибат аз пилтаҳою чархаҳояш монд
Пилтаи мӯи сафеду ин ҳама сарчархии пирӣ.

Кӯҳнадӯзи ҷомаҳои кӯҳнаи мо
Оқибат аз чинҳо шуд як гурӯҳа, як гиреҳа.

Жолаи дандонҳояш дар замини сабзи умраш рехт,
Кундаи тути миёнаш бармаҳал хушкид,

Панҷаи ангуриаш дар остин бурмид,
Қомати шамшодиаш гурмид.

Ёд бод он рӯзҳое молу ҳолаш буд,
Ҳамчу кадбону калиди ҳуҷраҳо дар банди чолаш буд.

Инак аз он моли дуньё
Рӯи мижгон мекашад бори хасеро.

Ин замон дар роҳи хайраш буғча таҳ карда,
Дар лабони докааш дору гиреҳ карда.

Луқмаашро бар даҳони мо ниҳоду луқмаи моро
нахӯрда,
Пириаш бо рагаҳои чин лабони гушнаашро баст.

Чун пули байни ману деҳ
Тахтапушташ дар миёни обҳои хӯрдааш бишкаст.

Сояаш имрӯз пеш аз сояҳои деҳа бар гардид,

Говгуми чашми ӯ аз говгуми деҳа пеш омад.

Мешҳояш ин замон дар говгуми чашми
ӯ гуманд.
Говҳояш ин замон дар говгуми чашми
ӯ гуманд.
Чолҳояш пилтабофист,

Ҷомаҳояш обшуста, докааш тика,
Чун дарахтони муқаддас латабандист,

Чун дарахтони муқаддас хушку тар мамнӯъст,
Чун дарахти пир тири деҳаам ӯст.

Аз барои ман мазори зиндааст ӯ,
Ҳамчу кампири мазори ҳазрати Султон
мазори зиндааст ӯ.

Ман ба ҳар ҷое, ки сар монам ба болин,
Аз барои ҳурматаш бар ҷониби деҳ по намеёзам.

**Пирамард**

Ман марди солхӯрдаи меҳнаткашидаам,
Ман лаззати ҷавониву пирӣ чашидаам,
Бас ҷомҳо шикаст, ки ман ком бурдаам,
Бас шомҳо гузашт, ки ман рӯз дидаам.

Ман борҳо ба заҳмате ҳосил гирифтаам,
Чун аз замини кораме аз умри хештан,
Ман борҳо ба сурате дар зиндагониам
Худро хароб кардаву аз нав сириштаам.

Бо шодиву маломате аз роҳӣ сарнавишт
Гаҳ рафтаам пиёдаву гаҳ рафтаам савор,
Гоҳ ҳамчу дорбоз
Дар пеши дидагони тамошогарони хеш
Ҷонро ба каф гирифтаву ларзон гузаштаам
Аз бандҳои зиндагӣ, чун аз таноби дор...

Ман солхӯрдаам,
Ман борҳо гирифтаам аз хасм интиқом,
Ман як шаҳиди зиндаам аз арсаҳои ҷанг,
Дар байни зиндаҳову шаҳидони кишварам.
Имрӯз бо алам,
Бар ҳар мазори шаҳр,
Бар лавҳи ёдгории деворҳои шаҳр,
Чун бар мазори кӯҳнаи худ саҷда мекунам...

Ман солхӯрдаам,
Ман лаззати ҷавониву пирӣ чашидаам,
Аммо барои зиндагӣ омодаам ҳанӯз,
Ман, по ба пои мардуму даврон равонаам.

**Доғнома**

*Ба ёди Назира Қаҳҳорова*

Ҳамон рӯзе туро бар теппаҳо бурданд,
Нигоҳам бе ту андар кӯча музтар монд.
Нигоҳамро ба сӯи теппаҳо рондам,
Нигоҳам дар миёни теппаҳо дармонд.

Ахир аз чиллаи фасли зимистон буд,
Ки дар чилсолагӣ рафтӣ ту аз дуньё.
Сари наъши намозиат намоз омад,
Чу Хизре мӯсафеди барф аз саҳро.

Ҳамон рӯзе туто бар теппаҳо бурданд,
Бароят дилсиёҳу сарнагун будам.
Ҳама мардум сияҳ пӯшида аз берун,
Валекин ман сияҳпӯш аз дарун будам.

Ҳамон шоме туро дар бистари хокӣ
Миёни теппаҳо монданду баргаштанд,
Чу рустое шаби бигрифтани маҳтоб,
Дили ман ҳою ҳӯ мезад малолатманд.

Ба дуньёи ту бояд рафт аз ин дуньё,
Мазористон раҳи наздику ту дурӣ.
Агарчи гарди поятро намебинам,
Намехоҳад дилам гӯям, ки дар гӯрӣ.

Назарҳое, ки бар кӯи ту меронам,
Ҳавоӣ мераванд аз кӯчаю кӯят.
Вале ҳар дафъа дар роҳи назарҳоям
Зи оби дидаам обича мерӯяд...

Бароят дар бадан кардам сафед охир,
Тамоми устухонамро ба вовайло.
Саропо дар сари соли ту пӯшидам,
Чу пӯшоки сафеде мӯсафедиро.

## Баданам аз қаламам нест ҷудо

Қалами ман ба тапишҳои ман одат карда,
Ҳамчунон най ба тапишҳои об,
Ҳамчу шохе ба тапишҳои бод.

Баданам аз қалам нест ҷудо,
Нафасам аз қаламам нест ҷудо,
Панҷ ҳаввоси танам
аз қаламам нест ҷудо.

На аз он тортанакҳои ғазалбофам ман,
На аз ин чанд ҳиҷогӯи пур аз ҳилаву фан.
Нанамудам ҳунари назм ба як мушт сухак.

Шеърро бо лабу бо чашму забон кардам ҷамъ,
Сӯ ба сӯ рафтаму бо пои равон кардам ҷамъ,
Ҳамчу обу намаку луқмаи нон кардам ҷамъ.

Ҳаст дар дидаи ман аз ҳама ҷӯ як қатра.
Ҳаст дар мисраи ман аз ҳама кас як зарра.
Шеъри ман резаи сад ҳамдаму ҳамдӯшӣ ман аст,
Ҷамъовардаи мӯри сияҳи чашму лабу гӯши ман аст.

Вақти афшондану афшурдани худ дар дафтар,
Ҳамчу дар шир фурӯ рафтани
худ дар дафтар,
Гӯиё то ба гулӯ рафтани худ дар дафтар,
Намаку оби касе аз даҳанам гашт ҷудо,
Пораи сад бадане аз баданам гашт ҷудо,
Ҳамчу як пораву як қатраву як зарра ҳиҷо.

Чанги овози касеро битакидам аз гӯш,
Нафаси ҳамнафасеро битакидам аз шуш.
Аз яке дар вараќи шеър ниҳодам табу ҷӯш,
Аз яке дар вараќи шеър ниҳодам лаби ҷӯш...
Шеъри ман резаи сад ҳамдаму ҳамдӯши ман аст,
Ҷамъовардаи мӯри сияҳи чашму лабу гӯши ман аст.

## Дар ёдбуди Муҳаммадҷон Раҳимӣ

Шеъри нав гуфтаму рафтам ба дари манзили ӯ,
Лек ман даст набурдам тарафи дастаи дар.
Дар гулӯям нафаси шоирӣ якбора шикас,
Ки мабодо дигаре ояд аз ин кулба бадар.

То дари ӯ ба забон н-ояду гӯяд бар ман,
Ӯ дигар нест дар ин хона, зи дуньё рафтаст,
Худ ба худ баҳри тасаллои дили муштоқам
Гуфтам, аз шаҳри Душанбе ба Бухоро рафтаст.

Шеъри нав дар лабам аз пушти дараш баргаштам...
Вазн ночӯр, ғалат кофия, маъно носоз,
Оҳ шуд дар лаби ман шеъри мани беустоз.

**Шеъри бесадо**

Ёдҳои ман пуранд аз бодҳои новазон,
Чашмҳои ман пуранд аз обҳои норавон,
Гӯшҳои ман пуранд аз нағмаҳои бесадо,
Дастҳои ман пуранд аз дастранҷи ноаён.

Абру боронҳо маро дар дида ҷо
бигрифтааст,
Чашми ман ними ҳаворо аз ҳаво
Бигрифтааст.
Мефиристад бар ман он боде, ки
Файзободи ман,
Он маро чун осиёби бодҳо бигрифтааст.

Лек ҳуввас мезанам чун ошьёнҳои тиҳӣ,
Зоҳиран кам нест
дар оғӯши ман ҷои тиҳӣ.
Пашаеро ҳам набинӣ дар ҳавои хотирам,
Ҷомаи ғук аст бар ман ин қабои зоҳирӣ.

Аз бурун хомӯшам, аммо аз дарун
пургуфтугӯ
Чунки умре ҳарфҳои хешро бурдам фурӯ,
Аз бурун ман аз хате ин ҷо
намеоям бурун,
Аз дарунам қибла аст ин ҷо маро ҳар чор сӯ.

Аз бурун хобам, валекин аз дарун
бедорхоб,
Гӯши ман сӯи дарун боз аст чун гӯши ҳубоб.

Пои ман сӯи дарун ёзида ҳамчун решае,
Ҳар қадар сӯи дарун раҳ меравам,
роҳест боб.

Ёдҳои ман пуранд аз бодҳои новазон,
Чашмҳои ман пуранд аз обҳои норавон,
Гӯӣ дар хасрӯбаи мижгони ман дам
хӯрдаанд.
Чашмаҳоеро, ки ман дар дида медорам аён.

Баски ҷинбоди ҳавасҳоям дарун
афтодаанд,
Чун гиреҳбанде нафасҳоям дарун
афтодаанд,
Мебарам ман оқибат ин обҳоро ҳам фурӯ,
Мекунам пас косаҳои чашмҳоямро пурӯ.

## Барои Раҳим Ҳошим

Бар сараш биншаста гарди
Осиёи зиндагонӣ,
Дар дилаш бишкаста неши
Хорҳои зиндагонӣ.

Ҷабҳаашро чин гирифта,
Тӯри ожангест дар рӯш.
Саргузашти сахташ ӯро
Карда аз чинҳо зиреҳпӯш.

Бигзарад пирона сархам
Не сарозоду на дар банд.
Аз сари пасташ шиносанд,
К-ӯст аз аҳли Самарқанд.

Зиндагӣ бинҳода бар дӯш,
Он чи аз мушташ гирифта.
Гӯри Пайравро чу кӯчаш,
Гӯӣ дар пушташ гирифта.

Гарчи худ шеъре нагуфта,
Будааст устози қоим,
Шоиронро ҳамчу шоир,
Олимокро ҳамчу олим.

Аз хаёлу хотири ӯ
Мардуми хотирфаромӯш,
Хотироте карда таълиф,
Мекунанд ӯро фаромӯш.

Соати тафсири Айнӣ
Ғайри ӯ н-ояд ба хотир,
Соати қадру навозиш
Месупорандаш ба тақдир.

Балки ӯро бахти ноҷӯр
Қисмати мардона додаст.
Рӯи дасташ ҳам нагиранд,
Во намедорандаш аз даст.

То бувад фарҳангӣ тоҷик,
Номи ӯ монад муқаррар,
Не дар аввал, не дар охир,
Чуд гуле дар байни дафтар.

## Мондаам дар ҳалқи дарьё

Хуфтаам дар пеши дарьё
Монда сар бар лӯлаи санг.
Мехазад дар реги тафсон
Панҷаи ман мисли харчанг.

Гӯшмоҳиҳои гӯшам
Обҳоро мекунад гӯш,
Чашми ман монанди медуз
Обҳоро мекунад хуш.

Офтоби нимарӯзӣ —
Хонаи занбӯри илло,
Офтоби нимарӯзӣ
Ҳамчу сӯзандони тилло.

Мехалад монанди сӯзан
Бар асабҳо сӯзани нур,
Аз лабу аз чашму гардан
Мегазад монанди занбӯр.

Маҳви лаблесии дарьё,
Мебарам худро ман аз ёд,
Гӯӣ мелағжам ман аз худ,
Ҳамраҳи ин баҳри озод.

Ман дар ин сангоби сӯзон
Менамоям балки бе ҷо,
Гӯиё дар сурати ман
Кундае оварда дарьё.

Чаппагардон решаи даст,
Чаппагардон решаи по,
Обсабзи мӯи анбӯҳ
Бар сарам часпида дар роҳ.

Арраи мавҷам бурида,
Тешаи сангам расида,
Чун хаси афтода дар чашм
Об ҳар сӯям кашида.

Лекин аз ин гурми зонӯ
Гурмҳо афтода дар об,
Об натавониста охир
Аз мани шахшӯл барад тоб

Пас маро махлуқи гирдоб
Аз гулӯ афканда берун,
Ашкдандони садафҳош
Бар замин афтода аз бун...

Ман, ки бо ин гурми зонӯ
Мондаам дар ҳалқи дарьё,
Ҳамчунон мемонам оҳир
Зинда андар ҳалқи дуньё.

**Дар офтобшин**

Офтоби зарди бегоҳ
Дар уфуқ девори тилло баста буд,
Сар ниҳода бар сари зонӯи кӯҳ
Бар дари дарвозаи тиллоияш биншаста буд.

Пеши ин дарвозаву девори ӯ
Сарзамине буд, ки аз он
Ғайри ман ин лаҳза олам бехабар буд,
Осмонаш арғувон корида буд,
Сарзамини пурсамар буд.

Оби зар дар ҷӯйборон дошт,
Обшорони зарафшон дошт,
Пуштаҳо аз пуштаи абри равон дошт,
Пуштаи абри равонаш лолазорон дошт.

Балки дар он равшанистон
Дар намуди абри сӯзон,
Аспҳое барги оташ мечариданд
Аз лаби сурхи уфуқҳо,
Аспҳои зарди зарринёли рӯъё.

Балки дар он равшанистон
Дар намуди абри сӯзон,
Мепариданд орзуҳову париҳо,
Беззаминҳои заминҳо.

Сарзамине буд, ки аз афсонаҳо буд,
Сарзамини ишқи мо буд,

Дар ҳаво буд,
Сарзамини безамине,
Беҳтар аз ҳар сарзамине.

Бехабар мерафтам аз худ
Ман ба он мулки заранду́д.
Бе ту мебурдам туро ҳам,
То ба он дуньёи зебо,
То ба он дуньёи рӯъё,
То ба он дуньёи худ.
Дуньёи худ.

**Шеъри сафед**

Сар то қадами ту назми берамз аст,
Назме, ки дар он тапидани набз аст,
Назме, ки ба он ҳамерасонам лаб,
Назме, ки ба он ҳамерасонам даст.

Аз байти сафеди соқи ту хуштар
Байте набувад ба ҳеҷ як дафтар.
Аз ҷумла сафедиҳо, ки ман дидам,
Ин байти сафед монда дар хотир.

Он ҷо ки туӣ, ҳаво бувад форам,
Он ҷо ки туӣ, ҳаво бувад хуштаъм,
Он ҷо ки туӣ, нафас кашам аз ту,
Он ҷо ки туӣ, ҳаво хӯрам аз ту.

Ту назми латифи чашму абрӯӣ,
Ту шеъри сафеди дасту бозӯӣ,
Ту шеъри миёну шонаву гардан,
Маҷмӯаи рангу маззаву бӯӣ.

Шеъре, ки пур аз ҳаёи ширин аст,
Шеъре, ки пур аз ҳаёти ширин аст.
Шеъри бадани дамидаи зинда,
Шеъри ҳаваси ҳамидаи зинда.

Ҷамъат бикунам чу савт гаҳ дар гӯш,
Ҷамъат бикунам чу ёд гаҳ дар ҳуш.
Ҷамъат бикунам чу нур гаҳ дар чашм,
Ҷамъат бикунам чу гармӣ гаҳ дар хеш.

Шеъре, ки туӣ ба ин қадар лаззат,
Шеъре, ки туӣ ба ин қадар накҳат,
Бӯида фурӯт мебарам, эй шеър,
Бӯсида фурӯт мебарам, эй шеър.
Бо дада фурӯт мебарам, эй шеър.

***

Ҷониби рӯи ту рӯ гардондаам аз чор сӯ,
Шоириро чаппагардон кардаам аз пушту рӯ,
Назмро ман дар тапиш овардаам чун набзи ту,
Мекунам ҷилди китобамро иваз бар ишқи ту.

Обрӯи бемуҳаббат мисли оби мурда аст,
Дидаам бисьёр дар рӯ оби рӯ афсурдааст,
Ҳамчу ҷӯборе, ки санге дар гулӯ афсурдааст,
Менамоям обрӯямро иваз бар ишқи ту.

Аз ҳаво озод медорам нигоҳатро ба чашм,
Дар ҳаво озод медорам ҳавоятро ба чашм,
Мечашам ман чашмаҳои чашмҳоятро ба чашм,
Мекунам сеҳру адоямро иваз бар ишқи ту.

Мекашам ман аз ту ҳамчун моҳӣ аз дарьё нафас,
Мекашам ман аз ту ҳамчун аз шаби саҳро нафас,
Мекашам ман бо муҳаббат аз ту сартопо нафас,
Мекунам обу ҳавоямро иваз бар ишқи ту.

Мепаронам бо нафас аз мижаҳоят хобро,
Аз ду қошат мекушоям бо навозиш тобро,
Мефишонам бар сарат гарди гули маҳтобро,
Менамоям субҳу шомамро иваз бар ишқи ту.

Ман намемонам парешон гардад аз ту гарди ту,
Хештанро як қалам гирд оварам дар гирди ту,
Хешро девор месозам ба гирдогирди ту,
Мекунам сар то қадам худро иваз бар ишқи ту.

**Хобат барад ба ҷунбиши мавзуни набзи ман**

Дам мекашам сафедии рӯи туро чу шир,
Ҳамчун ҳавои тоза фурӯ мебарам туро.
Гӯшу димоғу дида ба сӯят кушодаам
Бо роҳи дидаам ба гулӯ мебарам туро.

То чокии уфуқи гиребони чоки ту,
То рӯи субҳи оҳарии шонаҳои ту,
Монанди кӯршаппарае чашмҳои ман
Пар мезананд дар шаби мӯи сиёҳи ту.

Форамтар аз насими нафаснорасидаӣ,
Дар рӯю мӯи ту начаридаст чашми кас.
Дар чор фасли сол сафедӣ ҳамекунад
Барфи бари ду рӯи ту дар сояи ҳавас.

Поят сафеду гардану рухсораат сафед,
Гӯё ниҳоли қоматат аз шир рустааст.
Ҳам қатраҳои модарии шири одамӣ,
Ҳам моҳтоб дар баданат шира бастааст.

Бишкуфта лолаҳои лабатро ба эҳтиёт,
Ман аз миёни хӯшаи мӯ мекунам ҷудо.
Дар тахти санги синаи ман ҷӯш мезананд
Чун обҳои тахти замин изтиробҳо.

Монам шабона зери сарат дасти хешро,
Зери сарам ту низ ниҳӣ дасти хештан.
Хобам барад ба ҷунбиши мавзуни набзи ту,
Хобат барад ба ҷунбиши мавзуни набзи ман.

### Чанбари тилло

Ту аз дарахти қомати ман мева хӯрдаӣ,
Ман аз дарахти қомати ту мева хӯрдаам.
Шаҳтути бӯсаҳои маро чида бурдаӣ,
Шаҳтути бӯсаҳои туро чида бурдаам.

Чун сояат надида сарам сояи дигар,
Чун соям надидаӣ ҷои нишастанӣ.
Дар сояҳо напухта чу ман меваи дигар,
Дар сояҳо нарӯида беҳ аз ту растанӣ.

Он ҷо ки буд маро ба нигоҳи ту кашмакаш,
Бо ҳар адо кабудии чашми туро чу ҷом
Як қатра ночаконида нӯшидаам ба чашм,
Як қатра ночаконида нӯшидаам тамом.

Ҳамчун гурусна рӯбаҳи зоре ба пои ток
Поро ниҳодаам ба сарам аз барои ту,
Ӯ дар талоши хӯшаи ангурҳаи ток,
Ман дар талоши хӯшаи ачгуштҳои ту.

Ту бар салиби бозуи ман саҷда кардаӣ,
Ман ба ҳилоли абрӯи ту саҷда кардаам.
Умре биҳишти ошиқиям ваъда кардаӣ,
Умре биҳишти ошиқият ваъда кардаам.

Ман он касам, ки вақти канори ту соате
Як лаҳза байни чанбари дасти ту будаам.
Ман дар миёни чанбари дастат чу сурате
Дар байни чорчӯбаи тилло намудаам.

**Биншин ба рӯи чашми ман**

Дар ин замин монанди ман
Ошиқ намеояд дигар,
Биншин ба рӯи чашми ман,
Лоиқ намеояд дигар.

Мо ҳар ду аз аҳли ҷаҳон
Бо моҳу парвин шабнишин.
Шаб то ба шаб бо ошиқон
Танҳо намемонад замин.

Шабҳо ба ин оби равон
Чун мо кӣ сӯҳбат мекунад?
Шаббодаи шабҳои мо
Бӯи муҳаббат мекунад.

Бо шабнами лабҳои гул
Аз абрҳо афтодаем.
Фарзанди маҳтобем мо,
Мо аз ҳаво афтодаем...

Дар ин замин монанди ман
Ошиқ намеояд дигар,
Биншин ба рӯи чашми ман,
Лоиқ намеояд дигар.

Чашмони обии мананд
Сарчашмаҳои обшор,
Аз ранги сабзи рӯи ту
Сабз аст рӯи навбаҳор.

То ту ҷавонӣ дар ҷаҳон,
Бояд ҷаҳон монад ҷавон.
Аз баъди Қайс ишқи ман аст
Ишқе, ки монад ҷовидон...

Дар ин замин монанди ман
Ошиқ намеояд дигар,
Биншин ба рӯи чашми ман,
Лоиқ намеояд дигар.

## Се қадам аз ин муқаддам

Се баҳор аз ин муқаддам,
Мешамидам, мечашидам
Партави маҳтобро дар қатраи борону шабнам,
Бо хаёли чашми обие
Осмони обиро чун обҳо дам мекашидам.

Се баҳор аз ин муқаддам,
Соям чун ман нафас мезад,
Соям бо ман нафас мезад.
Чашми ман дар зери мижгонам
Гӯӣ пар-пар дар қафас мезад.

Се баҳор аз ин муқаддам,
Як тане аз равзани чашм
Медаромад дар тани ман,
Он чуноне медарояд офтоб аз роҳи равзан.

Се баҳор аз ин муқаддам,
Ман фурӯ мерафтам аз як решаи мӯй,
Мӯ ба мӯ дар қалби як хушгил,
Ҳамчу обе дар раги гул,
Балки чун нуре
Дар булуре.

Он замонам кай равад аз ёд,
Лаззате буд дар ҳавою маззае дар бод.
Метаровид аз уфуқи шоми кӯтоҳе сафеда,
Он чуноне бишканад кас тухми хомеро.

Се баҳор аз ин муқаддам,
Мегузаштам аз раҳи Варзоб,
Аммо ҳис намекардам
Ин қадар санг аст дар сангоб.

Се баҳор аз ин муқаддам,
Ё се қадам аз ин муқаддам
Ман намедидам, ки дар ин шаҳр
Мард бисьёр асту зан кам.

## Дарьё туӣ, дарьё манам

Дарьё туӣ, дарьё манам, дуньё пур аз об аст,
Ошиқ туӣ, ошиқ манам, ду дида бехоб аст.

Имшаб даруни синаам шуд равшанӣ афзун,
Чун зери дарьё менамояд қалбам аз берун,
Набзам мисоли набзи соат метапад мавзун.

Дарьё туӣ, дарьё манам, дуньё пур аз об аст,
Ошиқ туӣ, ошиқ манам, ду дида бехоб аст.

Имшаб на танҳо бо ту ман зону ба зонуям,
Рӯида аз бозуи ту ин ҳарду бозуям,
Имшаб ту аз ман рустаӣ, ман аз ту мерӯям.

Дарьё туӣ, дарьё манам, дуньё пур аз об аст,
Ошиқ туӣ, ошиқ манам, ду дида бехоб аст.

Субҳи гиребони туро то қатраи охир,
Бо шабнаму шаббодаҳо дам мекашам чун шир,
Ишқи ту аз ҳар банди ман имшаб бувад зоҳир.

Дарьё туӣ, дарьё манам, дуньё пур аз об аст,
Ошиқ туӣ, ошиқ манам, ду дида бехоб аст.

## Шири бӯрида

Бурда-бурда шири андомаш бурида,
Тухмҳои чашмҳояш хом нӯшида.
Мижаҳояш қабзаи хорет дар гулдон,
Шонаҳояш лӯлаи афшурда дар ҷевон.

Аз миёни кӯчаҳо бас ҷуфт рафта,
Бас адою ишваҳояш муфт рафта.
Мӯри одам хӯрда тарбарги лабашро,
Зоғи олам хӯрда себи ғабғабашро.

Косаи чашми варо лесида бо лаззат
Ҳар касе аз косалесони муҳаббат.
Ҳар куҷо печидаанд аҳли ҳавоҷӯяш
Дар палакҳои ҷавони дасту бозӯяш.

Булҳавасҳое сафедиҳои рӯяшро
Бехабар чун сир аз рӯяш ҷудо карда.
Аз сафедиҳои рӯяш булҳавасҳо
Бо ҳавасҳо бурда дар лабҳо сафеда.

Он чуноне пахта аз занҳои саҳро
Бурда бехотир сафедиҳояшонро...

Хастааст аз диданиҳо дидаи ҷонаш,
Нест ҷуз хамьёзае чоки гиребонаш.
Менамояд соидаш бо оби гашта,
Моҳии дар ҷӯйбори остин кушта.

Баъд аз ин бо зулфу гесӯи сиёҳе
Монад абреро, ки мегардад ғамонӣ.
Ҳаст борони баҳораш обила,
Ҳаст аз обилаборон ҳомила.

**Қасам ба ҳарду дидаам**

Гаҳе ту қаҳрии ману гаҳе ту бо ман оштӣ,
Маро гаҳе ту-зинда кардию гаҳе ту куштӣ.
Гаҳе ба бӯса дар лабам ҳазор лола киштӣ,
Гаҳе маро ту аз биҳишти ишқи худ биҳиштӣ.

Маро на бо ту гилаю маро на бо ту ҳеҷ хашм,
Ки ман муҳаббати туро чашидаам ба оби ҷашм.
Қасам ба ҳарду дидаам,
Ки ғайри ту надидаам, надидаам.

Шаби сиёҳи мӯи ман сафед шуд барои ту,
Адо шудам ба ҳар шабе чу моҳ дар ҳавои ту.
Чакила дона-дона ашкҳои ман ба пои ту,
Бубин баҳо чӣ додаам ба ишқи бебаҳои ту.

Маро на бо ту гилаю маро на бо ту ҳеҷ хашм,
Ки ман муҳаббати туро чашидаам ба оби ҷашм.
Қасам ба ҳарду дидаам,
Ки ғайри ту надидаам, надидаам.

## Мешавам аз нестиат нест

Чун дарахти қушарӯида,
Мову ту аз якдигар рустем.
Пеш аз ин бо яхдигар будем,
Баъд аз ин дар яхдигар ҳастем....

Ман пурам аз ту, пурам аз ту,
Ман мурам дар ту, мурам дар ту.

Косаи обе, ки чашми туст,
Андар он хоҳам, ки хас нафтад.
Косаи шире, ки рӯи туст,
Андар он хоҳам магас нафтад...

Ман пурам аз ту, пурам аз ту,
Ман мурам дар ту, мурам дар ту.

Аз ту осон нест дил кандан,
Мешавад банди дилам канда.
Ҳар касе сӯи ту меёзад,
Мекушад он кас маро зинда...

Ман пурам аз ту, пурам аз ту,
Ман мурам дар ту, мурам дар ту.

Чун дарахти қушарӯида,
Мову ту пайванду пайвастем,
Мову ту бо ҳам ҳамеистем,
Мову ту бе ҳам намеистем...

Ман пурам аз ту, пурам аз ту,
Ман мурам дар ту, мурам дар ту.

Гар равад дасти ту аз дастам,
Он замон дасти ман аз ман нест.
Ман, ки аз ҳастии ту ҳастам,
Мешанам аз нестиат нест.

Ман пурам аз ту, пурам аз ту,
Ман мурам дар ту, мурам дар ту.

**Пайванд**

Ту ними манӣ, ними ҷисму ҷони манӣ,
Ба зарра-зарра ту пайванди ҷовидони манӣ.
Ба ҳар куҷо, ки равӣ, дар ман аст решаи ту,
Ту эй гул, аз қалами сабзи устухони манӣ.

Ба ҳар куҷо, ки равам, нимаи танам бе ту,
Ба ҳар куҷо, ки равам, ними одамам бе ту,
Ба ҳар куҷо, ки бубинам туро зиёд шавам,
Ба ҳар куҷо, ки набинам туро, камам бе ту.

Ба дасти ман бирасад дасти кас, ту меларзӣ,
Расад ба дасти ту дасте, ба ларза меоям.
Ту ошьёни ману ман, ки ошьёни туам,
Ту ҷои ҷони ману ман, ки ҷои ҷони туам.

Ба ҳар куҷо, ки равам, боз оям аз ҳама пеш,
Ки дар канор бигирам туро чу нимаи хеш,
Ки дар канор бигирам турову пурра шавам
Ва дар канори ман оиву кам намонӣ ту ҳам.

Тамоми неъмати дуньё чи ғам, ки моли кас аст,
Тамоми неъмати дуньё ба ҳукми хору хас аст,
Туро насиб кунад ишқи ман, ҳамин кофист,
Маро насиб кунад ними бистари ту, бас аст.

## Дилам месӯзад

Аз доғи ту дам ба дам дилам месӯзад,
Аз бахти пиёдаам дилам месӯзад.
Беҳ чашми маро камекушодӣ дар ишқ,
Аз чашми кушодаам дилам месӯзад.

Рӯят ба ману маро намехоҳӣ дид,
Гӯшат ба ману маро намехоҳӣ шунид.
Бар меҳру муҳаббати ту чашми кӣ расид?
Дад пеши ту аз алам дилам месӯзад.

То аз ғаму шодии ту пур шуд дили ман,
Монанди гуле ба ханда дур шуд дили ман.
Ишқи ту намурду зиндамур шуд дили ман.
Бар ин дили мурдаам дилам месӯзад.

Аз бахши ту ғусса хӯрдаам беҳуда,
Беҳ аз дигарат шумурдаам беҳуда,
Дар ишқи ту ҷон супурдаам беҳуда,
Бар ҷони супурдаам дилам месӯзад.

Вақте ки ғами ту мекунад дилгирам,
Мехезаму дафтару қалам мегирам,
Аз дафтару аз қалам алам мегирам,
Бар дафтару бар қалам дилам месӯзад.

Чун хори шикастае, ки монад дар тан,
Будӣ ҳама бо ману набудӣ аз ман.
Мондӣ ҳама бо ману намондӣ ҳамтан,
Аз беҳамии ба ҳам дилам месӯзед.

**Аз мӯи то зонӯи ту як мӯ набахшам бар касе**

Борони найсон мезанад дар боғҳо, дар боғҳо,
Сар то ба по гул кардаам аз доғҳо, аз доғҳо.
Ин лаҳза борон асту ман, борони резон асту ман,
Дар зери борон ҳар тараф як нахли гирьён асту ман.

Рӯи туро ҷамъ оварам аз ёдҳо, аз ёдҳо,
То рӯи ту ояд ба ёд, ояд ба ёд, ояд ба ёд.
Бӯи туро ҷамъ оварам аз бодҳо, аз бодҳо,
То бӯи ту ояд ба ёд, ояд ба ёд, ояд ба ёд.

Бе чашми дарьёранги ту чашмам нашуд аз об сер,
Бе ёди хобангези ту ҷонам нашуд аз хоб сер.
Чашми ту гардонад маро дар обҳо, дар обҳо,
Ёди ту гардонад маро дар хобҳо, дар хобҳо.

Вопас ба ҳам орам туро, вопас ба ҳам орам туро,
Мӯи ба мӯ, мӯи ба мӯ, яъне, ки то як тори мӯ,
Яъне туро сар то ба по, сар то ба по, сар то ба по
Ҷамъ оварам аз орзу, ҷамъ оварам аз орзу.

Охир туро якто кунам, якто кукам, якто кунам,
Дар ҷои ҷонам ҷо кунам, дар ҷои ҷонам ҷо кунам.
Аз мӯи то зонуи ту як мӯ набахшам бар касе,
Аз хоки поят заррае дору набахшам бар касе.

## Сарнома

Шабҳо ба алам қадам занам аз паи ту,
Бо чӯби қалам қадам занам аз паи ту.
Аз пораи номаҳои беҳудаи хеш
Дар чӯби қалам алам занам аз паи ту.

Хобам чу калобае пароканда шуда,
Монандаи тори тортан канда шуда.
Озори ту хок хӯрда чун замбӯре,
Дар синаи ман газандаи ганда шуда.

Ишқи ту накушт агар маро дар таби дил,
Табхолаи ишқи ту нарафт аз лаби дил.
Бишкуфту ҳанӯз мешукуфад хуншор,
Доғат чу гули шабонае дар таби дил.

Он гуна, ки мебарои аз хонаи хеш,
Рӯзе, ки агар замин бичунбад каму беш,
Он гуна баромадӣ ту аз оғӯшам,
Айёми ҷавонии манат пешопеш.

Ман мондаму ёди холии танҳоӣ,
Андар дилу дида ҷойҳои холӣ.
Ман мондаму баргрезии дафтарҳо,
Ман мондаму тирамоҳи дафтарҳое.

Шеъре, ки навиштаму нависам шабҳо,
Ҳар донаи нуқтааш бувад тирнамо.
То доғи ҷавониам ба пирӣ набарам,
Охир ба қаламкамон паронам худро.

**Гирехи санг**

Ҳайфи таронаҳои пур аз ашки обшор
Боре нашуд таронаи ӯ нӯши гӯши санг.
Сад ҳайфи панҷаҳои булӯрии мавҷҳош,
Беҳуда мехазад ба тани хаззапӯши санг.

Нохун ба санг мезанаду мезанад абас,
Гардад сафеду соф равон хуни обшор.
Ҳамчун гиреҳи мушти хасис во намешавад
Мушти гиреҳи санг ба нохуни обшор.

Ин ҷо ҳубоб дар назарӣ ман ҳубоб нест,
Обича карда ин қадар аз печутоб об...
Эй зан, чаро ба сангдиле дил супурдаӣ,
Охир ба мисли об дилат мекунад ҳубоб.

Дидӣ, ки даст аз чи ба мӯи ту мебарад,
Мекобад аз нишеби сарат ҷои пои худ.
Аз буттаҳои зулфи баландат гирифта ӯ,
Раҳ меравад ба фарқи ту бо панҷаҳои худ.

Дар пайкари сафеди ту ин пайкари сиёҳ
Часпида ҳамчу санги сияҳ дар гулӯи об.
Эй зан, чаро ба сангдиле дил супурдаӣ,
Охир ба мисли об дилат мекунад ҳубоб.

## Бӯса ба дуньё задам

Зулфата боло задам,
Сила ба шабҳо задам.
Ҳар ду лабат гул намуд,
Бӯса ба гулҳо задам,
            Бӯса ба гулҳо задам.

Навбати чашмат расид,
Дар лаби ман нам расид.
Чашми ту дарьё намуд,
Бӯса ба дарьё задам.
            Бӯса ба дарьё задам.

Навбати мӯят расид,
Моҳ ба кӯят расид.
Мӯи ту тилло намуд,
Бӯса ба тилло задам,
            Бӯса ба тилло задам.

Бозуву боло намонд,
Дар бари рӯ ҷо намонд.
Дар қадамат хам шудам,
Бӯса ба дуньё задам,
            Бӯса ба дуньё задам.

**Сафедор**

Дар миёни ҷангали анбӯҳи инсонӣ
Менамояд танаат як тан сафедоре.
Ман ба ҳар сӯе, ки мебандам кигоҳамро,
Чун сафедоре ту аз ҳар сӯ намудорӣ.

Дар миёнат ростиҳои сафедорист,
Дар танат бетоқатиҳои сафедорист.

По баланду кафши паят ҳай баланде,
По сафеду кафши паят ҳай сафеде.
Ман ба рӯи шонаи худ мебароям,
То расам бар ин баланидию сафедӣ.

Банди мӯ як қабзаю банди миён як мушт,
Шона як оғӯшвору гарданат як газ.
Мӯйро бар қоматат сар додаӣ як қад,
Шонаро во кардаӣ аз парпари атлас.

Мӯйҳо сар мешаванд аз дурии дурӣ,
Дастҳо сар мешаванд аз дурии дурӣ,
Пойҳо сар мешаванд аз дурии дурӣ.

То расам охир ба ин дурии дурӣ,
Ман ба ҳар як лаҳза аз худ мешавам берун,
То расам охир ба ин дурии дурӣ,
То ба мурдан балки аз худ медавам берун.

Аз тани нарми сафедории ту рӯзе
Меканам ман пӯстҳои ҷомаҳоятро,

Бар сари санги сари худ мегузорам
Хуштарош устунҳои пойҳоятро.

## Шаби Файзобод

Пурсояву пурмаҳтоб
Шаб хам-хами Файзобод.
Акси шаби маҳтобӣ
Дар шабнами Файзобод.

Ишқовару ишқовар
Моҳи лаби талҳояш,
Ҷонпарвару ҷанпарвар
Шаббодаи саҳрояш.

Дар сардара мечовад
Кабк аз қабати гулхор,
Аз ёли Камар ояд
Бӯи палаку шудгор...

Пурсояву пурмаҳтоб
Шаб хам-хами Файзобод.
Акси шаби маҳтобӣ
Дар шабнами Файзобод.

Шерозаи симин аст
Санговаи Элокаш.
Ҳар кас, ки қадам монад
Дар мижа барад хокаш.

Як пора аз ин маҳтоб
Як гӯша аз ин саҳро,
Як шоха аз ин дарьё,
Моро бас аз ин дуньё.

**Ишқи тиллоӣ**

Лола мечинам ман аз лабҳои ӯ,
Лола мечинад вай аз лабҳои ман.
Э ҷавонӣ, э ҷавонӣ,
Лалазор аз бӯсаҳо дорад ҷавонӣ
Дар лаби ёрони ҷонӣ...

Дар гулӯи ҷӯйборон об қул-қул мекунад,
Гӯиё чун кӯдаке дар хоб механдад замин.
Кӯчаҳо дар рӯбарӯи мо фарох афтодаанд,
Шаҳр аз пешона бикшодаст чин.

Беҳтар аз рӯзанд шабҳои ҷавонӣ,
Ишқомӯзанд шабҳои ҷавонӣ.
Шаб ҳама шаб ҷӯи об аз ошиқон аст,
Шаб ҳама шаб маҳтоб аз ошиқон аст,
Кӯчабоғи ошиқон дар Каҳкашок аст.

Э ҷавонӣ, э ҷавонӣ,
Садқаи ин зиндагонӣ...
Метаровад зарҳали маҳтоб аз рӯяш,
Аз баёзи гарданаш,
Аз дасту бозӯяш.
Бӯсаҳои ошиқӣ
дар оби зар тар мешаванд,
Бӯсаҳои ошиқӣ зар мешаванд.

Дасти ман печида дар дастони ӯ,
Дасти ӯ дар дасти ман печидааст.
Гӯиё имшаб тани бедарди ӯ

Дар тани бедарди ман сабзидааст.

Э ҷавонӣ, э ҷавонӣ,
Садқаи ин зиндагонӣ...
Дигарон дар бистари хоб,
То саҳар моро тилоӣ мекунад маҳтобшаб
Имшаб аз тиллои маҳтоб.
Хори мижгонаш, ки тилло мешавад,
Бебаҳо дар рӯи дуньё мешавад.

Э ҷавонӣ, э ҷавонӣ, э ҷавонӣ,
Қадри ҷононро ту медонӣ,
Ҳалолат бод ҷон!
Ишқбозиро ту метавонӣ
Ҳалолат бод ишқ!

Ин ҳама бедорхобӣ,
Хуштар аст аз хоби нӯшин,
Аз шаби мо нест шириштар дар ин рӯи замин...

Баргҳоро аз сари роҳ
Мезанад шаббода ҷорӯб,
Меваи заррини маҳ дар шохи абр.
Мерасад то рӯа девори ғуруб.

Ман намедонам дар ин маҳтобшаб
Мисли ман имшаб кӣ зар бардошта,
Моҳи тиллоӣ намепояд ахтар,
Ёри тиллоӣ ба ман бигзошта.

**Ситораҳо**

Ситораҳо,
Зулоли ашкҳои шаб,
Ба чашми сурмасои шаб,
Ба мижаи сиёҳи шаб,
Тифлони лолачини осмонианд
Тифлони гоҳвораҳои холии хаёлианд.

По бар замин намондаанд,
Нозодаанду зиндаанд,
Дар асмон ватан гирифтаанд...

Шоме, ки моҳрӯи ман,
Буд моҳи кӯи ман,
Аз киштаҳои ошиқӣ буд гуфтугӯӣ ман,
Зарринамӯй кӯдаке буд орзуи ман,
Рӯяш чу рӯи ӯ,
Бӯяш чу бӯи ман.

Аммо дареғи он шаби хушдории нахуст,
Садҳо дареғи он шаби бедории нахуст.
Афсонае ки буд,
Афсонае набуд,
Он киштаи муҳаббати мо дар замин наруст...

Акнун, ки чора нест,
Он моҳпора нест,
Он кӯдаки хаёлии зарринамӯи ман
Дар гаҳвора нест, —
Ғайр аз ситора нест...

Ситораҳо,
Ситораҳо
Дар мижаҳои шаб,
Монанди шабнаманд,
Тифлони одаманд...

Ситораҳо,
Нишонаҳои бе нишонаҳо,
Тифлони гоҳвораҳои холии хаёлианд,
Тифлони лолачини осмонианд.

Афсонаҳову аллаҳои кӯдакӣ
Шабона аз фариштаҳо шунидаанд,
Пистони маҳ макидаанд.

Ситораҳо,
Ситораҳои хубрӯ,
Зарринамӯй кӯдакони орзу,
Шабона бозӣ мекунанду бозӣ мекунанд
Дар кӯчаҳои Каҳкашон,
Дар кӯчаҳои ҷовидон,
Бо фариштагон.

**Номаҳо**

Номаҳоятро кушодам
Бар ҳаво сар додам аз даст,
То шаванд абри баҳорӣ
Номаҳои ёдгорӣ
Бар сари талҳо бигирьянд,
Чашмаю дарьё бигирьянд,
Номаҳо бар мо бигирьянд.

Дина шаб карда ҳикоят
Аз ту бар боди парешон.
Ман ба ёдат ғуфтам аз ёд
Мисрае бар ҷӯйборон,
То барад обаш ба дарьёҳо бигӯяд,
То барад бодаш ба саҳроҳо бихонад.

Дина шаб дар зери борон
Раҳ ба раҳ рафтам хаёлӣ.
Кокулатро ришта—ришта,
Бо хаёлам ришта афтам.
Бӯсаҳои дар лабат нокиштаро
Қад— қади раҳ,
Лаб—лаби ҷӯ,
Дар заминҳо кишта рафтам.

То паёпай аз паи ман
Қад— қади раҳ,
Лаб—лаби ҷӯ,
Бӯса рӯяд ҳамчу қоқу,
Бӯса рӯяд ҳамчу ҳулбӯ.

Дина шаб бориду борид,
Об дар дарьё нагунҷид,
Дина шаб танҳоии ман
Дар мани танҳо нагунҷид...

Дина шаб борони найсон
Аз заминҳо нақши по шуст.
Дар дилам доғе фузун шуд,
Чун паи пои туро шуст.
Дина шаб дар кӯчаҳо беҳуда гаштам
Ҳамчу сайёдони пайгумкарда гаштам...

Дина шаб олам тамоман об буд,
Осмон шодоб,
Замин шодоб буд.
Лек ман номи ту дар лаб
Худ ба худ чун хушксорон
Сӯхтам дар зери борон.

## Ғазали арӯсӣ

Боз шире бо шакар омехтанд,
Ошиқон бо якдигар омехтанд.
Рӯзу шабро аз миён бардоштанд,
Хоби худро бо саҳар омехтанд.
Чашмҳоро чашмҳо доданд об,
То назарҳо бо назар омехтанд,
То забони ҳамдигар омӯхтанд,
Безабони ҳамдигар омехтанд.
Нест ҷо дар байни ошиқҳои пок,
Ду тане дар як камар омехтанд.
Ду тане як шуд, яке гардид ҷон,
Ҷону танро ин қадар омехтанд.
Осмон имшаб намебинад магар,
Офтобе бо қамар омехтанд.

## Дар зери шаршара

Ларзида меафтод мавҷ
Бар мавҷ аз болоӣ ӯ,
Сад парча
мепартофт мавҷ
Аз фарқи сар то пои ӯ.

Мӯи дарозаш тор-тор
Дар печу тоб
афтода буд.
Мӯро ба мӯ метофт об,
Мӯро ба мӯ мебофт об,
Дар дасти об афтода буд.

Мебурд чашмони маро
Мӯи тару рӯи тарат,
Оинаро мешуст мавҷ
Лағжида аз пеши бараш.

Аз кокули заррини ӯ
Шорида зар мегашт об.
Полида аз зулфони ӯ,
Полида аз мижгони ӯ,
Покизатар мегашт об.

Дар сангҳо биншаста буд
Аз пайкараш бӯи баҳор.
Ҷӯи ба ҷӯ,
Кӯи ба кӯ
Мерафт бӯи мушки ёр.

Ҷӯи ба ҷӯ, кӯи ба кӯ
Ҳар қатрае ҳамроҳи худ
Мебурд бар дарьёю рӯд.
Аз чашми ӯ ранги кабуд.

***

Дар миёни бистари оҳорие
Ӯ чу гавҳар дар садаф хобидааст.
Аз лаби боми баландӣ хонааш
Шири маҳ дар кӯчаҳо полидааст.

Ӯ намебинад, ки ман аз байни шаб
Дар фироқаш меравам пурорзу,
Менависам раҳ ба раҳ шеъри сафед
Дар замин бо шири маҳ аз ишқи ӯ.

Ӯ намехонад дар ин маҳтобшаб
Мисраҳаи моҳтобии маро.
Ман барои ӯ ҷигар хун кардаам,
Ӯ барои ман намесӯзад чаро?

Ӯ намедонад, ки ман дар хоби ӯ
Шеърҳои зинда иншо мекунам.
Ӯ ғазалҳои китобӣ хондааст,
Ман вале метарсам аз нақши қалам...

Меравам ман, меравад аз пушти ман
Сояҳои чанд девори баланд,
Менависам дар замин шеъри сафед,
Сояҳо молида кӯраш мекунанд.

Гӯиё аз шеъри широлуди ман
Сояҳо чун коғазе нам мешаванд.
Ишқи маҳтобии ширини маро
Кӯчаҳо бо шири маҳ дам мекашанд.

Меравам, шаб меравад ҳамроҳи ман,
Моҳтоб аз боми ӯ хам мехӯрад.
Доғи ишқу ошиқӣ дар синаам,
Чун гулу себарга шабнам мехӯрад.

Шабнаме не,
Аз паи маҳтобшаб,
Шаҳри ишқомез ашколудааст.
Моҳ мегирьяд,
Чу фарзандаш маро
Дар миёни кӯчаҳо гум кардааст.

**Камони ранга**

Ту дар ҳавои чашми ман камони рангаӣ,
Ту дар уфуқи чашми ман чу абрсӯзи бегаҳӣ,
Ту не шимолииву не шамолиӣ,
Ту шеъри олиӣ,
Ту шеъри олиӣ.

Ба ҳар чаҳор сӯи ман кашидаӣ ту ҳафт хат,
Агар бароям аз хати ту, мекунам ғалат.
Маро ба по шинонда ҳамчу растанӣ хатат,
Ба рӯи роҳи ту,
Дами нигоҳи ту.

Нишастаӣ ба зеҳни ман ту чун тило ба санг,
Намеканӣ ту аз вуҷуди ман ба ҳеҷ чанг,
Намезапад муҳаббати тилойи ту занг
Дар обу оташе,
Ба зери борише.

Ҳама ду рӯянду моҳи яккарӯ туӣ,
Ҳама ду гӯянду моҳи яккагӯ туӣ,
Ҳама ду ҷӯянду моҳи яккаҷӯ туӣ,
Ту бешӣ аз ҳама,
Ту пешӣ аз ҳама.

**Ману туву моҳ**

Ману туву моҳ танҳои танҳо,
Маҳтобӣ карда моҳ ишқи моро,
Тар карда имшаб дар оби тилло.
Ишқ мерахшад,
Барқ мезанад.

Ҳаво сабуку осмон сабук,
Дилҳо мулоим, андеша нозук,
Ишқ аз тани мо чун шиша нозук,
Садо медиҳад,
Садо медиҳад.

Моҳи баланду шабҳои кӯтоҳ,
Моҳ аз паси мо, мо аз паси моҳ,
Ману туву моҳ дар нимаи роҳ,
Субҳ медамад,
Садо медиҳад.

Моҳ ҳам меравад, мо ҳам меравем,
Ману тӯву моҳ бо ҳам меравем,
То беҳамиҳо бо ҳам меравем,
Ишқ мемонад,
Ишқ мемонад.

## Эй ҷон, биё ба ҷои ҷон баргард

*Аз номи Шарифи Юсуф*

Он хуфтараҳ, ки пои ту фарсуда,
Фарсудатар нигоҳи маро карда,
Дар тӯли ин раҳи фироқ аз ашк
Пои нигоҳам обилаҳо карда,
Ту биё барои ман,
Ту биё бараи ман.

Бе ту мисоли соя сияҳпӯшам,
Дар зиндагонӣ бе ту фаромӯшам,
То дар замин фурӯ наравам бе ту,
Бо ҳарду панҷа мекашам аз гӯшам,
Ту биё барои ман,
Ту биё бараи ман.

Зардии боғ карда маро ҳам зард,
Ҳамчун гуле нишастаам дар гард.
Ту ҷони дигарӣ маро, эй ҷон,
Эй ҷон, биё ба ҷои ҷон баргард,
Ту бимон барои ман,
Ту бимон барои ман.

**Борон**

Зангӯлазанон гузашт борон,
Чобуку ҷавон гузашт борон,
Бо силсилаҳо гузашт борон,
Бо шилшилаҳо гузашт борон,
Монанди занон гузашт борон.

Ҳай бӯи занона дошт борон.
Гесӯи занона дошт борон,
Овози занона дошт борон,
Пардози занона дошт борон,
Гулнози занона дошт борон.

Тӯре ба сараш кашида мерафт,
Мӯяш ба қадаш хамида мерафт,
Нозаш ба қадаш чакида мерафт,
Абрӯи камони Рустамашро
Бо ишва қалам кашида мерафт.

Тавъам ба занони ширандом,
Тавъам ба занони резадандон,
Тавъам ба зани булӯрбозу,
Тавъам ба зани дарозгесӯ,
Тавъам ба ҳазор сеҳру ҷоду.

Аз олами шишагии борон
Оҳанги сафед метаровид.
Оҳанги сафеди шишаборон
Аз шохаи бед метаровид,
Чун хоби сафед метаровид.

Ман шохаи бедро кашидам,
Ман дасти сафедро кашидам,
Овози занонае шунидам,
Борони шукуфаро чашидам,
Овози занонаро чашидам...

Зангӯлазакон гузашт борон,
Чобуку ҷавон гузашт борон,
Бо чилчилаҳо гузашт борон,
Бо шилшилаҳо гузашт борон,
Бо силсилаҳо гузашт борон,
Монанди занон гузашт борон.

Борони ҳаво давои дилҳо,
Доруи шукуфаҳои дилҳо.

## Суруди шабҳангом

Дар кадомин лона имшаб
Қумрие хобасту бедор,
Чӯҷаҳояш зери болаш,
Лонааш муште хасу хор.
Хурраму осуда бод ин хоби ҳушьёр.

Дар кадомин кӯча ҷӯе,
Мекунад сӯҳбат ба ҷӯе,
Мераванд аз кӯ ба кӯе
Ҷӯ ба ҷӯ бо гуфтугӯе.
Хурраму осуда
бод ин ҳамравонӣ,
Хурраму осуда бод ин ҳамзабонӣ.

Дар кадомин барзан имшаб,
Роҳе дар паҳлӯи роҳе хуфтааст.
Дар кадомин ҷогаҳ имшаб,
Шоҳе дар паҳлӯи моҳе хуфтааст.
Дасти раҳ дар гардани роҳ,
Дасти шаҳ дар гардани моҳ,
Моҳи шабрав дар тамошо.
Хурраму осуда бод ин хоби зебо.

Дар кадомин хона имшаб,
Модаре сар монда дар бистар,
Оламу одам фаромӯшаш,
Тифли ширбӯе дар оғӯшаш.
Хоби ширин бод нӯшаш.

Имшабу шабҳои дигар.
Ошиқе меояд аз сӯе,
Дар димоғаш атри гесӯе.
Дар бисоташ ёди абрӯе.
Эй худо,
Имшаб хаёли ёрро ҳамбистараш кун,
То саҳар ошиқтараш, ошиқтараш кун,
То саҳар ошиқтараш кун!

**Лолаҳо**

Чун пайи хуне, ки дар болои барф
Меравад то лона аз пои шикор,
Мондаам аз ишқи бесомони хеш
Ман ба ҳар як ёри худ як ёдгор.

Шаҳрии фарзанди деҳқон,
Дар хумори киштзорон,
Дар баҳори шаҳр дар рухсорае
Гарму ширин бӯсаҳо коридаам,
Донаҳои бебаҳо коридаам.

Он чуноне дар адирҳо
Лола мехезад баҳорон,
Дар сари рухсорае бишкуфтаанд
Бӯсаҳоям — лолаҳоям,
Шоҳидони ишқу армон.

Кӯдаки дерини гулгардони деҳ,
Орзуманди гули мижгони деҳ,
Бо лабонам аз лабе гул чидаам,
Бо лабонам
Дар лабе гул мондаам,
Дар диёри ишқ гул гардондаам.

Бо хаёли он ки аз лабҳои об
Марҳами хасмола гӯён
Барги зуф мекофтам,
Барги зулферо парешон кардаам.
Дардҳои кӯҳнаамро,

Решаҳои синаамро,
Ман ба барги зулф дармон кардаам.

Дидаамро рӯзи наврӯзи ҷавон
Бар гули пероҳане молидаам.
Арғувону наргису себаргаро
Аз бару аз бистаре бӯидаам.

Сар ба дӯшу домане бигзошта,
Гаҳ ба тифлиҳои худ баргаштаам.
Баччагиро бурда боди домане,
Гаҳ ба сад марде баробар гаштаам.

То гурезам аз сари танҳои хеш,
Хоки поеро ба сар бинҳодаам.
Доғи ёре,
Ғамгусоре,
Ишқ гӯён дар ба дар ғам бурдаам,
Ишқ гӯён дар ба дар ҷон додаам...

Ранги он хуне, ки дар болои барф
Меравад шорида аз пои шикор,
Мондаам аз ишқи бепоёни хеш
Дар лабу дар синаҳое ёдгор
Бӯсае ё қиссае,
Ё ғуссае.

## Шаб

*Ба М. И.*

Духтари сабзинаи ғамгин,
Гӯшвораш хӯшаи Парвин,
Ҳола — ангуштари тиллояш,
Маҳ — нигини қаҳрабояш.

Мӯи сиёҳаш парешон,
Ситораҳои ашк дар мижгон,
Сараш ба зонӯи кӯҳистон,
Лабаш хамӯшу дилаш гирьён.

Аз мижааш ягон — ягон,
Чу донаи марҷон,
Ситорақатра, мечакад,
Қатра — қатра мечакад.
Лабаш хомӯшу дилаш зик,
Духтари ошиқ,
Духтари ошиқ.

**Ширмаҳтоб**

Чун баромад ширмаҳтоб
Гӯиё худро гирифтам,
Дар шаби гармои дилгир,
Ҳамчу заҳролуда дар шир.

Ишқ гуфтам,
Даст кардам синаамро,
Сӯхтам чун сӯгворон,
Ёдам омад марги Сӯҳроб,
Ман шудам санг,
Ман шудам об...

Ишқ гуфтам,
Гирьяи талхе шунидам,
Гӯиё дарьё ба дарьё
Оби дарьё гирья мекард.
Дар ману дар рӯи дуньё
Абри дуньё гирья мекард,
Ҳарду чашмам худ
ба худ пӯшида шуд,
Гум шудам як лаҳза дар худ.

Гуфтам ин овози вазнин
Мерасад аз навҷавонӣ,
Мерасад дарьё ба дарьё
Зораҳои ёри ҷонӣ.

Ёдам омад, дида пурнам
Ишқи дерин ҳамчу фарзанд,

Ҳамчу фарзанди ҷавонмарг.
Ёдам омад, ҳамчу Рустам
Куштаам ман ҳам ҷигарбанд,
Хурдаам фанд...

Мондаам дар навҷавонӣ
Мисли Рустам дар Самангон,
Як гуле аз гулузорон,
Ҳамчунон Таҳмина танҳо,
Ҳамчунон Таҳмина гирьён.

Бе хаёли ӯ надорам
Ман хаёли талху ширин.
Мебарад аз ман маро ӯ
Сӯ ба сӯ шабҳои ғамгин.

Ҳар гаҳе аз ёди рӯяш
Мекунам назми хаёлӣ.
Ҳар шабе бе ӯ ман ӯро
Мебарам дастон ба дастон,
Мебарам девон ба девон
Ашкрезон,
Ашкрезон.

## Мераванд абрҳои тобистон

Сар-сари ёлаҳои зарду кабуд
Мераванд абрҳои тобистон.
Дар назар чодари арӯсии мо
Гаштааст абрҳои кӯҳистон.

Ба ту ошиқ шудам ҳамон рӯзе,
Ки дилам гарми орзуҳо буд.
Чашми ман ҳамчу чашмаҳои зулол,
Хотирам пок мисли дарьё буд.

Ман хаёлан ситора мебастам,
Ранги марҷон ба гарданат шабҳо.
Куртаи хоб пора мекардам
Ба қадат аз ҳарири партави моҳ.

Бо хаёли ту мезадам девор
Хонаҳои хаёлии худро.
Кӯдакони хаёлӣ мечустам
Аз паси абрҳои рӯи ҳаво.

Дар ҳавасҳои навҷавонии ман
Рӯзҳое ҷавониҳо кардӣ,
Лек охир маро ба беҳавасӣ
Бори аввал ту ошно кардӣ...

Сар-сари ёлаҳои зарду кабуд
Мераванд абрҳои тобистон.
Орзуҳои хору зори манand
Абрҳои сафеди саргардон.

Мебаранд абрҳои ҳарҷоӣ
Оҳи гарми маро ба дашту даман,
То задам чашм, фасли лола гузашт,
Фасли доғи дил аст дар дили ман.

Монда мисли ҷазираи гумном
Байни дарьёи хотироти куҳан,
Ватани ишқи ман — ҷавонии ту,
Ватани ишқи ту — ҷавонии ман.

Дар дилам бе ту ҳамчу бе соҳиб
Хонаҳои хаёлӣ вайронанд.
Кӯдакони хаёлиам шабу рӯз
Дар ба дар аз паси ту гирьёнанд.

***

Рез борон, рез борон,
Онҷунон борида будӣ
Бар сари сабзи ману ҷонони ман...

Дӯш бо ҳар қатрае наздиктар,
Кокулони духтари ҳамсоя тар,
Дар чунин як рӯз оғӯши маро пур карда буд
Бо баҳори сабзу борон.

Кӯдаке будему меомад ҳанӯз
Бӯи шири модар аз лабҳои мо,
К — осмон аз хоби тифлӣ
Ногаҳон моро ҷавон бедор кард,
Осмон эҷоди нотакрор кард.

Лек то ман ҷустуҷӯ кардам раҳи тақдирро
Пеши ӯ ногуфтаю нохонда монд
Байти ишқи ману армони ман,
Байти ашколудаи пинҳони ман.

Бас баҳоре баъди ӯ такрор шуд,
Ҷуз баҳори умри нотакрори мо.
Бас гулеро бод ҳам оварду бурд,
Ҷуз ҳамон барги гули лабҳои ӯ...

Рез борон,
Рез борон,
Онҷунон борида будӣ,
Онҷунон тар карда будӣ,

Дӯш дар оғӯши ман ҷононаро,
Он гули якдонаро.
Ҳар гаҳе бар синаи хок
Мезанӣ нохун ту, борон,
Мезанад нохун касе бар синаам.
Ин аламҳои ману армони ӯст,
Ёдбуди мондаи гирьёни ӯст.

Аз ғаму шодӣ хабар кард ӯ маро
Пештар аз қуръаи толеи ман,
Пештар аз зиндагонӣ,
Аз табу тоби ҷавонӣ.

Пештар аз он кӣ дил дар синаам
Сант гардад,
Хандаҳо дар гушаи чашмони ман
Қабзаи ожанг гардад...

Рез борон, рез борон,
Рез файзи абри найсон,
Ман гули гумкарда дорам,
Шояд ӯ аз хок рӯяд ин баҳор.

**Фирдавсӣ**

Хуршед рафту аз паси хуршед баста шуд
Мехи ситоракӯби дари чармпӯши шаб.
Шабкӯраи нигоҳи ман аз лонааш парид
Вақте навохт соати бурҷе ба гӯши шаб.

Бе ҳису бе асар ба қади кӯча рост монд
Як лаҳза пои бефараи мӯсафеди роҳ,
Як лаҳза дасти бефараи мӯсафеди роҳ.

Яъне ба мавҷи раҳгузарон соат ист дод,
Истод мавҷу соати устун наистод.
Яъне ки шуд кашида раги дасту пои роҳ,
Аммо нашуд кашида раги дасту пои вақт.
Яъне ки шуд фишурда раги дасту пои роҳ,
Аммо нашуд фишурда раги дасту пои вақт.

Пас шаб чу мӯрхори сиёҳи дарозпашм
Аз тӯдаҳои раҳгузарон фавҷи мӯр дид,
Ин дам даҳон кушоду забон бар замин ниҳод.
Ии фавҷ дар забони пур аз мӯякаш хазид,
Монанди мӯр раҳгузаронро фурӯ кашид...
Мӯри хаёлие таги пероҳанам давид.

Як лаҳза дида бастаму дидам ман аз дарун
Бар шахси шоире, ки бувад соати сутун.
Мегардад он ба вақти даруну буруни халқ,
Мегардад он ба соати касру бутуни халқ.

Яъне ки халқ менигарад аз чаҳор сӯ
Бо чашми дил ба ақрабаи мисраҳои ӯ.

Зангӯла зад аз олами наздику дури Форс,
Чун соати тилоии бурҷи шуури Форс,
Фирдавсии ҳазорқадамсола пешу хеш,
Фирдавсии ба сол қадам монда пеш—пеш,
Яъне, ки пеши аҳли қалам то ҳазор сол,
Яъне ки хеши аҳли Аҷам то ҳазор сол.

Чун шоир ӯ нарафта даме хоб дар лаҳад,
Чун соат ӯ нахуфта дар ин умри беадад.
Бар мили мисраҳои расояш, ки як лак аст,
Тозӣ ба тохтан нарасиду намерасад.

Ин ровии қаламраси Сосониёни вақт,
Ин шоири қаламрави Сомониёни вақт,
Дар маркази замин қалами тези ҳешро,
Чун яккамех кӯфта, лангар намудааст
Бо лангари забони дарӣ Рахши шеърро.

Ҳарчанд сиву панҷ будаш умри шоирӣ,
Дар сини шеър аз ӯ нагузаштаст шоире.
Дар сиву панҷи шоирӣ шуд пири шоирон,
Оби сухан чашиду бишуд Хизри шоирон,
Яъне агар навинаӣ, аз ӯ ту охирӣ,
Деринаи агар, ки ту дерина охирӣ.

Меорам аз навиштагарон ин навишта ман, —
Ҳамчун даҳо муҷассамае гашта дар сухан
Бо он лабе, ки буда лаби гӯри Аҳриман[2].

---

[2] Мазмун аз Сиёвуши Касроӣ

Бо он қаде, ки буда қади гӯри Аҳриман.
Бо он нигаҳ, ки буда таҳи гӯри Аҳриман.

То дасти ӯ чу шоири сарводаи Ачам,
Ангушти бо баракка бароварда аз қалам,
Маҳмудро такондаву худро такидааст,
Чун ҷома аз дарун ба бурун чаппа кардааст,
Чун ҷома аз бурун ба дарун чаппа кардааст.

Дар аҳди умри мухтасари шоирии ӯ,
Ҳам истилоҳи паҳлавӣ, ҳам паҳлавонӣ буд,
Аз баъди умри мухтасари шоирии ӯ,
Он истилоҳи паҳлавӣ чун паллавӣ намуд.

Аз баъди умри мухтасари шоирии ӯ,
Дар Балху дар Ҳариву Бухорову Хуталон
Дархурди зиндагонӣ наомад чакомае,
Номӯси шоирона бадал шуд ба ҷомае.

Бас шоирон, ки боми фалакро гузоштанд
Дар зери пойҳои качи Алпи Арсалон.
Рӯям сияҳ, кӣ шоирӣ як номи холӣ шуд,
Санги мазору мақбараҳо лек олӣ шуд...

Меорам аз навиштагарон ин навиштаро —
Фирдавсӣ чун завола суханро сириштааст.
Бо лаҳҷаи дариву ба хуни Сиёҳвуш
Бар мо калимаҳои шаҳодат навиштааст.
Гӯянд агар калимаи худро ту арза кун
Мехонам аз навиштаи Фирдавсӣ байтҳо,

Чун аз ҷавобнома ба монанди мурдаҳо..
Хуршед рафту аз паси хуршед баста шуд
Мехи ситоракӯби дари чармпӯши шаб.

Шабкӯраи нигоҳи ман аз лонааш парид
Вақте навохт соати бурҷе ба гӯши шаб.

**Борбад**

Фишоғурси фишоғурсони дуньё Борбад буда.
Навогар ровии яшти «Абисто» Борбад буда.
Забонаш чун забона будааст аз оташи Зардушт,
Варо куштаст он ки оташи Зардуштро мекушт.

Ба наврӯзи Аҷам оҳанги наврӯзӣ адо карда,
Ба аъёди сада з—анбӯҳи оташ илтиҷо карда:
Ҳон, оташи муғ,
Ҳон, фурӯғи зардуҳуштӣ!
Зардии рӯямро бигир,
Сурхии рӯятро бидеҳ!

Зада то захмае аз захма чун аз захм хун рафта,
Садои Борбад аз Марв кӯҳи Бесутун рафта:
Ҳон, оташи муғ,
Ҳон, фурӯғи зардуҳуштӣ!
Зардии рӯямро бигир,
Сурхии рӯятро бидеҳ!

Нахустустоди устодони хуньё Борбад буда,
Ба нисбат Рӯдакии санъати мо Борбад буда,
Гирифта андар олам роҳи уду барбату конун,
Саросар оламеро Борбад паймуда бо нохун.

Шавад то дастҳош аз пардаҳои барбаташ кӯтаҳ,
Халифо кардаанд аз дастҳояш панҷаро калта,
Нахонад то хуросонӣ, лабашро низ дӯзида,
«Тароникномак»-у чилтор созашро бисӯзида.

Сипас ин корро халқи Хуросон қисса бинмуда,
Халифоро ба ҳар ҷо дида, он ҷо ҳиса бинмуда.
Барои кина рӯ гардондаанд аз қиблаи тозӣ
Ба сӯи қиблаи Зардушту ҳурмузӣ…

Кашида Борбад дар пардаи бам шеҳаи Шабдиз,
Ба шабҳои сиёҳе карда мардумро ҳама шабхез.
Чу бо барбат алайҳи барбарият буда тадбираш,
Ба зер оварда ҳар ҷо барбариро пардаи зераш.

Чу карда пардаҳои росташро рост бар ногоҳ,
Замоне дар замона рост карда пушти мардумро
Гаҳе дар нуқтаи поёну гаҳ дар нуқтаи боло
Зада мардона роҳе, на зада аз роҳ…

Ба паҳлӯ бурда лаҳнашро басе паҳлӯрабоёне,
Ба сони ҳашт ганҷи Хусрави Парвизи сасонӣ,
Ба берӯӣ ҳама таснифи ӯро карда рӯбардор,
Ба исмаш хат кашида аҳли мавсумии ноикрор.

Ба номи Борбад шеъри сафедеро, ки месозам,
Ту гӯӣ бар сари ин хаткашиҳо шир мерезам.
Ман аз болои номаш мебарам бо шир хатҳоро,
Хатоҳоро...

Нахустустоди устодони хуньё Борбад буда,
Навогар ровии яшти «Абисто» Борбад буда.
Забонаш чун забона будааст аз оташи Зардушт,
Варо куштаст он ки оташи Зардуштро мекушт.

## Устоди шаб

Рӯ ба рӯям коғази абри ҳаво,
Абри чашмам мешавад ҳар дам сиёҳ.
Мекашам неши забонамро қафо,
То бирӯяд дар лабам пеш аз садо
Сурх як табхола барқи мисрае.

Пуштаҳои ғаллакорӣ бефара,
Мехамад маҳ то сари Хирмандара,
Мешавад аз ёдбуди ин дара
Косаи лабрези чашмам якбара,
Модарам хоб аст дар Хирмандара.

Ӯ ба он сӯ рӯзи бороне гузашт,
Бо пули тобути ларзоне гузашт,
Бори аввал модари кампири ман
Дарахирманро ба осонӣ гузашт.

Муддате шуд модарам дар хона нест,
Модари ман дар забони модарист.
Пуштвори ман чу гӯри сабзи ӯ,
Ҳарду ҷилди сабзи фарҳанги дарист...

То кунам гуфтам ба шеъре лаб сафед,
Ногаҳон шуд осмони шаб сафед,
Ёдам омад устоди мӯсафед,
Устоде к—аз навиштавҳо шуда
Мӯи ӯ аз бӯри мактабҳо сафед.

Осмони шаб бувад устоди ман,
Моҳтобаш нони кӯҳистони ман.

Гар нагӯям шеъри кӯҳистоние,
Мон, шаби устод шабкӯрам кунад.
Гар нагӯям шеъри кӯҳистоние,
Нони моҳтобаш занад кӯрам кунад.

**Китоби «Тоҷикон»**

Мурда буд дар хоб гӯё бахти хоби тоҷикон,
Ношумурда мӯхтасар мешуд ҳисоби тоҷикон.
Бахшу бобе ҳарчи буд дар бахшу боби тоҷикон
Бекитобон канда буданд аз китоби тоҷикон.

Аз миёнаш сикабарҳо сика бурду сика хӯрд,
Аз даҳонаш тикабарҳо тика бурду тика хӯрд.
Аз Атобак гарчи дар ин минтақа антиқа буд,
Кас намедонад, ки буд ғайр аз китоби «Тоҷикон».

Гар набудӣ ҳар сафоле фол аз асри сафол,
Гар набудӣ тоҷики асри сафол устокулол,
Хамчунон ҷилди заминаш аз сафолу аз сафол
Пур намешуд ин қадар ҷилди китоби «Тоҷикон».

Гар набуд аз устухони кӯҳнае моро аён,
То бидонем аз куҷо бишкаста миллатро миён,
Чун тарақҳои заминаш ин қадар аз устухон
Пур намеомад варақҳои китоби «Тоҷикон».

Дӯш тоҷикро намедонам чи қисмат будааст,
Худ ба Хатлону расул аз Устувохат будааст,
Лоҷарам, аз Устувохат, лек бехат будааст,
Ман надидам нусхаташро дар китоби «Тоҷикон»...

Дар ҳавошии қаламрав бе қаламҳо будаанд,
Бе қаламҳои ҳавошӣ бе қадамҳо будаанд.
Беқаламҳои ҳавошӣ дар қалам уфтодаанд
Ин замон андар ҳавошии китоби «Тоҷикон».

То Хуросонро хӯрад осон намонад порае
Бо хӯру осон ҷудо кардаш хуросонхорае.
Баъди сад садсола охир ҳар Хуросонпорае
Ёфт пайванди китобӣ дар китоби «Тоҷикон».

Дигаронро бар дарун дарҳо, ки вомешудаанд,
Бе барамад будаанду бо даромад будаанд,
Тоҷиконро бар бурун дарҳо, ки вомешудаанд,
Бе даромад будаанду бо баромад будаанд.

Бо вуҷуди ин, нашуд аз асли худ умре ҷудо,
Бо фушурданҳо нашуд чашмаш фушурда чун ҳаво.
Каштали кӯҳро гирифт аз дастӣ кашталкандаҳо,
Пушт бар каҳ на, ба кӯҳ бинҳод аз бепуштҳо.

Ин замон бозорӣ нони тоҷикон бе муштарист,
Лек бозори китобаш бе дусад муштоқ нест.
Ҷои нони хонагӣ бар каф китоби хонданист,
Ҳамчу болой ба болои китоби «Тоҷикон».

Токдони хонаи мо ҷои дастархони мост,
Токдони чашми мо ҷои китоби «Тоҷикон».

**Ангалҳо**

Дар замони мо суханбозӣ ҳунар нест,
Эй ватанбозон, ватанбозӣ ҳунар нест!
Ин муқаддас,
Ин фаҷеатро бипурсед
Аз занони ҷомашӯи ҷанги Гирмон,
Аз ҳамон занҳо, ки андар хуни аскарбачаҳои халқ
оғушта,
Ҷомаи хунини аскарбачаҳои халқро бо дасти худ
шуста.

Дар замони мо суханбозӣ ҳунар нест,
Эй ватанбозон, ватанбозӣ ҳунар нест...
Тӯдае аз ҷабҳаҳо бигрехта
Гашта пинҳон андаруни чинҳои ҷабҳаи халқ.
Бояд онҳоро биҷӯем,
Бояд онҳоро биронем аз даруни чинҳои ҷабҳаи
халқ!

Тӯдае монанди ангалҳо тараққӣ кардаанд
Дар тараққҳои кафи дастони деҳқонон.
Бояд онҳоро фишорем аз тараққҳои кафи дастони
деҳқонон!
Бояд онҳоро биронем аз тараққҳои кафи дастони
деҳқонон!

Ҳар пагоҳӣ риши худро метарошам ман,
То наёбад ришвахоре дар таҳи ришам панogoҳ,
Ришвахоре, ки ҳаросон асту мӯҳтоҷи панogoҳ аст,
Он ки аз муъҷизаи ришу бурутҷунбонӣ огоҳаст.

Пешӣ ман олуфтае чун ҳарфи чопӣ менамояд,
Лек аз ин олуфтагиҳо чоплӯсӣ менамояд...
Одами думболадор аст,
Он ки модар гарчи думдораш назода,
Ҳамчу дун аз думравоне дар паси худ дум ниҳода.
Бояд ин думро бурид аз бех,
Дум надорад хосият бар одамизода.

Ман валекин бештар аз пурнависам дар шигифт,
Нав нагуфту нав ба нав аз халқ навдорон гирифт.
Бар тани девораш ин донишмаоб
Чида як девор аз хишти китоб,
Хишти девори утоқаш пухтаву хишти китобаш хом...

Мон ту корашро заминҷунбӣ кунад ҳал,
Бар сараш хишти китобаш афтад аввал!

Дар замони мо суханбозӣ ҳунар нест,
Эй ватанбозон, ватанбозӣ ҳунар нест!...
Пашаҳоро бошаҳо кардан ҳунармандист,
Бошаҳоро пашаҳо кардан ҳунар нест!

**Аз дарахти соя афтодам**

Вақте ки ман як бачае будам,
Ошиқи духтарчае будам…
Ӯ маро аз рӯи болохонашон
Сӯз медод,
Ё бароям ҳарчӣ мепартофт,
Худ наметофт.

Вақте ки маҳ мешуд намоён
Бегаҳӣ аз пушти хирман,
Сояҳо чун кӯдакон аз қадкашак қад мекашиданд,
Ман ба пушти боми онҳо медавидам,
То ба болохонашон,
Қад кашам бо сояҳои рӯи девор...

Хонаи онҳо сафедак буд,
Гоҳ бегоҳӣ
Пушти бомаш пур зи кӯдак буд.
Ҳамчунон ҳангомае
Ҳангомаи пешин
Мерасид овози карнай то сари ёл,
Мебаромад ҳову ҳу аз пуштаву бармол,
Аз навбати мол:
«Ҳой кино! Ҳой кино!»

Подаро барвақт оварда,
Дар ба дар аз ҳам ҷудо карда,
Мо ба пушти боми онҳо медавидем.
Дар миёни хору хас шишта,
Хобро аз чашмамон молида медидем
Ҷанги сурхону сафедонро...

Пас, дигар бегоҳу шабҳо
Дар миёни хору хас ман будаму ман.
Зери моҳи соярӯён
Рӯи девори сафедмон
Аз сафедоре сафедори баланди соя мерӯид.

Ман хаёлан мебаровардам
Дастаҳои нарми борики дарози соягӣ,
Пойҳои нарми борики дарози соягӣ.
Ман сафедори баланди сояро
Бо пойҳои соягиам қайчӣ карда—қайчӣ карда
Мебурмадам боло.

Ногаҳон шаббода мегашт,
Бо сафедораш
Сафедори баланди соя меларзид,
Дасту пои соягии ман ба он якҷоя меларзид,
Дасту пои соягии ман хато мехӯрд,
Аз дарахт афтода мемондам,
Лек хомӯш...
Мепаридам ҳарчи буд аз ҳӯш...
Модарам аз шабдарав гашта,
Хобу хоболудаам зери каш мекарду мегуфт:
Ҳолӣ кино мешавад гуфта
Бачаи бечорама хов бурда дар кӯча.

## УНВОНИ ШЕЪРҲО

Худамро мебарам бар дӯши худ боз ... 4
Фарзанди деҳқон ... 7
Шоиру шеъре агар ҳаст… ... 9
Муҷассамаи Айнӣ ... 12
Антигона ... 14
Забони модарӣ ... 16
Тирамоҳ ... 19
Тоҷикистон ... 21
Қисмати шоир ... 23
Бо чамидан, бо шамидан, бо чашидан... ... 25
Деҳқон ... 27
Духтари деҳқон ... 29
Дарахти садда шуд дар пушта модар ... 30
Ватан ... 33
Хонаи мӯр ... 35
Ба устод Сотим Улуғзода ... 37
Дар оғӯши кӯҳистон ... 39
Тирамоҳ ... 41
Мақола ... 43
Барои Аслиддин Осимӣ ... 46
Ширбаҳо ... 47
Асп ... 49
Ҳамхуни лолаҳо ... 51
Бо доғҳо дар боғҳо ... 53
Сабук ... 55
Сипос ... 59
Такрор ... 61
Баччаҳои деҳотӣ ... 63
Метаровад шафақ аз шишаи субҳ ... 65
Кӯдакиям ҳанӯз гирьён аст ... 66
То саҳар бедор будам ... 67
Боз дар ҳошияи уфқи чануб ... 69
Барои Лоиқ ... 71
Сафаре ба дилҳо ... 73
Чашм бар ҳошияи сабзи уфуқ ... 75
Кӯдакӣ кӯ? ... 76

Сарбоз ........ 78
Кафшер ........ 80
Мо кӯдакон будем ........ 83
Абрҳо ........ 86
Ба хотираи профессор Темур Собиров ........ 89
«Шаҳри Осӣ» ........ 91
Душанбе ........ 93
Мадду ҷазр ........ 95
Шаб ба мисли мӯи афшон ........ 97
Шабеха ........ 99
Ҳасад мебарам ........ 101
Саҳна ........ 103
Роҳҳо ........ 105
Хати сурх ........ 107
Бухоро ........ 109
Пас аз мо ........ 112
Ман худамро кушта-кушта... ........ 114
Теғи Сино ........ 116
Дареғо ........ 118
Соядасте барои Муҳаммадҷон Шукуров ........ 119
Модар ........ 120
Пирамард ........ 122
Доғнома ........ 123
Баданам аз қаламам нест ҷудо ........ 125
Дар ёдбуди Муҳаммадҷон Раҳимӣ ........ 127
Шеъри бесадо ........ 128
Барои Раҳим Ҳошим ........ 130
Мондаам дар ҳалқи дарьё ........ 132
Дар офтобшин ........ 134
Шеъри сафед ........ 136
Ҷониби рӯи ту рӯ гардондаам аз чор сӯ ........ 138
Хобат барад ба ҷунбиши мавзуни набзи ман ........ 139
Чанбари тилло ........ 140
Биншин ба рӯи чашми ман ........ 141
Се қадам аз ин муқаддам ........ 143
Дарьё туӣ, дарьё манам ........ 145
Шири бӯрида ........ 146
Қасам ба ҳарду дидаам ........ 148

Мешавам аз нестиат нест ... 149
Пайванд ... 151
Дилам месӯзад ... 152
Аз мӯи то зонӯи ту як мӯ набахшам бар касе ... 153
Сарнома ... 154
Гирехи санг ... 155
Бӯса ба дуньё задам ... 156
Сафедор ... 157
Шаби Файзобод ... 159
Ишқи тиллоӣ ... 160
Ситораҳо ... 162
Номаҳо ... 164
Ғазали арӯсӣ ... 166
Дар зери шаршара ... 167
Дар миёни бистари оҳорие ... 169
Камони ранга ... 171
Ману туву моҳ ... 172
Эй ҷон, биё ба ҷои ҷон баргард ... 173
Борон ... 174
Суруди шабҳангом ... 176
Лолаҳо ... 178
Шаб ... 180
Ширмаҳтоб ... 181
Мераванд абрҳои тобистон ... 183
Рез борон, рез борон ... 185
Фирдавсӣ ... 187
Борбад ... 191
Устоди шаб ... 193
Китоби «Тоҷикон» ... 195
Ангалҳо ... 197
Аз дарахти соя афтодам ... 199

**Собир Бозор**.
Бо чамидан, бо чашидан. (Шеърҳо).

«Бо чамидан, бо чашидан »... унвони китобе қарор гирифтааст, ки хеле тасвирист. Ба истилоҳ, шоир мавзуоти худро бо забону чашму гӯшу бо димоғу дасту по қаламӣ кардааст. Ӯ воситаи ҳарфу ҳиҷо ва зеҳну ҳавоси тозаи шоирона тасвирҳое сохтааст, ки моломоли рангу бӯи табиати Ватананд. Бозор Собир бо ин гузинаи шеър ҳиссаи зиёди сурудаҳои худро дигарбора ба хонандагон вомегузорад. Яъне мушаххаси эҷодиёти ӯ инак, зери дасти шумост.

**Собир Бозор**.
Зазаравная. (Стихи).

Творчество поэта Бозора Сабира хорошо известно любителям литературы. Его стихи отличаются своеобразным поэтическим мировосприятием, пониманием вечных и всегда современных философских проблем добра и зла. Поэт убежден, что любовь, разум, доброта — настоящие критерии, по которым определяется и ценится человеческая жизнь.

By Touch And Taste
Copyright © 1987 Bozor Sobir
All rights reserved

**Нашриёти «Адиб», 1987**

# Бозор Собир

# ЗАЗДРАВНАЯ

(на таджикском языке)

Муҳаррир *В. Одина*
Ороши *Ю. Волнянский*
Муҳаррири ороиш *С. Логинов*
Муҳаррири техникӣ *Е. Цынн*
Мусаҳҳеҳ *О. Ғафурова*

By Touch and Taste
Copyright © 1987 Bozor Sobir
All rights reserved

Бра матбаа 01.11.86 супурда шуд. Ба чопаш
21.07.97 имзо шуд. КЛ 06028. Формати 70хХ90 $^1/_{32}$.
Коғази типографии № 2, Гарнитурааш адабӣ.
Чопаш барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 7,6.
Ҷузъи рангаи шартӣ 7,678. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 6.06.
Адади нашр 13000 нусха. Супориши № 2996.
Нархаш 80 тин.

Душанбе, нашриёти «Адиб», кӯчаи Айнӣ, 126.
Матбааи № 1, Комитети давлатии РСС Тоҷикистон
оид ба корҳои нашфиёт, полиграфия ва савдои китоб,
Душанбе, хиёбони Ленин, 37.